# СОДЕРЖАНИЕ

**Президент**

Выступление Основателя мира и национального единства-Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона на встрече с преподователями и студентами Таджикского государственного медицинского университета и работниками отрасли здравоохранения по случаю Дня знания и начало учебного года. Душанбе, 1 сентября 2018 года ........................ 13

Телевизионное поздравление Основателя мира и национального единства-Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона по случаю 27-ой годовщины государственной независимости. Душанбе, 8 сентября 2018 года ........................ 25

Выступление Основателя мира и национального единства-Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона на церемонии открытия Университета Центральной Азии. Хорог, 14 сентября 2018 года........................ 28

Выступление Основателя мира и национального единства-Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона на встрече с руководством и активом Горно-Бадахшонской Автономной области. Хорог, 15 сентября 2018 года........................31

**Государственное управление**

***Махмадрахимзода Ф.А.*** Роль лидера с позиции мыслителей Востока ........................ 50

**Международное сотрудничество**

***Комилбеков А.К.*** О перспективе сотрудничества Таджикистана и Кыргызстана по подготовке кадров в области государственного управления ........................ 59

**Молодёж и государственное управление**

***Шарипов Ш.Р.*** Основные факторы привлечение молодёжи к государственному управлению в период независимости Республики Таджикистан ........................ 66

**Вопросы воспитания**

***Ахмадзода З.К.*** Вопросы воспитания в творчестве классиков таджикской литературы.................................................................71

***Мирзоева Ш.Г.*** Взаимодействие семьи и школы в повышении уровня обучения и воспитания подростков..........................................77

**Сокровище предких**

***Махмадов И.*** Чакан - изъящное сокровище в возрождении культуры предков.........................................................................82

**2018 – Год развития туризма и народных промыслов**

***Шукурзода А., Вохидов Н. Х.*** Роль внутреннего туризма в национальном единстве.........................................................................88

***Хайриддини Аслиддин, Гаюров Ф.З.*** Роль информационных технологий в управлении туристической индустрией ..........................95

**Вопросы языка и языкознания**

***Рахимов Ф***. Развитие компьютерной лингвистики в Республике Таджикистан..........................................................................101

***Джихонова Г.А*** Префиксы прилагательных в газелях Джалолиддина Балхи ..........................................................................107

***Шукурова Т. Ф.*** Артикль в системе средств актуализации имени в немецком языке ..........................................................................113

**Методы и технологии инновационного обучения**

***Ахмедова Б.С.*** Дидактические основы использования интернет-технологий в обучении иностранным языкам студентов неязыкового вуза ..........................................................................126

***Юсупов Н.О.***, Некоторые вопросы применения инновационных технологий в преподавании английского языка.........132

**Инновации и страхование**

***Хамдамзода З. Р. Фирдавси Джума*, *Баротов Б.И.*** Развитие регионального рынка страховых услуг и повышение эффективности его функционирования в Согдийской области ...........136

## CONTENT


### President

Speech by the Founder of Peace and National Unity-Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, at the meeting with teachers and students of the Tajik State Medical University and health care workers on the Day of Knowledge and the beginning of the school year. Dushanbe, September 1, 2018 ......................................................................13

Television greetings of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon on the occasion of the 27th anniversary of state independence. Dushanbe, September 8, 2018....................25

Speech by the Founder of Peace and National Unity-Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, at the opening ceremony of the University of Central Asia. Khorouhg, September 14, 2018..................................28

Speech by the Founder of Peace and National Unity-Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, at a meeting with the leaders and activists of the Badakhshoni Kouhi Autonomous Region. Khorouhg, September 15, 2018.........................................................................................31

### Public administration

***Mahmadrahimzoda F.A.*** The role of leadership from point of view of Eastern thinkers .........................................................................................50

### The international cooperation

***Komilbekov A.Y.*** On the prospect of cooperation of Tajikistan and Kyrgyzstan for personnel training in the field of public administration ......................................................................................... 59

### Youth and public administration

***Sharipov Sh. R.*** Major factors of attracting youth to public administration during the independence period of the Republic of Tajikistan.......................................................................................... 66

### Education issues

***Ahmadzoda Z. K.*** Issues of education in the works of the classics of tajik literature......................................................................................... 71

***Mirzoeva Sh. G.*** Interaction of family and school in improvement of levels of teaching and education of adolescents…………………77

**Ancestral treasure**

***Mahmadov I.*** Chakan - a numerous treasure in the revival of culture of ancestors ........................................................................... 82

**2018 - Year of development of tourism and folk crafts**

***Shukurzoda A. Vohidov N.H.*** Domestic tourism's role in national unity .......................................................................................... 88

***Khairiddini A.*** The role of information technologies in the tourism industry management ...................................................................... 95

**Questions of language and linguistics**

***Rahimov F.*** Development of computer linguistics in the Republic of Tajikistan ......................................................................................... 101

***Jihonova G.A.*** Adjective prefixes in ghazals of Jaloliddin Balkhi ........... 107

***Shukurova T. F.***Article in the system of actualization of the noun in German language ........................................................................... 113

**Methods and technologies of innovative education**

***Ahmedova B. S.*** Didactic bases of the use of internet technologies in teaching of foreign languages to students of a non-language university ........................................................................................ 126

***Yusupov N. O.*** Some issues of the use of innovative technologies in teaching of English at the present stage ..................................................... 132

**Innovation and Insurance**

***Hamdamzoda Z. R.,Firdavsi Juma, Barotov B. I.*** Development of the regional market of insurance services and improving the efficiency of its functioning in the Sogd region .......................................................... 136

# СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ВОХӮРӢ БО УСТОДОНУ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ВА КОРМАНДОНИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ОҒОЗИ СОЛИ НАВИ ТАҲСИЛ. 1СЕНТЯБРИ СОЛИ 2018, ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Устодону донишҷӯёни гиромӣ!**

**Муҳтарам роҳбарону кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ!**

**Ҳозирини арҷманд**!

Ҳамаи шумо ва устодону омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, хонандагону донишҷӯён, аҳли маориф, кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии мамлакатро ба муносибати оғози соли нави таҳсил, Рӯзи дониш ва дарси сулҳ табрик мегӯям.

Соли нави таҳсил, ки бо дарси сулҳ шурӯъ мегардад, ҳар яки моро водор месозад, ки доир ба моҳияти сулҳ, аҳаммияти суботу оромӣ ва ваҳдати миллӣ дар шароити кунунӣ бори дигар андеша кунем. Зеро масъалаи сулҳ дар ҳамаи давру замонҳо ва бахусус, дар шароити ниҳоят мураккаби ҷаҳони имрӯза аз ҷумлаи масоили ниҳоят муҳим буда, ҳифзи он шарти асосии пойдории ҳар як давлат ва дар маҷмӯъ, амнияту осудагии ҷомеаи башарӣ мебошад.

Сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ, хусусан, барои мардуми шарифи тоҷик мафҳуми бисёр азиз буда, сокинони кишвари мо ба қадру манзалати ин неъмати ҳаётбахш бештар мерасанд. Зеро халқи Тоҷикистон бар асари даргириҳои сиёсии солҳои 90-уми асри гузашта ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба зарбаи ҷонкоҳе гирифтор шуд, ки даҳшати онро ягон фарди солимфикри ҷомеаи мо ҳаргиз фаромӯш намекунад.

Мо хуб дар хотир дорем, ки дар он солҳо баъзе кишварҳо ба воситаи дастёрони худ, яъне роҳбарону фаъолони собиқ ҳизби террористиву экстремистии наҳзат – хоиноне, ки барои қонеъ сохтани нафси бади хеш Ватан, миллат, таъриху фарҳанги миллӣ ва ҳатто мазҳабашонро фурӯхта буданд, мехостанд ба сари мардуми мо фарҳангу мазҳаби бегонаро таҳмил карда, дар Тоҷикистон давлати исломӣ барпо намоянд. Ҳарчанд ки ҷанги таҳмилӣ дар кишварамон боиси қурбонии зиёд ва хисороти ниҳоят вазнин гардид, вале ин нақшаи шуми душманони миллати мо барбод рафт ва тири хоинони Тоҷикистон хок хӯрд.

Мардуми шарифи тоҷик дар атрофи Ҳукумати қонунӣ ва фарзандони огоҳу бонангу номуси худ муттаҳид шуда, сохти давлатдории демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявиро интихобу пуштибонӣ карданд.

Бо дарназардошти сабақҳои талхи солҳои 90-ум ман шаҳрвандони кишварро доим ҳушдор медиҳам, ки ҳамеша ҳушёр бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва дар ғафлат намонанд. Зеро солҳои охир дар натиҷаи торафт густариш пайдо кардани фаъолияти гурӯҳу ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ вазъи ҷаҳон ба дараҷае ҳассосу печида ва мураккабу пешгӯинашаванда гардидааст, ки ягон кишвар кафолати эмин мондану дар канор будан аз ин раванди хатарнокро надорад.

Имрӯз дахолати берунаи харобкоронаву тақдирсӯзе, ки беш аз ду даҳсола қабл дар Тоҷикистони мо сурат гирифта буд, дар чандин кишвари Шарқи Наздик ва Миёна ва дигар минтақаҳои дунё, аз ҷумла Сурияву Ироқ, Тунису Яман, Афғонистон ва мамолики дигар амалӣ гардида, дар натиҷа садҳо ҳазор одамони бегуноҳ ба ҳалокат расидаанд ва миллионҳо нафари дигар ба тарки манзили зисту ватани худ маҷбур шудаанд. Дар чунин шароит ҳимояи сулҳу оромӣ ба масъалаи муҳимтарин, аввалиндараҷа ва ҳаётии сокинони сайёра табдил ёфта, аз ҷумла ҳар яки моро низ водор месозад, ки ба қадри суботи комили сиёсии Ватани азизи худ расем ва онро чун неъмати бебаҳои зиндагиамон ҳифз намоем.

Мо насли наврас ва ҷавононро бояд дар руҳияи ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстӣ ва ифтихори ватандорӣ тарбия кунем. Фарзандони мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошанд, ки илму дониш омӯхтан, соҳиби касбу ҳунар шудан ва зиндагии осудаву фаъолияти самараноки онҳо дар оянда аз ин омили ҳаётбахш, яъне сулҳу оромии кишвар ва суботи сиёсии ҷомеа вобастагии мустақим дорад.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳамаи захираву имкониятҳоро ба фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагиву таҳсили наврасону ҷавонон, яъне насли ояндасози миллат сафарбар кардааст.

Ҳукумати мамлакат бо мақсади таъмин намудани рушди илму маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳалли масъалаҳои шуғлу варзиш маблағгузориро ба ин соҳаҳои афзалиятнок сол ба сол афзоиш медиҳад.

Танҳо соли равон дар кишвар аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 150 муассисаи нави таълимӣ ба маблағи 524 миллион сомонӣ барои 70 ҳазор нафар хонанда бунёд гардида, як қисми онҳо дар арафаи соли нави таҳсил ба истифода супорида шуданд ва қисми дигарашон то охири сол ифтитоҳ карда мешаванд.

Тибқи амре, ки 22 майи соли равон ба имзо расонидам, аъзои Ҳукумат, роҳбарони кумитаҳо, хадамоту агентиҳо, дигар сохтору мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳоро, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, вазифадор намудам, ки дар тамоми шаҳру ноҳияҳо, махсусан, дар деҳаҳои дурдаст барои бунёди иншооти таъиноти иҷтимоӣ, аз қабили муассисаҳои соҳаи маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва соҳаҳои хизматрасонӣ якҷо бо соҳибкорону тоҷирон ва сокинони маҳалҳо тадбирҳои мушаххас андешанд.

Бовар дорам, ки то соли 2021, яъне то ҷашни сисолагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азизамон қисми зиёди мушкилоту масъалаҳои соҳаи иҷтимоӣ рафъ хоҳанд шуд.

Дар ин раванд мо ният дорем, ки то соли 2021 таъмиру таҷдид ва бунёди муассисаҳои таълимиро дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат асосан ба анҷом расонем.

Як масъаларо хотирнишон менамоям, ки ба шарофати истиқлолият ва дар натиҷаи ғамхории доимии Ҳукумат ҳоло дар кишвар ҳамаи шаклҳои муассисаҳои таълимӣ - литсею гимназияҳо, литсейҳои Президентӣ ва мактабҳои байналмилалӣ барои хонандагони болаёқат, коллеҷҳо ва филиалҳои муассисаҳои бонуфузи таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ фаъолият доранд, ки чанд даҳсола пештар касе доир ба таъсиси онҳо ҳатто фикр намекард. Илова бар ин, имрӯз ҳазорҳо нафар ҷавонони тоҷик дар беҳтарин мактабҳои олии мамолики пешрафтаи ҷаҳон машғули омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар мебошанд.

Мо ба масъалаи ғамхорӣ нисбат ба кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ ҳамеша эътибори аввалиндараҷа медиҳем. Масалан, танҳо музди меҳнати кормандони соҳаи маориф аз соли 2000-ум то соли 2018 беш аз 100 баробар зиёд карда шудааст. Бо мақсади идома бахшидан ба раванди беҳсозии шароити моддии кормандони соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ рӯзи 14 августи соли ҷорӣ фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба баланд бардоштани андозаи музди меҳнати онҳо ба имзо расид, ки ҳамаи шумо аз ин иқдом хабар доред.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тибқи таҳлилҳо солҳои охир сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимии кишвар беҳтар шуда истодааст. Як қисми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, бахусус, литсею гимназияҳо ба омӯзиши илмҳои дақиқу табиӣ ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ афзалият дода, дар ин самт ба пешравиҳо ноил гардидаанд.

Ҳоло ислоҳоти зинаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бомаром амалӣ шуда истодааст. Дар натиҷа сатҳу сифати тайёр кардани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ имрӯз рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст. Дар маҷмӯъ, навсозӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ва пас аз таҳсилоти олии касбӣ бомаром идома ёфта, бо татбиқ гардидани усулҳои нави таълим дар аксари ихтисосҳо беҳбудӣ ба мушоҳида мерасад.

Ҳоло доираи ҷаҳонбинии наврасону ҷавонон васеъ гардида, шавқу рағбати онҳо ба омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар зиёдтар гардидааст. Сатҳи маърифат, одобу ахлоқ ва саъю талоши насли имрӯза, яъне фарзандони замони истиқлолият моро ба ояндаи неки онҳо эътимод мебахшад. Итминон дорам, ки насли ояндасози мо минбаъд низ ба

омӯзиши илмҳои муосир ва ҳифзи арзишҳои миллӣ эътибори бештар хоҳад дод.

Дар баробари дастовардҳои зикршуда дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва баъд аз таҳсилоти олии касбӣ сифати таълим ва сатҳи дониш ҳанӯз ба стандартҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои талаботи давлатӣ ҷавобгӯ нест. Чунин вазъ дар низоми таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва баъди таҳсилоти касбии соҳаи тандурустӣ низ ба мушоҳида мерасад.

Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки имрӯз бо шумо мулоқот карда, фикру мулоҳизаҳои худро доир ба дастоварду пешравиҳо, натиҷаҳои ислоҳоту навсозӣ, татбиқи консепсияву барномаҳои давлатии соҳаи тандурустӣ, сатҳи донишу малакаи донишҷӯёни муассисаҳои таълимии соҳа ва мушкилоти дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мавҷуда баён намоем.

Ҳадафи стратегии давлату Ҳукумат дар соҳаи тандурустӣ бо роҳи ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим таъмин намудани солимии аҳолӣ, беҳтар гардонидани нишондиҳандаҳои дарозумрии инсон, паст намудани сатҳи беморӣ, маъюбӣ, фавти модару кӯдак, пешгирӣ кардани бемориҳои гуногуни сироятӣ, баланд бардоштани сифати кумаки тиббиву санитарӣ, назорати бехатарии маводи доруворӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳа мебошад.

Бори дигар таъкид менамоям, ки солимии миллат боигарии давлат аст.

Ба хотири расидан ба ин ҳадаф мо, пеш аз ҳама, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти тиббиро таҳким бахшидем. Аз ҷумла дар даврони истиқлолият мо як қатор қонунҳои соҳаи тибро таҳия ва тасдиқ намудем, ки дар онҳо барои рушди соҳаи тандурустӣ заминаи меъёрии ҳуқуқии муосир фароҳам оварда, вазифа ва уҳдадориҳои кормандони соҳа, муассисаҳои табобативу пешгирикунанда ва дигар сохторҳои хизматрасонӣ дар ин самт муайян ва мушаххас гардидаанд.

Соли гузашта Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он 16 қонуни соҳавӣ муттаҳид карда шудааст.

Ҳукумати мамлакат маблағузории соҳаи тандурустиро сол ба сол зиёд мекунад. Дар муддати бисту ҳафт сол маблағгузории соҳа қариб 1600 баробар афзоиш ёфта, аз як миллион сомонии соли 1992 ба 1 миллиарду 550 миллион сомонӣ дар соли 2018 расидааст. Музди меҳнати кормандони соҳа нисбат ба солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ 315 баробар афзоиш ёфтааст. Илова бар ин, Ҳукумати мамлакат тавассути 95 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба соҳаи тандурустӣ, дар маҷмӯъ, беш аз як миллиарду 800 миллион сомонӣ равона намудааст.

Дар даврони истиқлолият, дар маҷмӯъ, зиёда аз 1500 муассисаи тандурустӣ бунёд ва бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин гардида, аз ҷумла фақат дар панҷ соли охир беш аз 120 беморхона, 210 маркази саломатӣ, 80 дармонгоҳ, 250 бунгоҳи тиббӣ ва 56 корхонаву коргоҳҳои соҳа сохта, ба истифода супорида шудаанд. Дар назар аст, ки дар се соли минбаъда, яъне

то ҷашни сисолагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз зиёда аз 1000 муассисаи тиббии нав – марказу бунгоҳҳои саломатӣ, беморхонаҳо, таваллудхонаҳо барои 10-15 кат, марказҳои ташхис, утоқҳои муҷаҳҳаз барои хатна бунёд ва бо таҷҳизоту лавозимоти муосири тиббӣ таъмин гардонида, ба истифодаи сокинони шаҳру ноҳияҳои кишвар супорида шаванд.

Афзоиши мунтазами аҳолӣ талаб мекунад, ки мо барои соҳаҳои тандурустиву маориф боз ҳам муассисаҳои бештар бунёд кунем. Соли 2017 ва шаш моҳи соли ҷорӣ дар маркази вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо 24 беморхонаву марказҳои саломатӣ ва 78 бунгоҳи тиббӣ ба фаъолият оғоз кардаанд, ки ҳамаи онҳо бо таҷҳизоту технологияҳои муосир муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Таъсис ёфтани чунин муассисаҳои тиббӣ имкон дод, ки дар кишвар як қатор амалҳои муосири ҷарроҳиву табобат гузаронида шаванд ва шумораи шахсоне, ки барои ҷарроҳӣ ба хориҷи кишвар мераванд, кам гардад.

Бо вуҷуди пешравиҳои зикршуда, дар фаъолияти як қатор муассисаҳои соҳа мушкилоте ба назар мерасанд, ки ҳалли онҳо аз роҳбарону масъулони соҳа ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вобаста мебошад. Масалан, қисме аз муассисаҳои тиббӣ, аз ҷумла беморхонаҳо ва дармонгоҳҳо таъмирталаб буда, дар баъзеи онҳо таҷҳизоти муосир намерасад.

Дар кишвар ҳоло қариб 1300 озмоишгоҳ дар сохтори дармонгоҳу беморхонаҳо ва 116 озмоишгоҳи Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фаъолият мекунад, ки вазифаи онҳо бо истифода аз технологияҳои муосир ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ташхис ва муайян кардани бемориҳо мебошад. Вале тибқи маълумоти мақомоти дахлдор дар бештари озмоишгоҳҳо сатҳи касбияти кормандон, малакаи истифодаи таҷҳизоти муосир ва сифати хизматрасонӣ қонеъкунанда нест. Бо дарназардошти ин, зарур аст, ки сатҳу сифати фаъолияти озмоишгоҳҳо ҳамаҷониба баррасӣ гардида, кормандони онҳо аз аттестатсия гузаронида шаванд.

Мо Муассисаи давлатии “Озмоишгоҳи миллии референсӣ”, яъне санҷиширо ба истифода додем, ки айни ҳол фаъолияти пурраи он ба роҳ монда шудааст. Аз рӯйи маълумот ҳоло ин муассиса танҳо ба қисми аҳолӣ хизматрасонӣ карда, дар маркази вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо нуқтаҳои худро таъсис надодааст. Бинобар ин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки доир ба фарогирии ҳамаи озмоишгоҳҳои кишвар тавассути санҷишҳои референсӣ, ки дар онҳо дурустии ташхисҳо бори дигар санҷида мешавад, тадбирҳои иловагӣ андешад.

Дар асоси амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли равон ба муносибати 30-солагии истиқлолияти давлатӣ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ва роҳбарони гурӯҳҳои корӣ

вазифадор карда шудаанд, ки то соли 2021 якҷо бо соҳибкорон бунёд ва таъмиру азнавсозии муассисаҳои тиббӣ, аз ҷумла марказу бунгоҳҳои саломатӣ ва таваллудхонаҳоро вусъат дода, аз натиҷаи корҳо ҳар шаш моҳ гузориш пешниҳод созанд.

Тавре ки медонед, мо дар баробари дастгирии муассисаҳои тиббиву беморхонаҳои давлатӣ барои рушди муассисаҳои тибби хусусӣ низ ҳамаи заминаҳои зарурӣро фароҳам овардаем. Ҳоло дар кишвар 681 муассисаи хусусии тиббӣ, аз ҷумла 382 муассиса бо мақоми шахси ҳуқуқӣ ва 55 филиал, инчунин, 301 муассисаи марбут ба шахсони воқеӣ фаъолият мекунад. Дар чунин муассисаҳо 1600 нафар табибон ва 1500 нафар кормандони миёнаи тиб кор мекунанд. Имрӯз дар мамлакат 58 беморхонаи хусусӣ, 22 маркази ташхис, 69 озмоишгоҳ, 4 маркази дорусозӣ ва зиёда аз 2300 дорухона таъсис дода шудааст.

Қобили таъкид аст, ки баъзе муассисаҳои тибби хусусӣ солҳои охир сатҳу сифати хизматрасониро ба мардум хеле беҳтар ба роҳ мондаанд. Ҳамчунин, якчанд корхонаҳои муштарак бо ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ таъсис ёфтаанд, ки онҳо низ ба аҳолии мамлакат хизмат мерасонанд.

Бори дигар хотирнишон месозам, ки тавассути фаъолияти босамари муассисаҳои тиббии мамлакат,  сарфи назар аз шакли моликият ва тобеияти идории онҳо, ҳоло шумораи шахсоне, ки барои ташхису табобат ба хориҷи кишвар сафар мекарданд, бамаротиб коҳиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, роҳбарон ва муассисони чунин шифохонаву марказҳои тиббиро зарур аст, ки ба касбомӯзии ҷавонони кишвар ва баланд бардоштани сатҳи касбияти онҳо мусоидат намоянд ва таҷрибаи пешқадамро дар мамлакат ҳарчи бештар амалӣ созанд.

Мо низ муассисаҳои хусусиро ҳаматарафа дастгирӣ мекунем ва ба рушди фаъолияти тибби хусусӣ аҳаммияти хосса медиҳем. Лекин аз рӯйи баъзе маълумот дар як қисми ин муассисаҳо таҷҳизоту технологияҳои кӯҳна, маводи доруворӣи пастсифат, муҳлаташ гузашта, бо роҳи қочоқ воридгардида ва аз ташхис нагузашта истифода мешаванд. Баъзе марказҳои саломатӣ ва беморхонаҳои муштарак низ ба чунин камбудӣ роҳ медиҳанд.

Дар кишвар 254 муассисаи хусусии табобати дандон фаъолият мекунад, ки вазъи қисме аз онҳо ташвишовар мебошад. Санҷишҳо нишон медиҳанд, ки дар аксари муассисаҳои хусусии табобати дандон меъёрҳои соҳаи тандурустӣ риоя намешаванд ва қисми зиёди утоқу таҷҳизоти онҳо ба талаботи беҳдоштӣ мутобиқат намекунад. Чунин вазъ боиси ба бемориҳои гуногуни сироятӣ гирифтор шудани одамоне мегардад, ки ба чунин муассисаҳо муроҷиат мекунанд.

Бинобар ин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки якҷо бо Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои зикршуда чораҳои қатъӣ андешад. Ҳамзамон бо ин, вазорат якҷо бо Агентии

стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо сифати доруворӣ, таҷҳизот ва дигар воситаҳои техникиро зери назорати қатъӣ қарор диҳад.

Бояд гуфт, ки масъалаи вобаста ба воридоти доруворӣ боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад. Дар баробари ин, назорати сифати маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ ҳанӯз ҳам дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Агар соли 2000 ба кишвар ба маблағи 25 миллион сомонӣ маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ ворид гардида бошанд, ин рақам дар соли 2017 қариб ба 450 миллион сомонӣ расидааст, ки 18 баробар зиёд мебошад. Танҳо дар шаш моҳи соли 2018-ум 92 тонна маводи доруворӣ, молҳои тиббӣ, маводи ороишиву гигиенӣ ва ғизои кӯдаконаи муҳлати истифодаашон гузашта ва бе сертификати мутобиқат нобуд карда шудаанд. Аз гузоришҳо маълум мегардад, ки қисме аз чунин маводи доруворӣ ба тариқи қочоқ ворид ва дар дорухонаҳо ба фурӯш бароварда мешаванд.

Мутобиқи иттилои Прокуратураи генералӣ солҳои охир шахсони алоҳидаи воқеӣ ва ҳуқуқӣ бархилофи талаботи қонунгузорӣ, бе иҷозатнома, шаҳодатномаи сифат, бақайдгирии давлатии маводи доруворӣ ва аттестатсияи фаъолияти фармасевтӣ, яъне ғайриқонунӣ ба воридот, содирот, коркард, тайёр намудан, озмоиш ва фурӯши маводи доруворӣи қалбакӣ ва ба талабот ҷавобгӯ набуда машғуланд.

Аз ин лиҳоз, ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш дода мешавад, ки дар масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла доир ба пурзӯр намудани ҷавобгарӣ, бахусус, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои воридоту муомилоти маводи доруворӣи бесифат, қалбакӣ ва муҳлати истифодааш гузашта, қочоқи доруворӣ ва истеҳсолу фурӯши маводи ғайристандартӣ чораҷӯӣ намояд. Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки ҷавобгарии табибон, аз ҷумла дандонпизишкон, кормандони кошонаҳои ҳусн ва сартарошхонаҳо барои ба бемориҳои сироятӣ гирифтор намудани шаҳрвандон баланд бардошта шавад. Дорухонаҳое, ки доруворӣ ва маводи тиббии бесифат, муҳлаташ гузашта, қалбакӣ ва бо роҳи қочоқ воридшударо ба фурӯш мебароранд, аз иҷозатнома маҳрум карда, барои чунин амал ҳатто ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шавад.

Инчунин, барои кормандони муассисаҳои табобати дандон, сартарошхонаҳо ва кошонаҳои ҳусн, ки боиси ба ҳар гуна бемориҳои сироятӣ гирифтор шудани одамон мегарданд, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ ворид карда шавад.

**Ҳозирини арҷманд**!

Имрӯз дар кишвар сатҳи фавти модару кӯдак коҳиш ёфтааст.Аз рӯйи маълумоти оморӣ фавти модарон 24,1 нафар ба 100 000 зиндатаваллуд ва фавти кӯдакони то панҷсола 21 нафар ба 1000 зиндатаваллудро ташкил медиҳад.

Вале ҳамин нишондиҳанда низ моро водор месозад, ки ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта тадбирҳои зарурӣ андешем.

Таҳқиқоти солҳои охир нишон медиҳад, ки дар байни кӯдакони то панҷсола аз панҷ як нафар қадпастӣ, аз чор як нафар камхунӣ ва аз даҳ як кӯдак камвазнӣ дорад.

Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар як сол 1300-1400 нафар кӯдакони маъюб ба қайд гирифта мешаванд, ки 55-60 фоизи онҳо дар натиҷаи никоҳи хешутабории наздик ба дунё омадаанд.Дар раванди пешгирӣ кардани пайомадҳои нохуши никоҳи хешутабории наздик, таваллуди кӯдакони маъюб ва паст намудани беморшавӣ ва маъюбӣ дар байни онҳо дар асоси нақшаи тасдиқкардаи Ҳукумати Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии ин масъала боз ҳам мукаммал гардонида шуд.Мақсади асосии муоинаи тиббии ҳатмии шахсони никоҳшаванда - таъмини ҳуқуқи конститутсионии онҳо ба ҳаёт ва саломатӣ, фароҳам овардани шароит барои ташаккули оилаи солиму хушбахт ва пешгирӣ кардани таваллуди кӯдакони маъюб мебошад.

Тибқи супориши Ҳукумати мамлакат дар муассисаҳои тиббӣ ҳуҷраҳои махсус барои хатна ва ҳуҷраҳои модару кӯдак таъсис дода шуда, айни ҳол ба тври ройгон фаъолият карда истодаанд.

Мувофиқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ахолӣ соли 2017 ҳамагӣ 18 ҳазор нафар кӯдакон хатна шуда, дар 6 моҳи соли 2018 зиёда аз 33 ҳазор нафар кӯдакон ба тври ройгон хатна карда шудаанд, ки аз ин шумора қариб 3000 нафар кӯдакони синни то 20-рӯза мебошанд. Ҳол он ки дар як сол ба ҳисоби миёна дар Тоҷикистон 106 ҳазор кӯдак таваллуд мешавад. Аз ин шумора 55 ҳазор нафар писар буда, дар як сол ҳамагӣ 60 фоизи онҳо хатна карда мешаванд.

Бо мақсади аз сирояти ҳар гуна бемориҳо эмин нигоҳ доштани кӯдакон ва ҳифзи саломативу вазъи рӯҳии онҳо супориш дода мешавад, ки дар кишвар фаъолияти устоҳо ё табибони хатнакунандаро пурра қатъ карда, амалиёти хатна танҳо дар муассисаҳои тиббӣ ва тавассути ҷарроҳони касбӣ анҷом дода шавад.

Ҳукумати Тоҷикистон ба масъалаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ диққати аввалиндараҷа медиҳад. Яъне гурӯҳҳои маъюбу осебпазири ҷомеа зери ҳимояи доимии давлат қарор доранд. Ҳоло дар тобеияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 97 муассисаи иҷтимоӣ фаъолият мекунад. Имрӯз дар кишвар зиёда аз 650 000 нафар нафақахӯрон, аз ҷумла 150 000 нафар маъюбон ба қайд гирифта шудаанд. Тибқи маълумоти оморӣ шумораи умумии кӯдакони маъюб ба ҳолати 1 апрели соли 2018-ум 26 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Нафақаи маъюбӣ (иҷтимоӣ) барои кӯдакони маъюб ба ҳисоби миёна дар як моҳ – 224 сомонӣ (ҳаҷми маблағгузории солона қариб 6 миллион сомонӣ) мебошад, ки аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва буҷети давлатӣ пардохт карда мешавад. Ҳоло шумораи кӯдакони маъюб, ки дар

муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нигоҳубин карда мешаванд, қариб 2000 нафарро ташкил медиҳанд.

Маблағгузории нигоҳдории кӯдакони маъюб-бошандагони муассисаҳои будубоши доимии соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар як сол зиёда аз 24 миллион сомонӣ буда, барои як нафар кӯдаки маъюб беш аз 14 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумот то ҳол дар баъзе шаҳру ноҳияҳо аксари кӯдакону наврасоне, ки бо сабаби никоҳи хешутабории наздик ба маъюбӣ гирифтор шудаанд, ҳам аз кумаки аввалияи тиббӣ ва ҳам аз таҳсилот дур мондаанд. Ҳол он ки мо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи хизматрасонии фарогири тиббиро тасдиқ кардем, ки дар асоси он ҳар як маъюб бояд таҳти назорати кормандони соҳаҳои маориф ва тандурустӣ бошад.

Соҳаи дигаре, ки бояд ислоҳу таҷдид карда шавад, соҳаи фарматсевтӣ мебошад. Мувофиқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ то ба имрӯз дар кишвар 32 корхонаи хурду калони истеҳсоли доруворӣ ва гиёҳҳои шифобахш ва беш аз 2 300 дорухона фаъолият мекунад. Дар корхонаву коргоҳҳои соҳа ҳамагӣ 242 номгӯи маводи тиббиву доруворӣ истеҳсол мешавад. Ин ҳамагӣ 8 фоизи талаботи аҳолиро ташкил дода, 92 фоизи маҳсулоти дорувориюю бастабандӣ аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад, ки ин нишондиҳанда моро қонеъ карда наметавонад. Ҳол он ки дар кишвар аз нигоҳи қонунгузорӣ барои бунёди корхонаҳои дорусозӣ тамоми шароит муҳайё карда шудааст.

Ҳарчанд ки мо аз гиёҳҳои шифобахш баъзе намудҳои доруворӣро омода карда истодаем, вале имконоту захираҳои Тоҷикистон, ки дар ҳудуди он зиёда аз 3500 навъи гиёҳҳои шифоӣ мавҷуданд, ҳоло ҳам самарабахш истифода нашуда истодаанд.

Доир ба ин масъала ман дар паёми навбатии худ таъкид карда будам. Дар баъзе беморхонаҳо ва осоишгоҳҳо табобат бо усули гиёҳдармонӣ ба роҳ монда нашудааст, ҳол он ки ҳамаи навъҳои набототи мо ба табобат мусоидат карда, қисме аз онҳо аз ҷониби соҳибкорон ба хориҷа бароварда мешавад.

Аз ин рӯ, вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки якҷо бо соҳибкорони ватанӣ ва бо ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ҷиҳати таъсиси корхонаҳои дорусозӣ, истеҳсоли дору аз гиёҳҳои шифобахши кишвар ва рушди саноати дорусозӣ чораҷӯӣ карда, барои зиёд намудани номгӯи доруворӣ ва маводи бастабандӣ тадбирҳои ҷиддиро амалӣ намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳукумати Тоҷикистон ба рушди илм ва тарбияи кадрҳои баландихтисос диққати аввалиндараҷа дода, маблағгузориро дар ин самт мунтазам зиёд

карда истодааст. Зеро мо метавонем мушкилоти мавҷудаи Ватанамонро тавассути илм бартараф созем ва барои рушди бомароми иқтисоди миллӣ заминаи боз ҳам мусоид фароҳам орем. Бо ин мақсад мо дар сохтори Вазорати тандурустӣ Академияи илмҳои тиброи таъсис додем, ки кормандони он бо корҳои илмиву таҳқиқотӣ машғул шаванд.

Ҳоло дар соҳаи тиб 16 муассисаи илмӣ амал менамояд, ки аз ин шумора 11 муассиса дар даврони соҳибистиқлолӣ таъсис ёфтааст. Дар ин марказҳои илмӣ олимону донишмандони ботаҷриба кору фаъолият доранд ва дар аксари онҳо шӯроҳои илмӣ таъсис ёфта, масъалаҳои муҳимми илми тибро баррасӣ мекунанд.

Бо вуҷуди чунин шароиту имкониятҳо дар соҳаи илми тиб ихтироъкорӣ, гирифтани патентҳо ва сертификатҳо кам мебошад. Дар панҷ соли охир олимони соҳаи тиб ҳамагӣ ба 221 ихтирооту патент ва 447 пешниҳоди навоварӣ (сертификат) соҳиб шудаанд, ки қонеъкунанда нест.

Бинобар ин, роҳбарони муассисаҳои илмии соҳаи тибро зарур аст, ки аз ҳисоби ҷавонон ва мутахассисони боистеъдоду ихтироъкор гурӯҳҳои таҳқиқотӣ ташкил дода, якҷо бо олимони физика, кимиё, техника ва технология доир ба кашфиёту ихтирооти нав чораҷӯӣ намоянд.

Бо таъсис ёфтани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло дар муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар 40 шӯрои диссертатсионӣ ташкил гардидааст, ки аз онҳо 4 шӯро ба соҳаи тандурустӣ алоқаманд мебошад. Ба назари мо, вақти он расидааст, ки илми тиб баробари дигар илмҳои соҳавӣ бояд навсозӣ гардад ва рушди он таъмин карда шавад.

Масъалаи тайёр кардани кадрҳои соҳаи тандурустӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумат ба ҳисоб меравад. Дар стратегияву консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ масъалаи таҳкими иқтидори кадрӣ махсус таъкид ёфта, ҷадвали тайёр кардани кадрҳо вобаста ба шаҳру ноҳияҳо тасдиқ гардидааст.

Қобили зикр аст, ки имрӯз қариб 70 фоизи кормандони соҳаҳои маориф ва тандурустиро занон ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳанда гувоҳи возеҳи ғамхориву дастгирии Ҳукумати мамлакат дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад.

Ҳоло дар дар Тоҷикистон 70 500 нафар кормандони тиб фаъолият доранд. Вале дар айни замон беш аз 4200 нафар табибон ва зиёда аз 2200 нафар ҳамшираҳои шафқат намерасанд, ки асосан ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мансуб мебошанд. Ин ҳолат низ ташвишовар буда, ислоҳи саривақтӣ мехоҳад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии тиббии хориҷи кишвар 530 нафар таҳсил мекунанд, ки 85 нафари онҳо аз ҳисоби стипендияи байналмилалии Президенти Тоҷикистон "Дурахшандагон" мебошанд.

Дар мамлакат 23 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии тиббӣ, аз ҷумла 8 муассисаи ғайридавлатӣ фаъолият дорад, ки дар онҳо 36 500 нафар

донишҷӯён таҳсил мекунанд.Дар фаъолияти коллеҷҳои тиббии давлативу хусусии аксарияти шаҳру ноҳияҳо камбудиву норасоиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои миёнаи касбии соҳаи тандурустӣ ғайриқаноатбахш мебошад. Илова бар ин, то ба ҳол на ҳама китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ таълиф гардидаанд.

Бинобар ин, ба вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш дода мешавад, ки дар ин самт чораҳои иловагии зарурӣ андешанд.

Вобаста ба ин, бояд гуфт, ки сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ аз ҷониби ҳамшираҳои тиббӣ беҳбудии ҷиддиро талаб менамояд.

Аз ин рӯ, Дастгоҳи иҷроияи Президент ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадор карда мешаванд, ки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи тиббӣ, хусусан, коллеҷҳои тиббии ғайридавлатиро ҳамаҷониба санҷида, хулосаи худро ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Ҳоло дар кишвар се муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба тайёр кардани мутахассисони соҳаи тиб машғул аст. Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дорои биноҳои муосири таълимӣ, клиникаҳо ва озмоишгоҳҳои замонавӣ мебошад. Соли 2017-ум 1288 нафар мутахассисони ҷавон ин донишгоҳро хатм кардаанд. Зикр бояд кард, ки сатҳи дониш ва малакаи амалии хатмкунандагони ин муассисаи таълимӣ низ беҳбудиро талаб мекунад. Ҳамчунин, таъкид месозам, ки диққати асосӣ на ба шумора, балки ба сифати таълим ва сатҳи касбияти донишҷӯёну хатмкунандагон дода шавад. Дар баробари ин, дастрасии донишҷӯён ба корҳои ташхису табобат ва муошират бо беморон бояд беҳтар карда шавад.

Соли 2016 бо мақсади бартараф кардани норасоии кадрҳо дар соҳаи тандурустӣ Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон таъсис дода шуд, ки ҳоло дар он зиёда аз 1100 нафар донишҷӯён таҳсил доранд. Мушкилоти асосии донишгоҳи мазкур то ҳанӯз муҳайё нагардидани заминаи зарурии моддиву техникӣ ва нарасидани устодону омӯзгорони дорои дараҷаву унвонҳои илмӣ мебошад. Вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар сохтору мақомотро зарур аст, ки дар ин самт чораҳои дахлдор андешанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳукумати кишвар дар идомаи корҳои созандагиву бунёдкорӣ пайкараи Шайхурраис Абӯалӣ ибни Синоро дар шаҳраки “Шифобахш” ва дар байни бинои марказии Донишгоҳи давлатии тиббии ба номи ин алломаи бузург, ки аз нав қомат рост карда истодааст, ҷойгир намуд, ки он рамзи ҷовидонаи эътибори илми тибби тоҷик мебошад.

Ман борҳо таъкид кардаам, ки вориси Абӯалӣ ибни Сино будан танҳо доштани маълумоти олии тиббӣ ва пӯшидани хилъати сафед нест, балки

идома додани афкору андеша ва маҳорати касбии ин чеҳраи нотакрори Шарқ мебошад.

Ба қарибӣ Анҷумани умумимиллии табибони кишвар Кодекси ахлоқи табибони Тоҷикистонро қабул намуд, ки дар он «Савганди табиби Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қаблан «Қасами Гиппократ» мегуфтанд) ҳамчун роҳнамо ва меъёри ахлоқиву башардӯстонаи ҳар як табиб тасдиқ гардид. Вобаста ба ин, кормандони соҳаи тибро зарур аст, ки ба савганди худ ҳамеша содиқ бошанд ва ба халқи азизамон софдилона хизмат кунанд.

Бовар дорам, ки табибони мо ба нафъи ҷомеа ва солимии он минбаъд талоши бештар карда, сазовори ҳурмату эҳтироми умум мегарданд.

**Дӯстони азиз!**

Илму дониш дар миёни мардуми мо аз қадим мақоми хос дошт ва мардуми бофазлу ҳунари тоҷик ба ин манбаи маърифат ҳамеша арҷ мегузоштанд. Мо низ бояд суннатҳои неки гузаштагонамонро эҳтиром намоем, аз усулҳои муосири таълиму тарбия истифода кунем, доираи донишу маърифат ва камолоти маънавии насли навраси кишварамонро тавсеа бахшида, дар зеҳни онҳо эҳтиром гузоштан ба муқаддасот ва рукнҳои давлатдориро ҷой намоем, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстиву ҳисси баланди миллӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ба воя расонем.

Ҳамаи шумо, ҳозирини гиромиро ба ифтихори ҷашни бузурги миллиамон – солгарди истиқлолияти давлатӣ, ки баъди чанд рӯз фаро мерасад, самимона табрик гуфта, бовар дорам, ки роҳбарону кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф ва масъулони муассисаҳои таълимӣ ба ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта эътибори ҷиддӣ дода, ҷиҳати сазовор истиқбол гирифтани 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз имрӯз кӯшишу талоши дучанд мекунанд ва дар ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон ҳиссаи арзишманди худро мегузоранд.

**Бори дигар Рӯзи дониш ва дарси сулҳ ба ҳамаи сокинони мамлакат муборак бошад!**

# ПАЁМИ ТЕЛЕВИЗИОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ- ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ 27-УМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ДУШАНБЕ, 8 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2018

**Ҳамватанони азиз!**

Дар остонаи бисту ҳафтумин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муқаддастарин ва бузургтарин ҷашни мардуми тамаддунсози тоҷик мебошад, кулли сокинони сарбаланди Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро самимона табрик мегӯям.

Маҳз истиқлолият имконият фароҳам овард, ки мардуми Тоҷикистон тақдири худро ба даст гирифта, роҳи пешрафти минбаъда ва сарнавиштиояндаи сарзамини аҷдодии хешро мустақилона интихоб намоянд. Ба ин маънӣ, истиқлолият неъмати бебаҳо, мояи ифтихор, манбаи худшиносӣ, сарчашмаи нерӯбахш ва омили бунёдии таҳкиму тақвияти пояҳои давлатдории миллии мо мебошад.

Мо ифтихор дорем, ки дар бисту ҳафт соли истиқлолият пойдевори давлатдории миллиамонро гузошта, барои таҳкими он бо заҳмати мардуми сарбаланди кишварамон корҳои бузургро ба анҷом расонидем ва имрӯз ба сӯйи фардои осудаву ободи устуворона қадам мегузорем.

Мардуми Тоҷикистон хуб дар ёд доранд, ки солҳои аввали истиқлолият кишвари азизи мо бар асари фитнаву дасисаи душманони миллат ва хоҷагони хориҷии онҳо ба зарбаи даҳшатноку ҳалокатборе гирифтор шуд. Дар он айёми фоҷиабор аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба як воқеияти талхи рӯз табдил ёфта буд.

Вале хушбахтона, мардуми кишвар дар атрофи Ҳукумати қонунӣ ва фарзандони бонангу номуси худ муттаҳид шуда, ягона роҳи дурусти таърихӣ, яъне эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявиро пеш гирифтанд.

Ҳарчанд ки бисёр мушкилу тӯлонӣ буд, вале бо дастгириву пуштибонии самимонаи сокинон дар мамлакат оташи ҷанги таҳмилии бародаркуш хомӯш карда шуд, сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ барқарор, рамзҳои давлати соҳибистиқлол қабул гардиданд ва барои рушдиояндаи давлат, ташаккули ҳисси миллӣ ва худшиносиву худогоҳии мардум заминаҳои мусоид муҳайё карда шуданд.

Мо имрӯз бо қаноатмандӣ изҳор медорем, ки дар он айёми сангину ҳассос роҳи интихобкардаи халқи Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфт, зеро он роҳ ба сӯйи пешрафт ва бунёди ҷомеаи мутамаддин буд.

Дар солҳои баъдӣ Тоҷикистони соҳибистиқлол бо қабули як қатор барномаҳои давлатӣ ва консепсияву стратегияҳои миллӣ ба шоҳроҳи

рушди устувор ворид гардид.Ҳамзамон бо ин, татбиқиислоҳоти фарогир дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат, корҳои бунёдкориву созандагӣ, яъне сохтмону таҷдиди инфрасохтори истеҳсоливу иҷтимоӣ, иншооти энергетикӣ, роҳу нақлиёт ва дигар иқдомоти созанда вусъат пайдо карданд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат тайи бисту ҳафт соли соҳибистиқлолӣ сатҳи камбизоатӣ аз 81 фоиз то 28 фоиз коҳиш ёфт ва мо тасмим гирифтаем, ки то соли 2030 сатҳи камбизоатии аҳолии кишварро ба 15 фоиз расонем.

Имрӯз мо дар доираи Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиву иҷтимоӣ барои солҳои 2016–2020 ҷиҳати аз мамлакати аграриву саноатӣ ба кишвари саноативу аграрӣ табдил додани Тоҷикистон, яъне баланд бардоштани нақши саноат дар таъмини тараққиёти мамлакат заминаҳои зарурӣро фароҳам оварда истодаем.

Дар ин раванд, ҷиҳати ба кор андохтани иқтидорҳои нав, ба роҳ мондани истеҳсоли намудҳои нави маҳсулоти рақобатпазиру ивазкунандаи воридот, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, тақвияти иқтидори содиротии кишвар ва ташкили ҷойҳои кории пурмаҳсул барои ҳамватанонамон ҳамаи тадбирҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд.

Ҳоло ба шарофати хизмати аҳлонаи халқи азизамон ва заҳмату талошҳои миллати шарафмандамон се ҳадафи стратегии миллии мо – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ ба марҳалаи ниҳоии худ наздик расидааст.

Барои кишвари соҳибистиқлоли мо соли 2018 дар самти сиёсати хориҷӣ соли таърихӣ мебошад. Моҳи марти соли ҷорӣ татбиқи ташаббуси чоруми Тоҷикистон доир ба ҳалли яке аз мушкилоти ҷиддитарини башарият, яъне об таҳти унвони “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид расман оғоз гардид. Яъне ибтикори кишвари мо дар давоми даҳ соли минбаъда дар миқёси сайёра амалӣ мешавад.

Ҳамчунин, моҳи марти соли равон сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Мирзиёев Шавкат Мирамонович ба кишвари мо ва моҳи августи соли ҷорӣ сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардида, дар натиҷаи музокироти сатҳи олӣ тамоми мушкилоту масъалаҳои дар давоми беш аз ду даҳсола миёни ду кишвари ҳамсоя бавуҷудомада ҳаллу фасл ва бартараф гардиданд.

Имрӯз Тоҷикистону Ӯзбекистон на танҳо ҳамчун ҳамсояҳои наздиктарин бо ҳам ёру бародар, балки шарикони стратегӣ мебошанд, ки ин, албатта, мояи ифтихор аст.

**Ҳамдиёрони арҷманд!**

Таърихи башар собит намудааст, ки ҳифзи истиқлолияту озодӣ кори бисёр сангину душвор мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳар фарди бонангу номуси кишвар бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо расад ва барои ҳимояи ин дастоварди бузурги таърихӣ ҳамеша омода бошад.

Муҳимтарин вазифаи шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандии ҳар як сокини мамлакат, бахусус, наврасону ҷавонон аз он иборат аст, ки Тоҷикистони азизамонро сидқан дӯст доранд ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоянд. Раванди бисёр мураккабу пурпечутоби ҷаҳонишавӣ ва таҳдиду хатарҳои торафт афзояндаи замони муосир моро ҳушдор медиҳанд, ки нисбат ба ҳар вақти дигар ҳушёр бошем, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва давлати соҳибистиқлоли худро аз таъсири тазодҳои ҷаҳони имрӯза эмин нигоҳ дошта, ба хотири фардои ободу осуда саъю талоши бештар кунем.

Имрӯз ҳифзи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва заҳмати содиқонаву софдилона барои рушди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва болоравии нуфузу обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ вазифаи ҳар шаҳрванди ватандӯст ва бонангу номуси кишвар мебошад, чунки ояндаи ободи сарзамини аҷдодиамон аз ин омилҳо вобастагии мустақим дорад.

Мо - хурду бузурги кишвар бояд ба хотири истиқболи арзандаи ҷашни сисолагии истиқлолияти Тоҷикистони маҳбубамон боз ҳам бештар заҳмат кашем, корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд кунем, иқтидори иқтисодӣ ва имкониятҳои содиротии мамлакатро тақвият бахшем, ҷойҳои нави кор муҳайё намоем, сатҳу сифати зиндагии халқамонро мунтазам баланд бардорем, Ватани азизамонро то дурдасттарин гӯшаҳои он ободу пешрафта гардонем ва собит созем, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар ҷомеаи мутамаддини асри бисту як ҷойгоҳ ва мақоми шоистаи худро дорад.

Ман ба азму иродаи мардуми соҳибмаърифату тамаддунсози тоҷик ва ҳар фарди бонангу номуси миллат эътимоди комил дорам ва хуб медонам, ки онҳо барои таҳкими дастовардҳои истиқлолият, ҳимояи озодӣ, пешрафти давлат ва ободии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон минбаъд низ тамоми талошу кӯшиши худро сафарбар месозанд.

Бо изҳори ин ниятҳои нек бори дигар ҷашни фархундаи 27-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба кулли мардуми шарифи кишвар ва ҳамватанони бурунмарзӣ самимона табрик мегӯям.

Ба хурду бузурги Тоҷикистони соҳибистиқлол тандурустиву саодати рӯзгор ва ба кишвари маҳбубамон сулҳу суботи абадӣ, ваҳдати ҷовидонаи миллӣ ва пешрафту тараққиёти рӯзафзун орзу менамоям.

**Ҷашни истиқлолу озодӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ. ХОРУҒ, 14 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2018

**Устодону омӯзгорон ва донишҷӯёни азиз!**
**Меҳмонони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба фаъолият оғоз кардани боз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ - Донишгоҳи Осиёи Марказиро ба ҳамаи шумо, устодону омӯзгорон, донишҷӯён, меҳмонони гиромӣ, падару модарон ва кулли сокинони мамлакат табрик мегӯям.

Ҳукумати Тоҷикистон дар давоми солҳои охир баробари бомаром амалӣ намудани ислоҳоти ҳамаи зинаҳои таҳсилот дар ҷодаи ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани зинаи таҳсилоти олии касбӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Бояд гуфт, ки пеш аз ҳама, ба шарофати соҳибистиқлолӣ имрӯз дар кишвар 43 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фаъолият намуда, барои соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ кадрҳои баландихтисос тайёр мекунанд.

Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Хоруғ, ки имрӯз фаъолияти худро дар асоси барномаҳои байналмилалӣ оғоз мекунад, саҳифаи нав дар низоми таҳсилоти олии касбии мамлакат мебошад. Ба хотири тарбияи кадрҳои ба талаботи меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ Ҳукумати мамлакат як силсила чорабиниҳоро амалӣ намуда, дар ин замина Маркази барномаҳои байналмилалӣ ва стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Дурахшандагон»-ро таъсис додааст, ки бо истифода аз ин имкониятҳо ҳар сол ҷавонони болаёқати кишвар барои таҳсил ба муассисаҳои бонуфузи кишварҳои хориҷӣ фиристода мешаванд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими заминаҳои моддиву техникии зинаҳои гуногуни таҳсилоти кишвар ва дар навбати аввал, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамкориҳои бисёрҷонибаро бо шарикони рушд ба роҳ мондааст.

Дар заминаи ҳамин ҳамкориҳо бо мақсади таъсис додани Донишгоҳи Осиёи Марказӣ моҳи августи соли 2000 якҷо бо ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Қазоқистон ва Имомати Исмоилиён шартнома ба имзо расонида шуд. Дар асоси шартномаи мазкур дар як муддати кӯтоҳ корҳои сохтмони донишгоҳ ба анҷом расонида шуданд ва муассисаи навбунёд имрӯз дар ҳузури шумо ифтитоҳ гардид.

Ташаббускори амалишавии ин лоиҳаи маърифатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, пеш аз ҳама, мо бунёди чунин як муассисаи байналмилалиро якҷо бо Фонди Оғохон барои кишварҳои Осиёи Марказӣ амри зарурӣ донистем ва онро дастгирӣ кардем.

Бовар дорам, ки фаъолияти муассисаи навтаъсис на танҳо ба нафъи мамлакати мо мебошад, балки барои густариши ҳамкориҳои бисёрҷонибаи кишварҳои минтақа дар соҳаи маориф хизмат хоҳад кард. Муассисони донишгоҳ кампусҳои муосири таълимиву истиқоматиро дар шаҳрҳои Хоруғи Тоҷикистон, Норини Ҷумҳурии Қирғизистон ва Текеллии Ҷумҳурии Қазоқистон бо тарҳи ягона бунёд кардаанд, ки дар онҳо тамоми шароити зарурӣ барои таҳсилу фароғати устодону донишҷӯён фароҳам оварда шудааст.Дар айни ҳол шумораи умумии донишҷӯёни Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Хоруғ 150 нафар мебошад, ки онҳо аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон буда, 55 фоизи онҳоро духтарон ташкил медиҳанд.

Мо имрӯз бо шароити кориву таълимии донишгоҳ шинос шуда, итминон ҳосил намудем, ки дар он заминаи бисёр пешрафтаву муосири таълим муҳайё карда шудааст. Донишгоҳ дорои биноҳои таълимии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосири таълим, озмоишгоҳи компютерӣ, толори барҳавои истироҳату фароғат, утоқҳои маъмурӣ, китобхона, майдончаҳои гуногуни варзишӣ ва дигар инфрасохтори зарурӣ мебошад. Дар ин муассисаи таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳои ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон мутахассисони баландихтисос омода карда мешаванд. Дар донишгоҳ, инчунин, фаъолияти шуъбаи тайёрӣ ба роҳ монда мешавад. Таълим бо забони англисӣ сурат гирифта, ҳайати омӯзгорони донишгоҳ аз Тоҷикистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ ҷалб гардидаанд.

Нақшаҳои таълимии донишгоҳ тибқи талаботи қонунгузории Тоҷикистон бо дарназардошти фанҳои ҳатмии миллӣ таҳия гардида, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми кишвар тасдиқ карда шудаанд.

Роҳбарият ва устодону омӯзгорони донишгоҳро зарур аст, ки фаъолияти худро дар доираи барнома ва нақшаҳои таълимии аз ҷониби вазорат тасдиқгардида ба роҳ монда, эҳтироми анъанаҳои милливу умумибашариро таъмин созанд ва донишҷӯёнро дар ҳамин рӯҳия тарбия намоянд. Дар оянда дар ин муассисаи таълимӣ намояндагони халқу миллатҳои гуногун аз кишварҳои мухталифи олам ба таҳсил ҷалб мешаванд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар баробари ба роҳ мондани таълиму тарбия дар доираи меъёрҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии байналмилалии пешрафта ва риояи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон анъанаву суннатҳои неки миллати тоҷик, инчунин, урфу одатҳои халқҳои дигар риоя карда шаванд.

Ҳамзамон бо ин, хотирнишон менамоям, ки ба муассисаи байналмилалии имрӯза довталабони беҳтарин аз ҳамаи шаҳру ноҳияҳо қабул карда мешаванд.

Дар донишгоҳ, ҳамчунин, барои ятимони кулл ва маъюбони гурӯҳҳои якуму дуюм, ғолибони олимпиадаҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ имтиёзҳо муқаррар шудаанд. Донишгоҳ барои гирифтани таҳсилоти ибтидоии касбӣ, яъне омода кардани кадрҳои коргарӣ низ

заминаи хуб фароҳам овардааст. Аллакай чанд сол аст, ки донишгоҳ аз рӯйи якчанд касбҳои коргарӣ кадр омода менамояд.

Бовар дорам, ки бо васеъ гардидани имкониятҳои молиявии донишгоҳ номгӯи ихтисосҳои коргарӣ низ бештар мегардад. Инчунин, хотирнишон месозам, ки баробари ба фаъолият оғоз кардани донишгоҳ даҳҳо нафар шаҳрвандони кишвар, аз ҷумла сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин мегарданд.

**Дӯстони азиз!**

Бо дарназардошти он ки барои кишвари мо таъсиси чунин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҷрибаи нахустин мебошад, устодону шогирдони ин даргоҳи маърифат масъулияти зиёд доранд. Устодони донишгоҳро зарур аст, ки шогирдонро дар рӯҳияи хислатҳои неки инсонӣ, аз қабили ватандӯстиву инсонпарварӣ, зебоипарастиву меҳнатдӯстӣ, таҳаммулгароӣ ва масъулиятшиносӣ тарбия намоянд.

Зеро дар шароити имрӯза риояи ин рукнҳои ахлоқиву маънавӣ беш аз ҳар вақти дигар муҳимму зарур мебошад.

Дар интиҳо бори дигар ифтитоҳи Донишгоҳи Осиёи Марказиро дар шаҳри Хоруғ ба устодону омӯзгорон, донишҷӯёни ин муассисаи навбунёд ва тамоми кормандони соҳаи маорифи кишвар табрик гуфта, ба ҳар яки шумо саломатӣ, хушбахтӣ ва барору комёбӣ орзу менамоям.

**Ҳамеша сарбаланду муваффақ бошед, дӯстони азиз!**

# СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МУЛОҚОТ БО РОҲБАРОНУ ФАЪОЛОНИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН. ХОРУҒ, 15 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2018

**Ҳамватанони азиз!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Чанд рӯз пеш мардуми шарифи Тоҷикистон ҷашни муқаддаси бисту ҳафтумин солгарди истиқлолияти давлатии Ватани маҳбубамонро бо ифтихору сарфарозӣ таҷлил намуданд.

Ба ин муносибат бори дигар ҳамаи шумо, роҳбарону фаъолон ва намояндагони мардуми сарбаланди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро самимона табрик мегӯям ва ба хонадони ҳар як сокини вилоят сулҳу субот ва иқболи нек орзу менамоям. Маҳз истиқлолияти давлатӣ ба мо имкон дод, ки дар як давраи нисбатан кӯтоҳи таърихӣ ва хусусан, дар зарфи солҳои охир дар самти рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва пешрафту ободии мамлакат ба дастовардҳои назаррас ноил гардем.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки имрӯзҳо симои идона дорад, корҳои зиёди созандагӣ амалӣ шудаанд ва мушоҳида мешавад, ки мардуми бонангу номуси вилоят барои боз ҳам ободу зебо ва пешрафта гардонидани диёри худ содиқона заҳмат кашида истодаанд. Рушди соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳамеша дар маркази диққати Президент ва Ҳукумати мамлакат қарор дошта, дар натиҷаи чораҳои амалинамудаи Ҳукумат, бахусус, дар солҳои охир дар ҳама соҳаву бахшҳои ҳаёти вилоят тағйироти куллӣ ба назар мерасанд.

Танҳо дар солҳои 2013-2018 аз ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ барои тараққиёти вилоят беш аз 4 миллиард сомонӣ хароҷот шудааст.

Умуман, дар 27 соли даврони истиқлолият дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба маблағи умумии 2 миллиарду 240 миллион сомонӣ қариб 1700 иншооти таъиноти гуногун сохта, ба истифода супорида шудааст.

Дар ин муддат танҳо дар ноҳияи Шуғнон бо сарфи беш аз 270 миллион сомонӣ 301 иншооту биноҳои нав бунёд шуда, симои ноҳия имрӯз ба як шаҳри замонавӣ монанд гардидааст.

Мо дар ҷараёни сафари кории худ тайи чор рӯзи охир дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 20 иншооту биноҳои таъиноти иҷтимоиву иқтисодӣ ва маъмуриро ба истифода супоридем, ки барои бунёду азнавсозии онҳо аз буҷети давлат ва дигар сарчашмаҳо 890 миллион сомонӣ сарф шудааст. Ҳамчунин, дар ин рӯзҳо сохтмони якчанд иншооти дигар, аз ҷумла бинои

маъмурии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ оғоз гардид.

Тибқи нақшаи аз ҷониби Ҳукумати кишвар тасдиқшуда ба муносибати ҷашни 30 - солагии истиқлолияти давлатӣ дар ҳудуди вилоят сохтмон ва таъмиру азнавсозии 90 иншооти дигар аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва маблағҳои марказонидашудаи вазорату идораҳо, инчунин, бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар ҳаҷми зиёда аз 2 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла 25 бинои маъмурӣ, 23 муассисаи таълимӣ ва тандурустиву фарҳанг, 26 километр роҳи дорои аҳаммияти байналмилалӣ ва дигар иншооти иҷтимоиву иқтисодӣ ба нақша ворид гардидааст.

Ҳоло аз ҷониби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президент дар ҳудуди вилоят сохтмони 26 иншоот, аз ҷумла дар шаҳри Хоруғ бунёди 4 иншооти муҳим идома дорад, ки маблағи умумии онҳо беш аз 300 миллион сомониро ташкил медиҳад. Илова бар ин, дар шаҳри Хоруғ корҳои омодагӣ барои бунёди маҳалли нави аҳолинишин дар мавзеи Тем босуръат амалӣ шуда истодаанд.

Вобаста ба ин, ба Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президент супориш дода мешавад, ки азнавсозии се километр роҳи маркази шаҳри Хоруғ ва чароғонкунии онро дар муҳлатҳои наздиктарин амалӣ намояд. Дар робита ба ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президент, вазорату идораҳо ва дигар сохтору мақомоти дахлдорро зарур аст, ки бунёду азнавсозии иншооти ба нақша гирифташударо бо сифати баланд ва тарҳи замонавӣ ба роҳ монда, дар муҳлатҳои муайяншуда ба истифода супоридани онҳоро таъмин намоянд.

Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли ҷорӣ роҳбарони гурӯҳҳои корӣ оид ба ободониву бунёдкорӣ ба ифтихори ҷашни 30 - солагии истиқлолияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳои он ва фаъолони вилоят корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни аҳолӣ ва соҳибкорону шахсони саховатпеша васеъ ба роҳ монанд.

Мо бояд хуб дарк намоем, ки ободу зебо гардонидани маҳалли зисти худ ва беҳтар намудани шароити зиндагиамон дар дасти худи мо, яъне вазифаи ҳар як шаҳрванди бонангу номус ва хурду бузурги Ватан мебошад. Зеро пешрафту ободии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва таъмин намудани рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии он мақсаду мароми ҳар яки мо буда, иҷрои ин рисолати таърихӣ танҳо бо роҳи муттаҳидиву сарҷамъии халқи тоҷик ва заҳмати созандаи тамоми мардум муяссар мегардад.

Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои солҳои 2016-2020 ба фароҳам овардани шароит барои рушди устувори маҳал, ташкил намудани ҷойҳои кори нав ва баланд

бардоштани сатҳи некӯаҳволии сокинони вилоят нигаронида шудааст. Дар доираи барнома татбиқи 110 лоиҳа ва бунёду азнавсозии беш аз 1500 иншоот ба маблағи умумии беш аз 4 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки 85 фоизи он барои беҳдошти шароити инфрасохтори иҷтимоиву иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он равона мегардад. Вале аз таҳлили ҷараёни татбиқи барномаи мазкур бармеояд, ки ҳанӯз на ҳамаи имконияту захираҳои мавҷуда истифода шудаанд. Чунин ҳолат дар иҷрои барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилоят низ ба назар мерасад.

Аз ин лиҳоз, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он бояд дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо, соҳибкорони ватанӣ ва ҷалби сармояи мустақими дохиливу хориҷӣ роҳҳои самараноки маблағгузории корҳои ободониву бунёдкориро ҷустуҷӯ карда, татбиқи саривақтии барномаҳои тасдиқшударо таъмин намоянд. Ҳоло дар ҳудуди вилоят барои беҳдошти шароити муассисаҳои маорифу тандурустӣ, нақлиёт, обёрӣ ва корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ 10 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ татбиқ шуда истодааст, ки маблағи то имрӯз азхудшудаи онҳо беш аз 70 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Умуман, дар давраи соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди вилоят 25 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми беш аз 1 миллиарду 200 миллион сомонӣ ба анҷом расидааст, ки асосан бо бунёду таҷдиди инфрасохтор алоқаманд мебошад.

То соли 2023 дар доираи лоиҳаҳои давлатии амалкунандаи сармоягузорӣ, махсусан, барои беҳдошти шароити инфрасохтори вилоят зиёда аз 730 миллион сомонӣ равона гардида, ҳамзамон бо ин, Ҳукумати мамлакат барои дарёфти сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳаҳои нав дар ҳудуди вилоят, ки арзиши лоиҳавии онҳо беш аз 7 миллиард сомониро ташкил медиҳад, корҳои зарурииро бо шарикони рушд ба роҳ мондааст.

Дар робита ба ин, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатиро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳои он ва дигар мақомоти марбута ҳамкориро дар самти татбиқи самараноки лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ тақвият бахшида, иҷрои саривақтиву босифати онҳоро назорат ва истифодаи дарозмуҳлати иншооти бунёдшударо таъмин намоянд.

Аз ҳаҷми умумии сармоягузории барои инфрасохтори вилоят равонашуда ҳиссаи бештари он ба соҳаи нақлиёт, яъне бунёду азнавсозии роҳҳо рост меояд.

Зеро раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ яке аз ҳадафҳои стратегии миллии мо мебошад ва ин ҳадаф тавассути бунёду таҷдиди роҳҳои мошингард ва нақбу пулҳо амалӣ шуда истодааст.

Имрӯз метавонем бо қаноатмандӣ изҳор намоем, ки дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз як гӯшаи муддати тӯлонӣ дар бунбасти нақлиётӣ қарордошта ба гузаргоҳи транзитии байналмилалӣ табдил ёфтааст. Ҳоло

қариб 1300 километр роҳҳои вилоят аҳаммияти байналмилалӣ дошта, Тоҷикистонро тавассути гузаргоҳҳои сарҳадии Кулма, Қизил Арт ва 6 пул бо се кишвари ҳамсоя мепайванданд. Танҳо тавассути гузаргоҳи Кулма ҳар сол ба ҳисоби миёна 8-10 ҳазор воситаи нақлиёт ва зиёда аз 150 ҳазор тонна молу маҳсулоти гуногун мегузарад. Баъди кушодашавии ин гузаргоҳҳо ва таъмиру таҷдиди роҳҳои мошингард дар даҳ соли охир ҳаҷми боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар вилоят се баробар афзоиш ёфтааст.

Умуман, дар ин давра бо ҷалби маблағҳои буҷети давлатӣ ва сармояи хориҷӣ дар ҳудуди вилоят зиёда аз 120 километр роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ сохта, ба истифода супорида шудаанд ва ҳоло корҳо дар 26 километри дигар ба маблағи беш аз 450 миллион сомонӣ оғоз гардидаанд. Илова бар ин, пешбинӣ шудааст, ки дар доираи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар вилоят бунёди 18 пул ба маблағи беш аз 160 миллион сомонӣ оғоз карда шавад.

Ҳоло Ҳукумати мамлакат барои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ доир ба бунёду азнавсозии шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаихумб – Хоруғ – Мурғоб - Кулма, қитъаҳои Қалъаихумб-Ванҷ, Ванҷ-Хоруғ, Хоруғ - Кулма, роҳҳои мошингарди Хоруғ – Рошткалъа -Чавшангоз ва сохтмони пулҳо дар ин роҳҳо тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст. Бо мақсади боз ҳам беҳтар гардонидани шароити инфрасохтори роҳу нақлиёти вилоят имрӯзҳо корҳои лоиҳакашӣ ва омодагӣ барои таҷдиду азнавсозии роҳи мошингарди Қалъаихумб – Ванҷ, ки масофаи он 92 километр ва арзиши лоиҳавиаш ду миллиард сомонӣ мебошад, идома доранд.

Вазорати нақлиётро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани роҳҳои мошингарди аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллидошта ва таъмири ҷории онҳо чораҷӯӣ карда, хароҷоти мақсадноки маблағҳои ҷудошударо таъмин ва назорат намояд. Танҳо дар се соли охир барои таъмиру нигоҳдории роҳҳои мошингарди вилоят аз буҷети ҷумҳуриявӣ зиёда аз 33 миллион сомонӣ равона гардида, муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳо бо техникаи зарурӣ таъмин карда шудаанд.

Бо вуҷуди ин, таъмиру нигоҳдории роҳҳои мошингард дар шароити кӯҳистон мушкилиҳои зиёд дошта, ба техникаву таҷҳизоти ҳозиразамон ниёз дорад ва Ҳукумати кишвар пешбинӣ намудааст, ки ба ин мақсад дар се соли оянда боз 50 миллион сомонӣ равона намояд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

То замони истиқлолият дар бисёр минтақаҳои кӯҳии кишвар, аз ҷумла дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нерӯи барқ асосан тавассути истгоҳҳои дизелӣ истеҳсол мегардид. Бо дарназардошти аҳаммияти ин масъала дар ҳаёти сокинони вилоят, аз тарафи Ҳукумати

кишвар дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ нерӯгоҳи барқи обии «Помир–1» бо тавоноии 14 мегаватт, нерӯгоҳҳои хурди барқи обии «Техарв» бо тавоноии 360 киловатт ва «Андарбак» бо иқтидори 300 киловатт сохта, мавриди истифода қарор дода шуданд, ки онҳо шабакаи аввалини барқи вилоятро ташкил намуданд.

Умуман, дар замони соҳибистиқлолӣ иқтидори истеҳсолии соҳаи энергетикаи вилоят танҳо тавассути истифодаи нерӯи об аз 15 мегаватт то 48 мегаватт расонида шуда, дар ин самт якчанд лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми беш аз 700 миллион сомонӣ амалӣ гардид. Дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ навбати дуюми нерӯгоҳи "Помир-1" ба истифода супорида, нерӯгоҳҳои хурди барқи обии "Ванҷ-1", "Ванҷ-2" баъд аз таъмиру азнавсозӣ ба шабакаи ягонаи энергетикии кишвар ва нерӯгоҳҳои хурди барқи обии "Намадгут"-и ноҳияи Ишкошим ва "Шуҷанд"-и ноҳияи Рӯшон ба шабакаи марказии "Помир-Энерҷи" пайваст карда шуданд.

Дар зарфи 16 соли охир дар ҳудуди вилоят, дар маҷмӯъ, ба масофаи 73 километр хатҳои нави интиқоли барқи баландшиддати 110 - киловолта, 206 километр хатҳои барқи 35 - киловолта ва 560 километр хатҳои барқи 10 ва 0,4 - киловолта сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Тавассути бунёду азнавсозии хатҳои барқ дар деҳоти вилоят беш аз 13 ҳазор нафар аҳолӣ нахустин маротиба ба қувваи барқ дастрасӣ пайдо карда, қариб 200 ҳазор нафар сокинон бо нерӯи барқи доимӣ таъмин гардиданд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати кишвар аз соли 2016 то нимаи соли 2018 96 фоизи аҳолии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ба истиснои қисми муштариёни водии Бартанг ва ноҳияи Мурғоб, бо барқи шабонарӯзӣ таъмин гардид. Бо мақсади ҳалли пурраи масъалаи таъминот бо барқ аз ҷониби Ҳукумати кишвар барои азнавсозии нерӯгоҳи барқи обии "Оқсу" дар ноҳияи Мурғоб тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд. Дар натиҷа бо харҷи 90 миллион сомонӣ иқтидори он аз 800 киловатт ба 1500 киловатт зиёд карда шуд ва ин нерӯгоҳ ду рӯз пеш ба фаъолият оғоз кард. Яъне мушкилоти аҳолии ноҳияи Мурғоб, ки дар як шабонарӯз ҳамагӣ 10-12 соат ва дар фасли зимистон 4-8 соат бо нерӯи барқ таъмин мешуданд, пурра бартараф ва истиқлолияти энергетикӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъмин карда шуд. Бо истифода аз фурсат, тамоми сокинони вилоятро ба ин муносибат табрик мегӯям.

Вобаста ба масъалаҳои соҳаи энергетикаи вилоят Вазорати энергетика ва захираҳои об, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, ширкати "Помир-Энерҷи" вазифадор карда мешаванд, ки корҳои лоиҳакашиву ҷалби сармояро барои бунёди нерӯгоҳҳои барқи обии ба нақша гирифташуда, алалхусус, нерӯгоҳҳои "Себзор", "Санобод" ва "Хатфат" суръат бахшида, доир ба истифодаи иқтидорҳои мавҷудаи энергетикӣ, афзоиш додани содироти нерӯи барқ ба кишвари ҳамсояи

Афғонистон, бунёду азнавсозии хатҳои интиқоли барқ, таъмини аҳолии деҳоти дурдасти кӯҳистон бо нерӯи барқи доимӣ ва дар ҳолати хуби корӣ нигоҳ доштани низоми истеҳсол ва барқтаъминкунӣ лоиҳаҳои сармоягузориро таҳия ва татбиқ намоянд.

**Дӯстони азиз!**

Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба иқтисодиёти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон беш аз як миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб ва асосан ба соҳаҳои саноати истихроҷ, корҳои ҷустуҷӯиву геологӣ, нақлиёт, энергетика ва маориф равона гардидааст. Таъкид месозам, ки бо ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ татбиқ кардани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти коркарди захираҳои табиӣ, меваю сабзавот, ташкили гармхонаҳо, боғдорӣ, картошкапарварӣ, чорводорӣ, парвариши занбӯри асал ва моҳипарварӣ ба рушди боз ҳам бештари иқтисодиёти вилоят мусоидат мекунад.

Тибқи маълумот ҳоло шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар вилоят ба 4500 расида, дар ду соли охир 12,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Вале масъалаи таъмин кардани онҳо бо захираҳои молиявӣ беҳбудиро тақозо менамояд. Соли 2017 аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳибкорон 41 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки назар ба соли 2016 - ум 40 фоиз коҳиш ёфтааст. Дар нимсолаи аввали соли 2018 аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба иқтисодиёти вилоят 27 миллион сомонӣ маблағҳои қарзӣ равона шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35 фоиз зиёд мебошад. Лекин чунин вазъ ҳоло ҳам қонеъкунанда нест ва масъулинро зарур аст, ки ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми маблағҳои қарз ба соҳибкорони вилоят тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Аз ҷониби муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба соҳибкории истеҳсолӣ барои 27 лоиҳа 12 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст.Тибқи супорише, ки дар мулоқот бо соҳибкорону сармоягузорон рӯзи 14-уми октябри соли 2017 гузошта будам, филиали фонди мазкур дар шаҳри Хоруғ таъсис дода шуд. Минбаъд соҳибкорони вилоят имкон пайдо менамоянд, ки лоиҳаҳои сармоягузории худро дар самти истеҳсоли маҳсулоти гуногун бо сарфи вақти кам барои баррасӣ ба филиали фонди зикршуда пешниҳод намуда, аз маблағҳои қарзи имтиёзнок бархӯрдор шаванд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва дастрасии онҳо ба воситаҳои молиявӣ омили муҳимми инкишофи соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, таъсиси ҷойҳои кори иловагӣ, афзоиши даромади аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми вилоят ва умуман рушди иқтисодӣ аз фаъолияти муназзами ин соҳаҳо вобаста мебошад. Ҳарчанд ки солҳои охир ба кор андохтани корхонаҳои саноатӣ дар болоравии иқтисодиёти вилоят саҳми назаррас дорад, вале корҳо дар самти боз ҳам беҳтар

намудани шароит барои рушди саноати истихроҷи маъдан, комплекси энергетикӣ, масолеҳи сохтмон ва соҳибкории хурду миёна бояд тақвият бахшида шаванд.

Қобили зикр аст, ки соли 2017 ва шаш моҳи соли 2018 аз ҷониби соҳибкорони вилоят 104 иншооти гуногуни истеҳсолӣ ва иҷтимоиву хизматрасонӣ бунёд гардида, қариб 1000 нафар сокинон бо ҷойи кор таъмин шудаанд.

Соли 1990 дар ҳудуди вилоят ҳамагӣ 7 корхонаи саноатӣ фаъолият дошт. Дар натиҷаи тадбирҳои зарурии аз ҷониби Ҳукумати кишвар андешидашуда доир ба бунёди корхонаву коргоҳҳои нав соли 2018 шумораи онҳо ба 39 расида, дар 15 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 4 баробар афзоиш ёфтааст ва соли 2017-ум 180 миллион сомониро ташкил кардааст.

Раванди афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар нимсолаи аввали соли 2018 идома ёфта, корхонаҳои саноатии вилоят ба маблағи 78 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд. Вале бояд гуфт, ки дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар баъзе корхонаҳо коҳиш ёфта, 7 корхона, яъне аз шумораи умумӣ қариб 20 фоиз фаъолият накардааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳои он ва Вазорати саноат ва технологияҳои навро зарур аст, ки сабабҳои фаъолият накардани корхонаҳои саноатиро таҳлил карда, барои ба кор андохтани онҳо ва таъмин намудани фаъолияти муназзами ҳамаи корхонаҳо чораҳои мушаххас андешанд.

Илова бар ин, дар вилоят бо ҷалби сармояи мустақим таъсис додани корхонаҳои нави истеҳсолӣ оид ба истихроҷу коркарди захираҳои мавҷуда бояд вусъат бахшида шавад.

Ҳукумати кишвар барои корҳои иктишофи геологӣ дар кони нуқраи “Якҷилва”-и ноҳияи Мурғоб ҳанӯз 12 сол пеш иҷозатнома дода буд, ки дар ин давра танҳо барои корҳои зикршуда қариб 17 миллион сомонӣ сарф шудааст. Тайи ду соли охир бунёди корхона бо сармояи мустақими хориҷӣ ба маблағи 125 миллион сомонӣ ба анҷом расонида шуд ва он чор рӯз пеш ба фаъолият оғоз кард. Иншооти мазкур дар даврони соҳибистиқлолии кишвар аввалин корхонаи коркарди маъдан дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад, ки бо ҷалби технологияҳои муосир дар баландии зиёда аз 4500 метр аз сатҳи баҳр сохта шудааст.Дар корхонаи зикршуда 220 нафар бо ҷойи кори доимӣ ва музди миёнаи 2600 сомонӣ таъмин мегарданд.

Ба кор андохтани корхонаи ғанигардонии маъдан дар ноҳияи Мурғоб дар баробари таъсиси ҷойҳои кори нав ба раванди саноатикунонии минтақа ва афзун гардидани ҳаҷми содирот мусоидат менамояд.

Ҳоло дар вилоят 22 корхонаву коргоҳҳои саноати сабук мавҷуданд. Дар мулоқот бо фаъолони ноҳияи Рошткалъа ба Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президент супориш додам, ки дар давоми ду

соли оянда дар ноҳияи зикршуда барои 100 ҷойи кори нав корхонаи дӯзандагӣ сохта, ба истифода супорад.

Хотирнишон месозам, ки бо дарназардошти афзоиши ҳамасолаи шумораи аҳолӣ ва зиёд шудани қувваи қобили меҳнат масъалаи ташкили ҷойҳои кор аз ҷумлаи самтҳои муҳимтарини фаъолияти роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда, хусусан, ашёи хоми ҳудуди вилоят бояд барои бунёди коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ дар самти коркарди онҳо, воридоти технологияҳои ҳозиразамон ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Дар ин раванд, ҳамчунин, зарур аст, ки ба масъалаи рушди ҳунарҳои мардумӣ, дастгирӣ кардани косибӣ ва дигар навъҳои кори хонагӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад. Ин имкон медиҳад, ки ҳазорҳо нафар сокинони вилоят, махсусан, занҳо  бо ҷойи кор таъмин ва сатҳи зиндагии онҳо беҳтар гардад.Ҳадафи асосии мо аз Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ низ аз ҳамин иборат аст.

Ҳукумати мамлакат ба масъалаи рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити кӯҳсори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон диққати ҷиддӣ зоҳир менамояд.

Бо мақсади дастрасии кишоварзони вилоят ба техникаи кишоварзӣ тибқи супориши Ҳукумати кишвар дар ҳудуди вилоят 8 маркази хизматрасонии техникӣ фаъолият  дорад, вале ин шумора барои таъмин намудани эҳтиёҷоти хоҷагиҳо нокифоя мебошад. Тибқи Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Шуғнон, Роштқалъа ва Рӯшон азхудкунии қариб 900 гектар заминҳои нав ба маблағи 10 миллион сомонӣ пешбинӣ гардида буд. Лекин иҷрои нақша то ҳанӯз қонеъкунанда нест. Ҳол он ки иҷрои барнома имкон медиҳад ҳазорҳо ҷойи нави корӣ ташкил ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят зиёд карда шавад.

Дуруст аст, ки вақтҳои охир дар ноҳияҳои Ванҷ 22 гектар ва Шуғнон 30 гектар замини нав аз худ гардида, беш аз се километр иншооти обрасонӣ бунёд ва заминҳои нав обёрӣ карда шудаанд. Илова бар ин, дар ноҳияи Рӯшон тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо дар майдони 200 гектар ба анҷом расонида, ҳоло ин раванд давом дорад.

Бинобар ин, Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳияҳои зикршударо зарур аст, ки иҷрои барномаи мазкур ва истифодаи самараноки заминҳои мавҷударо таъмин намуда, аз

иҷрои он ҳар шашмоҳа ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти кишвар гузориш манзур намоянд. Инчунин, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳияҳои он уҳдадоранд, ки тибқи нақшаи тарҳрезишуда сохтмони наҳр ва хатти оби полезиро дар ноҳияҳои Рӯшон, Ишкошим ва Дарвоз ба роҳ монда, барои беҳдошти шароити обтаъминкунии заминҳои кишоварзии ноҳияҳои вилоят то оғози мавсими киштукори соли 2019 тадбирҳои фаврӣ андешанд.

Имкониятҳои вилоят дар самти рушди боғдорӣ, зиёд намудани майдони боғҳо, содироти мева, коркарди он, инчунин, парвариши занбӯри асал зиёданд ва зарур аст, ки ба ин масъала низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои саёҳати кӯҳиву экологӣ ва табобатӣ минтақаи беҳтарин мебошад. Беҳуда нест, ки соли 2017 кӯҳҳои Помири Тоҷикистон бори сеюм ба рӯйхати “100 манзараи беҳтарини сайёҳӣ” дар ҷаҳон шомил гардиданд. Парки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рӯйхати мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидааст, муаррифгари Тоҷикистон оид ба имкониятҳои сайёҳии экологӣ ва кӯҳнавардӣ мебошад.

Ҳар сол шумораи зиёди сайёҳони хориҷӣ барои тамошои мавзеъҳои камназир ва табиати нотакрори вилоят меоянд. Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шудани соли 2018 ба рушди ин соҳа дар вилоят такони ҷиддӣ бахшид. Дар натиҷа шумораи ширкатҳои сайёҳӣ дар вилоят аз 6 ба 24 расида, ҳоло бунёди меҳмонхонаҳои замонавӣ ва фароҳам овардани шароити меҳмонхона дар хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон ба ҳукми анъана даромадааст, ки барои дигар манотиқи кишвар намунаи беҳтарин мебошад. Имрӯз шумораи чунин меҳмонхонаҳои хурд дар ҳудуди вилоят ба 150 расида, барои садҳо оила сарчашмаи даромади иловагӣ ва ҷойи кор муҳайё гардидааст.

Инчунин, дар ҳудуди вилоят мавҷуд будани даҳҳо чашмаҳои шифобахш барои рушди сайёҳии табобатӣ шароити беҳтарини табиӣ фароҳам овардааст ва зарур аст, ки бо истифода аз ин имкониятҳо ҷойҳои иловагии кор ташкил карда шаванд.

Вобаста ба ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он якҷо бо Кумитаи рушди сайёҳӣ бояд ҷиҳати дар мавзеъҳои таърихиву сайёҳӣ ташкил кардани меҳмонхонаву тарабхонаҳои милливу замонавӣ, назорати ҳолати санитарии онҳо, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва омода намудани кадрҳо дар ин самт тадбирҳои зарурӣ андешанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади тараққиёти ояндаи кишвар ва ташаккули ҷомеаи пешрафта ба соҳаи маориф ҳамчун самти муҳимми

сиёсати иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, тавассути зиёд намудани маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлат ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба рушди бомароми он ҳамаҷониба мусоидат менамояд.

Самараи чунин дастгириҳост, ки дар зарфи 27 соли охир дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо харҷи умумии 215 миллион сомонӣ 155 муассисаи нави таълимӣ ва синфхонаҳои иловагӣ барои қариб 35 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шудаанд. Соли 2018 бинои раёсати маорифи вилоят ва шуъбаи маорифи шаҳри Хоруғ, шуъбаи маориф ва муассисаҳои нави таълимӣ дар деҳаҳои Паткуноб ва Рузвайи ноҳияи Дарвоз бо 960 ҷойи нишаст, мактаби замонавӣ барои 1280 нафар хонанда дар маркази ноҳияи Ванҷ ва толори варзиш дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами нуҳи ноҳияи Мурғоб бунёд гардида, ҳангоми сафари корӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Бо дарназардошти он ки вазъи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами ҳашти шаҳри Хоруғ ба талаботи таълиму тарбияи замонавӣ чандон мутобиқ нест, ду рӯз пеш ба вазири маориф ва дигар шахсони масъул супориш додам, ки лоиҳаи бунёди бинои нави онро ҳарчи зудтар омода карда, барои сохтмони он чораҷӯӣ намоянд.

Дар самти омода намудани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ бо ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар ҳаҷми зиёда аз 580 миллион сомонӣ дар шаҳри Хоруғ Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бунёд гардид, ки ҳоло дар он беш аз 150 нафар донишҷӯён аз дохил ва хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Донишгоҳ имконият дорад, ки то 700 нафар ҷавононро аз Тоҷикистон ва кишварҳои дигар бо шароити беҳтарин таъмин карда, кадрҳои ҷавобгӯ ба тамоми меъёрҳои байналмилалиро тарбия намояд. Ҳоло аз тарафи Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президент сохтмони театри замонавӣ ва бинои таълимии Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ба маблағи умумии 91 миллион сомонӣ босуръат идома дорад.

Бо мақсади таъмин намудани рушди боз ҳам бештари соҳаи маориф роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки якҷо бо Вазорати маориф ва илм, роҳбарони ҷамоатҳо ва дигар сохтору мақомоти дахлдор то ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатӣ бо ҷалби соҳибкорону шахсони саховатпеша таъмиру азнавсозии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, томактабӣ ва бунёди синфхонаҳои иловагиро вусъат бахшанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди вилоят аз ҳисоби буҷети давлат ва лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 93 муассисаи табобатӣ ба маблағи умумии 60 миллион сомонӣ аз нав сохта, бо таҷҳизоти муосир таъмин ва ба истифода супорида шудааст.Бо вуҷуди ин, барои беҳдошти вазъи инфрасохтори муассисаҳои тиббии вилоят ҳанӯз маблағҳои зиёд заруранд. Дар доираи сафари кории мо ду рӯз пеш бинои беморхонаи вилоятии касалиҳои рӯҳӣ дар ноҳияи Роштқалъа барои 85 кат, ки аз ҳисоби

Ҳукумати кишвар ба маблағи 14 миллион сомонӣ бунёд гардид, ба истифода дода шуд.

Соли 2018 барои сохтмони бинои коллеҷи тиббӣ барои 240 нафар донишҷӯ ва хобгоҳ бо 70 ҷой дар шаҳри Хоруғ, беморхонаи марказии шаҳраки Ваҳдати ноҳияи Шуғнон барои 70 кат, беморхонаи минтақавии деҳаи Вранги ноҳияи Ишкошим аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 4 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст. Имсол дар ноҳияҳои Ишкошим ва Роштқалъа бунёди 3 маркази саломатӣ ба нақша гирифта шудааст. Ҳарчанд ки ҳоло дар вилоят 7 беморхонаи ноҳиявӣ ва 18 беморхонаи минтақавӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонад, вале аксари марказҳо ва бунгоҳҳои саломатии деҳот таъмирталаб буда, баъзеи онҳо дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Вобаста ба ин, роҳбарони вилоят, шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бояд ҷиҳати бунёду азнавсозии муассисаҳои тандурустӣ, таъмин кардани онҳо бо таҷҳизоти ташхису табобат, маводи доруворӣ ва нақлиёти ёрии таъҷилӣ лоиҳаҳои сармоягузориро таҳия ва то ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатӣ татбиқ намоянд.

Ҳар сол тибқи квотаи Президентӣ хатмкардагони болаёқати муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоят ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил мешаванд, ки дар панҷ соли охир шумораи онҳо зиёда аз 900 нафар ва танҳо дар Донишгоҳи давлатии тиббӣ 246 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин шумора донишгоҳи мазкурро 146 нафар хатм намуда, бо ҷойи кор таъмин шудаанд ва ҳоло зиёда аз 100 нафар дар ин муассиса бо квотаи Президентӣ таҳсил мекунанд. Бо вуҷуди ин, дар вилоят ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ 22 нафар мутахассиси дорои маълумоти олии тиббӣ рост меояд, ки ин нишондиҳандаи хеле паст мебошад. Ҳоло дар муассисаҳои тиббии вилоят 70 нафар мутахассисони соҳиби маълумоти олӣ намерасанд. Дар иртибот ба ин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бояд дар ҳамкорӣ бо роҳбарони ноҳияҳои вилоят ҷиҳати баланд бардоштани сифати омода намудани кормандони миёнаи соҳа, такмили барномаҳои таълимии коллеҷҳои тиббӣ ва таъминоти муассисаҳои тандурустии шаҳру ноҳияҳои вилоят бо мутахассисони баландихтисос барномаи махсус таҳия карда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Ҳамчунин, якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор ва бо ҷалби мутахассисон масъалаи афзоиши бемориҳои рӯҳиро, ки имрӯз дар вилоят шумораи шахсони гирифтори ин бемориӣ зиёда аз ду ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ҳаматарафа омӯхта барояд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳияҳои онро зарур аст, ки дар доираи амалӣ намудани нақшаи ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати бунёди таваллудхонаҳо, марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Тибқи қарори Ҳукумати кишвар дар ноҳияҳои Шуғнон ва Рӯшон ҳамчун ноҳияҳои таҷрибавӣ Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кумаки тиббиву санитарӣ барои солҳои 2017-2019 амалӣ шуда истодааст.

Итминон дорам, ки роҳбарону масъулони соҳаи тандурустии вилоят вазифаи касбии худро дар самти таъмин намудани дастрасии сокинон ба хизмати босифати тиббӣ бо масъулияти баланд иҷро менамоянд ва барои бартараф кардани камбудиву норасоиҳои соҳа тадбирҳои заруриро амалӣ месозанд.

Рӯзи 1-уми сентябр дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи дониш мушкилоту масъалаҳои дар соҳаи маорифи мамлакат ҷойдоштаро муфассал таҳлил карда, дар назди роҳбарону масъулони соҳа вазифаҳои мушаххас гузоштам. Таъкид месозам, ки ҳамаи дастуру супоришҳои додашуда ба роҳбарону кормандони соҳаи тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ дахл доранд.

**Муҳтарам роҳбарон ва фаъолон!**

Бо вуҷуди пешравиҳое, ки имрӯз дар ҳаёти сокинони вилоят ба даст омадаанд, баъзе камбудиҳое низ вуҷуд доранд, ки мо бояд онҳоро пинҳон накунем, балки ошкоро гӯем ва барои ислоҳу аз байн бурдани онҳо ҳама якҷо кӯшиш кунем. Зеро чунин камбудиҳо боиси халалдор шудани оромии мардум, суботи ҷомеа, амнияти давлат ва коҳиш ёфтани обрӯи миллат мегарданд. Масалан, бо вуҷуди коҳиш ёфтани содиршавии баъзе ҷиноятҳо, аз ҷумла ҷиноятҳои махсусан вазнин, сатҳи умумии содиршавии ҷиноятҳо дар вилоят тамоюли болоравӣ дорад. Аз ҷумла содир намудани ҷиноятҳои ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба силоҳи оташфишон, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва бо истифодаи силоҳ содир намудани ҷиноятҳо, қаллобӣ ва худсарона ишғол намудани қитъаҳои замин афзудааст. Вале мехоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба баъзе ҷиноятҳое ҷалб намоям, ки бо ҳамдигар алоқаи бевосита дошта, ба амнияти ҷомеа хатари ҷиддӣ эҷод мекунанд.

Яке аз ин ҷиноятҳо убури ғайриқонунӣ аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мувофиқи маълумот дар солҳои охир 136 ҳолати содиршавии чунин ҷиноят аз тарафи сокинони вилоят ва шаҳрвандони хориҷӣ ба қайд гирифта шудааст. Албатта, мақсади убури ғайриқонунӣ шиносоӣ бо ҳаёти кишварҳои ҳамсоя нест. Натиҷаи ин сафарҳо ба омори дигар намуди ҷиноятҳо таъсири худро мерасонад.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз рӯйи ҷиноятҳои вобаста ба гардиши ғайриқонунии силоҳи оташфишон дар кишвар мавқеи аввалро ишғол мекунад. Дар панҷ соли охир мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар аз аҳолии вилоят қариб якуним ҳазор мил силоҳи оташфишони ғайриқонуниро мусодира кардаанд. Нисбат ба 235 нафар оид ба ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба силоҳи оташфишон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ ва дигар сохторҳои низомӣ аз аввали соли ҷорӣ то имрӯз 285 мил силоҳи оташфишон мусодира гардида, инчунин, 59 нафар сокинони вилоят вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир дастгир карда шудаанд. Шумораи аслиҳаи мусодирашуда дар бист соли охир аз панҷ ҳазор мил гузаштааст.

Танҳо дар панҷ соли охир бо истифодаи силоҳ қариб 100 ҷинояти вазнин содир шудааст, ки аксари онро одамкушӣ ва қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ташкил медиҳад.

Ҷинояти дигари бо убури ғайриқонунии сарҳад алоқаманд қочоқ ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир мебошад. Дар панҷ соли охир дар қаламрави вилоят аз муомилоти ғайриқонунӣ қариб се тонна маводи нашъаовар мусодира карда шудааст. Аз таҳлилҳо бармеояд ки ҳаҷми маводи мухаддири мусодирашуда сол ба сол зиёд шуда истодааст.

Агар соли 2013-ум 6,9 фоиз маводи нашъаовари дар кишвар мусодирашуда ба вилоят рост омада бошад, ин рақам дар соли 2017 ба 12,8 фоиз ва дар шаш моҳи соли 2018 ба 14 фоиз расидааст. Дар ин давра оид ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар 325 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Берун аз ҳудуди Тоҷикистон 40 нафар сокинони вилоят барои содир намудани ҷиноятҳои бо маводи мухаддир алоқаманд дастгир ва маҳкум гардида, дар маҳбасҳои дигар давлатҳо адои ҷазо менамоянд. Ҳоло дар вилоят 714 нафар шахсони нашъаманд ба қайд гирифта шудаанд, ки ба 100 ҳазор аҳолӣ 302 нашъаманд рост меояд. Ин рақам нисбат ба ҳисоби миёнаи мамлакат қариб чор баробар зиёд мебошад. Дар шаҳри Хоруғ шумораи нашъамандон аз ҳисоби миёнаи кишвар 14 баробар, ноҳияи Шуғнон 6 баробар ва ноҳияи Рӯшон 5 баробар зиёд аст. Шумораи нашъамандоне, ки ба қайд гирифта нашудаанд, аз рақами зикргардида ду баробар зиёд мебошад.

Танҳо дар даҳ соли охир 196 нафар гирифторони бемории нашъамандӣ фавтидаанд, ки аксари онҳо ҷавонон мебошанд. Шумораи шахсони бар асари ин бемори вафоткарда фақат дар шаҳри Хоруғ 149 нафарро ташкил медиҳад.

Дар робита ба ин, таъкид месозам, ки пешгирӣ кардани ин вабои аср, яъне нашъамандӣ, қочоқи маводи мухаддир, дигар намудҳои ҷиноят ва тарбияи насли солиму солеҳ вазифаи танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест, балки ҳар яки мову шумо, падару модарон, кумитаҳои кор бо ҷавонон, занон, ҷомеаи шаҳрвандӣ, фаъолону шахсони обрӯманд ва ходимони дин низ вазифадоранд, ки қарзи худро дар назди ҷомеа ва наслҳои фардои миллат бо масъулият иҷро намоянд.

Вобаста ба ин, мехоҳам диққати шуморо бори дигар ба оқибатҳои тиббӣ ва иҷтимоии ин вабои аср ҷалб намоям. Қариб чоряки нашъамандон гирифтори бемории вируси норасоии масунияти одам, навъҳои гуногуни

гепатит ва дигар бемориҳои сироятӣ мебошад. Бахусус, вазъи паҳншавии бемории вируси норасоии масунияти одам, ки табобатнашаванда дониста мешавад, бисёр хатарнок аст. Аз соли 1991 то якуми июли соли 2018 дар вилоят 619 нафар гирифторони ин бемори ба қайд гирифта шудаанд, ки қариб нисфи онҳоро сокинони шаҳри Хоруғ ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумӣ 268 нафари онҳо бар асари ин беморӣ фавтидаанд. Шумораи шахсони мубталои вируси норасоии масунияти одам дар вилоят ба сад ҳазор нафар 283 нафарро ташкил мекунад, ки аз ҳисоби миёнаи кишвар қариб дуюним баробар зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ аз ҳисоби миёна 9 баробар ва дар ноҳияҳои Шуғнону Рӯшон беш аз дуюним баробар зиёд мебошад.

Мо танҳо дар бораи онҳое сухан меронем, ки аз ташхиси тиббӣ гузашта, дар муассисаҳои тандурустӣ ба қайд гирифта шудаанд. Чанд нафар нашъамандону беморон ба қайд гирифта нашудаанд, ҳоло маълум нест. Умуман, то имрӯз бар асари бемориҳои нашъамандӣ, норасоии масъунияти одам ва майзадагӣ 514 нафар сокинони вилоят вафот кардаанд.

Бо овардани ин рақамҳо ман диққати аҳли ҷомеа, бахусус, фаъолон, падару модарон ва наврасону ҷавононро ба он ҷалб кардан мехоҳам, ки ба ин масъала бетараф набошанд. Мо бояд тамоми воситаҳоро истифода кунем, ки пеши роҳи ин раванди номатлуб, нанговар ва сабаби бадбахтии оилаҳои мардуми кишварамонро гирем. Чунки ҳар як ҷинояти гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир, нашъамандиву бемории вируси норасоии масунияти одам на танҳо ба солимии наслҳои имрӯза, балки барои наслҳои оянда, яъне ба генофонди миллат хатари ҷиддӣ эҷод мекунад.

Тасаввур кунед, ки аз шахсони гирифтори чунин бемориҳо чӣ гуна фарзанд ба дунё меояд. Ҳамаи ин ба амнияти давлат ва ҷомеа зарба мезанад. Пас, зарур аст, ки аҳли ҷомеа якҷо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ барои пешгирии ин зуҳурот қотеъона ва дастҷамъона мубориза баранд.

Таърихи башар бисёр мисолҳоеро дар ёд дорад, ки доираҳои манфиатдор барои зарба задан ба ин ё он миллат ва садди роҳи тараққиёти ин ё он давлат шудан аз моводи мухаддир васеъ истифода кардаанд.

То ҳолати аввали июни соли 2018 аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 49 нафар сокинони вилоят, ки ҷиноятҳои хусусияти террористиву экстремистидоштаро содир намудаанд, ошкор карда шуда, онҳо дар ҷустуҷӯ қарор доранд. Махсус хотирнишон месозам, ки 48 нафари онҳо сокинони деҳоти Язғуломи ноҳияи Ванҷ мебошанд. Ҳамчунин, аз 107 нафар сокинони вилоят, ки дар муассисаҳои ба ном таълими динии хориҷи кишвар ғайриқонунӣ таҳсил мекарданд, 80 нафарашон ба Ватан баргардонида шуда, 27 нафари онҳо то ҳол дар хориҷи кишвар қарор доранд. Ҳамаи онҳо низ сокинони ноҳияи Ванҷ мебошанд.

Маълум мегардад, ки фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва аҳли ҷомеа доир ба таъмин намудани волоияти қонун кофӣ нест ва барои бартараф намудани чунин амалҳои нангин, ки боиси дар арсаи байналмилалӣ коста шудани эътибори давлату миллат мегарданд, бояд корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ ва хусусан, миёни наврасону ҷавонон вусъат дода шаванд.

Амали бисёр нангини террористӣ, яъне ҳамла ба сайёҳони хориҷӣ, ки 29 июли соли ҷорӣ дар ҳудуди деҳоти Себистони ноҳияи Данғара содир шуд ва дар натиҷаи ин кирдори ноҷавонмардонаи хоинони миллат - аъзои собиқ ҳизби террористиву экстремистии наҳзат чор нафар ба ҳалокат расида, ду нафари дигар захмӣ шуд, барои ҳамаи мо боиси хиҷолати сахт ва дар айни замон ҳушдори ҷиддӣ гардид.

Дигар масъалаи ташвишовар ин аст, ки аз тарафи баъзе сокинони вилоят аз шаҳрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон миқдори зиёди силоҳи оташфишон харидорӣ карда мешавад. Ҳатто ҳолатҳое низ ба қайд гирифта шудаанд, ки баъзан худи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ барои харидории силоҳ ба гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ мусоидат кардаанд. Таъкид месозам, ки чунин шахсон худ ҷинояткоранд ва набояд дар мақомот кор кунанд.

Ҳоло мехоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба якчанд масъалае, ки ҳалли онҳо, дар навбати аввал аз роҳбарону фаъолон, аҳли зиё ва падару модарон вобаста мебошад, ҷалб намоям.

Таҳаввулоту ҳодисоте, ки вақтҳои охир дар дунё ба амал омада истодаанд, моро ҳушдор медиҳанд, ки ба масъалаи пок сохтани ҷомеа аз унсурҳои ҷиноятпеша, мубориза беамон бо ҷинояткории муташаккил, пешгирӣ кардани содиршавии ҷинояту бетартибиҳо аз ҳарвақта бештар аҳаммият диҳем. Факту рақамҳо ва шумораи ҷиноятҳои ошкоршуда дар вилоят собит менамоянд, ки риояи тартиботи ҷамъиятӣ, ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳҳо, иҷрои талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар маҷмӯъ, таъмини волоияти қонун дар қаламрави вилоят, бахусус, дар шаҳри Хоруғ раванди манфӣ касб намудааст.

Дар вилоят 24 ҳазор нафар аҳли зиё (шаҳри Хоруғ 13 ҳазор), беш аз 100 нафар шоиру нависандагон (шаҳри Хоруғ 40), 14 нафар аъзои иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, 70 нафар аъзои иттифоқи рӯзноманигорони Тоҷикистон, 6 ҳазор нафар омӯзгорон, аз ҷумла дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ 365 нафар (номзадҳои илм – 44 нафар, докторҳои илм – 11 нафар), 5 ҳазор нафар кормандони ташкилоту идораҳои давлатӣ (шаҳри Хоруғ 1700 нафар) ва 28 ҳазор нафар собиқадорону нафақахӯрон зиндагӣ мекунанд. Вале тавре ки мушоҳида мегардад, ин табақаи бонуфузи ҷомеа, ҳазорон нафар кормандони муассисаҳои таълимӣ, яъне аҳли зиё, падару модарон ва шахсиятҳои обрӯманд дар решакан кардани ҷинояткорӣ, тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, хештаншиносӣ, дар ҳақиқат дӯст доштани Ватан, дастгирии падару модар,

пешгирӣ кардани фарзандон, хешу табору пайвандон ва ҳамдеҳагони худ аз алоқамандӣ бо муомилоти ғайриқонуниву истеъмоли маводи мухаддир, қочоқи силоҳ, қонуншиканӣ, бетартибӣ ва ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ як навъ мавқеи бетарафиро ишғол намудаанд.

Аз ин рӯ, роҳбарону масъулони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки ба масъалаи сатҳу сифати корҳои тарбиявӣ, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ ва инсондӯстиву рафоқат тарбия кардани ҷавонон ва таъмини ҳатмии волоияти қонун диққати боз ҳам бештар диҳанд.

Ҷавонони имрӯза бояд аз гузаштаи пурифтихору ибратомӯзи миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз ва ободгару созандаи тоҷик сабақи мардонагӣ гирифта, ба Ватани худ – Тоҷикистони соҳибистиқлол ва миллати тоҷик содиқона хизмат намоянд.

Бо мақсади ба низом даровардани идоракунии маҳаллӣ ва тақвият бахшидан ба раванди тарбияи ҷавонон соли 2013 бо Амри Президенти мамлакат дар шаҳри Хоруғ панҷ кумитаи маҳал таъсис дода шуд. Айни замон дар шаҳри Хоруғ 2 ҷамоати шаҳрак бо 30 нафар корманд, 5 кумитаи маҳал ва 4 нафар кормандони шуъбаи кор бо маҳаллаҳо, дар маҷмӯъ 39 воҳиди корӣ фаъолият доранд ва маош мегиранд. Шумораи умумии кормандони маъмурии идоракунии маҳаллӣ 133 нафар ва 11 нафар ходимони динро ташкил медиҳад.

Вазъи риояи қонуният, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохтору мақомоти дахлдор, инчунин роҳбарони вилоят, шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот тақозо мекунад, ки бо истифода аз тамоми имкониятҳо, аз ҷумла тавассути вусъат бахшидани корҳои пешгирикунанда ва фаҳмондадиҳиву тарбиявӣ чораҳои ҷиддӣ андешанд. Бори дигар хотирнишон менамоям, ки масъалаи саломатии мардум ҳамеша дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Дар вилоят шумораи зиёди шахсони гирифтори бемории майзадагӣ яке аз омилҳои ташвишовар мебошад. Шумораи расмии майзадагони музмин ба 260 нафар баробар буда, аз ин шумора 142 нафар ба шаҳри Хоруғ рост меояд. Дар нимсолаи якуми соли равон 12 нафар аз ин беморӣ фавтидааст.

Боз як масъалаи муҳимми дигарро мехоҳам таъкид намоям, ки адои хизмат дар сафҳои Артиши миллӣ на танҳо қарзи муқаддаси фарзандӣ, балки мояи ифтихор ва шарафи бузург буда, Қувваҳои Мусаллаҳ барои ҳар як ҷавонмард ҳамчун мактаби ҷасорату матонат, дӯстиву рафоқат ва худогоҳиву меҳанпарастӣ хизмат мекунанд. Ҳар шахсе, ки худро фарзанди Тоҷикистони озоду соҳибихтиёр медонад, набояд лаҳзае ин қарзи муқаддаси хешро фаромӯш созад. Вобаста ба ин, бояд гуфт, ки вазъи даъват ба сафи Артиши миллӣ дар вилоят ба беҳбудӣ ниёз дорад.

Дар давоми 5 соли охир аз ҳудуди вилоят ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ 2288 нафар даъват гардида, 502 нафар аз хизмати ҳарбӣ саркашӣ кардаанд.

Маъракаи даъват ба хизмати ҳарбӣ дар ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ ва Мурғоб дар сатҳи баланд амалӣ мегардад, вале дар шаҳри Хоруғ ба талабот ҷавобгӯ нест.

Дар ҳудуди шаҳри Хоруғ анъана шудааст, ки нақшаи даъват асосан аз ҳисоби хатмкунандагони соли охири Донишгоҳи давлатии ба номи М.Назаршоев ва сокинони дигар ноҳияҳо иҷро карда мешавад. Аз ин рӯ, ба вазоратҳои мудофиа, маориф ва илм, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳри Хоруғ зарур аст, ки ҷиҳати баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, дарки масъулияти ватандӯстиву ватанпарастии ҷавонони шаҳри Хоруғ тадбирҳои муассир андешанд.

Қобили зикр аст, ки воситаҳои ахбори омма ба сифати дастгоҳи тавонои иттилоотӣ дар бобати сари вақт ба аҳолӣ расонидани ахбори зарурӣ оид ба фаъолияти шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ, тарбияи ахлоқии ҷомеа, тарғиби анъанаҳои таърихиву фарҳангии мардум ва дастовардҳои замони соҳибистиқлолии мамлакат, инчунин ахбору навигариҳо аз дохилу хориҷи кишвар мавқеи асосӣ дорад.

Телевизиони маҳаллии «Бадахшон» аз соли 1990 фаъолият дорад, ки дар як шабонарӯз 16 соат барнома пахш менамояд. Фарогирии мавҷи «Телевизиони Бадахшон» дар маҷмӯъ 20 фоиз буда, танҳо дар ҳудуди шаҳри Хоруғ 100 фоиз, ноҳияи Шуғнон 20 ва дар ноҳияи Роштқалъа 10 фоизро ташкил медиҳад. Яъне то ҳанӯз пахши барномаҳои телевизиони маҳаллӣ дар дигар минтақаҳои вилоят таъмин нагардидааст. Дар баъзе ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар самти пахши барномаҳои телевизион ва радиои марказ низ як силсила мушкилот вуҷуд дорад. Илова бар ин, сатҳи касбии кормандони эҷодӣ ва техникии муассисаи телевизион ва радиои вилоят беҳбудии ҷиддӣ металабад. Вобаста ба ин, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи зикршуда тадбирҳои мушаххас андешад.

Дар вилоят 10 рӯзномаи даврӣ ба нашр мерасад. Танҳо нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят рӯзномаи «Бадахшон» дар як моҳ чор маротиба бо шумораи 2000 нусха чоп гардида, дигар рӯзномаҳо аз 500 то 800 нусха нашр мешаванд, ки бо ин миқдор талаботи ҷомеаро қонеъ кардан душвор аст. Рӯзномаҳои мазкур, асосан тариқи обуна паҳн карда шуда, дар фурӯши озод ба назар намерасанд.

Дар ҳудуди вилоят нуқтаҳои фурӯши рӯзномаҳои даврӣ расман ба қайд гирифта нашудаанд. Аз ин рӯ, қисми зиёди мардуми вилоят ба рӯзномаҳои марказӣ ва маҳаллӣ дастрасӣ надоранд. Вазорати фарҳангро зарур аст, ки ҷиҳати ҳалли ин масъала чораҳои фаврӣ андешад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ҳолати истифодабарии замин дар ҳудуди вилоят то ҳанӯз ташвишовар боқӣ монда, дар ин самт қонунвайронкуниҳои зиёд, ба монанди ҳолатҳои хариду фурӯш, ишғоли

худсарона ё ғайриқонунӣ ҷудо намудани қитъаҳои замин, инчунин, истифодаи ғайримақсадноки он ба қайд гирифта шудаанд. Дар панҷ соли охир бо эътирози прокурорҳо 170 қарори ғайриқонунии раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят вобаста ба замин бекор карда шуда, нисбат ба 109 нафар шаҳрвандон ва шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатии соҳа парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Аз ин рӯ, бори дигар ба сохтору мақомоти дахлдор, махсусан, мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи сохтмон ва меъморӣ, роҳбарони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо хотирнишон менамоям, ки ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд, пеш аз ҳама, худашон поквиҷдон бошанд ва риояи қонунро дар ин самт ҷиддӣ назорат кунанд.

Масъалаи дигаре, ки боиси коҳиш ёфтани эътимоди мардум ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлатӣ мегардад, коррупсия мебошад. Дар панҷ соли гузашта ба мақсади таъмини истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ дар идораву муассисаҳои вилоят аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия 728 тафтишу санҷишҳои молиявӣ гузаронида, зиёда аз 20 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор карда шудааст. Дар рафти санҷишҳои молиявӣ 12,5 миллион сомонӣ барқарор карда шудааст, ки 62 фоизи зарари ошкоршударо ташкил медиҳад.

Инчунин, воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ 518 ҷинояти коррупсионӣ, ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва бо андоз алоқамандро ошкор намудаанд, ки 59 ҳолати он ба категорияи ҷиноятҳои вазнин мансуб мебошад.

Таҳлили вазъи риояи қонунгузорӣ дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим нишон медиҳад, ки дар ин самт низ қонунвайронкуниҳои зиёд ба қайд гирифта шуда, дар баробари шаҳрвандон баъзе кормандони комиссияҳои танзими анъана ва ҷашну маросим ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ беэътиноӣ зоҳир мекунанд ва баъзан ҳатто қонунвайронкуниҳоро пинҳон менамоянд. Қонунвайронкуниҳо дар ин самт, асосан дар шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Роштқалъа, Дарвоз ва Ванҷ бештар ба назар мерасанд.

Вазъи иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» низ қонеъкунанда нест. Бинобар ин, падару модарон, аҳли маориф ва фаъолони шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки ба риояи қонуни зикршуда бо тамоми масъулият муносибат кунанд, зеро ҳадаф аз қабули қонуни мазкур, пеш аз ҳама, тарбияи насли баодобу соҳибмаърифат ва бо ҳамин роҳ пешгирӣ кардани қонуншиканӣ дар байни наврасону ҷавонон ва таъмин намудани волоияти қонун дар ҷомеа мебошад.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Бо истифода аз ҳузури роҳбарону фаъолони ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои низомӣ, намояндагони ҷавонону занон, падару модарон ва шахсони обрӯманду рӯзгордида мехоҳам бори дигар изҳор намоям, ки дастоварҳои то ба имрӯз ноилшудаамон аз худи мо мебошанд. Вазифаи мову шумо аз он иборат аст, ки ба хотири расидан ба дастоварду пешравиҳои боз ҳам бештар кӯшиш кунем, Ватанамонро ободу давлатамонро пешрафта гардонем ва барои наслҳои оянда як мулки ободу осуда ва тараққикардаро ба мерос гузорем.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон яке аз гӯшаҳои воқеан зебои Тоҷикистони маҳбубамон ба ҳисоб меравад. Ин сарзамини бостонӣ аз замонҳои қадим макони сайру саёҳат ва омӯзишу таҳқиқ буда, садҳо олимону сайёҳон ва ҷаҳонгардон аз кишварҳои мухталифи олам доир ба таъриху фарҳанг, анъанаҳои мардумӣ, табиати нодир ва мавзеъҳои ҷолиби он ҳазорҳо асару ёддоштҳои омӯзанда иншо кардаанд.

Мо ифтихор мекунем, ки имрӯз низ дар ин гӯшаи сарзамини аҷдодиамон мардуми ватандӯсту қавиирода, сарбаланду фарҳангпарвар ва давомдиҳандагони анъанаҳои неки гузаштагони шарафмандамон кору зиндагӣ мекунанд.

Итминон дорам, ки онҳо бо ҳисси баланди ватандорӣ, заҳмати аҳлона ва саъю талоши софдилона, хусусан, ба хотири истиқболи арзандаи ҷашни муқаддасу бузурги миллиамон - сисолагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам ободу пешрафта гардонидани ин гӯшаи биҳиштосои кишварамон ва мустаҳкам гардидани пояҳои давлатдории миллиамон саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Ман ба ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватандории сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон итминони комил дорам ва хуб медонам, ки онҳо барои ободиву пешрафти ояндаи Тоҷикистони маҳбубамон минбаъд низ саъю талоши худро дареғ намедоранд.

Ба тамоми сокинони вилоят барои расидан ба мақсадҳои некашон сулҳу оромӣ, ваҳдати ҷоидонаи миллӣ, хонаи обод, иқболи баланд ва барору комёбӣ орзумандам.

**Ҳамеша сарбаланду муваффақ бошед, ҳамдиёрони азиз!**

## НАҚШИ РОҲБАР АЗ НИГОҲИ МУТАФАККИРОНИ ШАРҚ

***Маҳмадраҳимзода Фазлиддини Абдукарим*** *– магистранти Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, тел.: (+992 ) 900 14 80 80, e-mail: mr.fazliddin_tj@mail.ru*

Мавзӯи мақолаи мазкурро омӯзиш ва таҳлили ақидаҳои мутафаккирони Шарқ оид ба роҳбарӣ ташкил додааст. Дар мақола самаранокии фаъолияти идоракунии роҳбар, шартҳо ва вижагиҳое, ки мутафаккирон қайд намудаанд, шарҳ дода шудааст.

Ба андешаи муаллиф бояд ҳар як роҳбар барои субот ва устувории давлат дар асоси фаъолияти худ адолат ва хирадмандиро ҳамчун нишонаҳои асосии ахлоқии ҳукмронӣ қарор дода, барои пойдорӣ ва шукуфоии кишвар кӯшиш намояд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *идоракунӣ, роҳбарӣ, ахлоқ, давлат, нақш, фаъолият, хирадмандӣ, сарварӣ, сиёсат, нубувват, ходимони сиёсӣ, салтанат, дастурамал*

## РОЛЬ ЛИДЕРА С ПОЗИЦИИ МЫСЛИТЕЛЕЙ ВОСТОКА

***Махмадрахимзода Фазлиддини Абдукарим*** *– магистрант Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992 ) 900 14 80 80, e-mail: mr.fazliddin_tj@mail.ru*

Статья посвящена анализу и интерпретации тему идей и концепций мыслителей Востока относительно вопросов руководства и лидерства. В статье отмечено условия и особенности эффективной деятельности управленцев и лидеров, которые показаны произведениях философы и мыслители.

По мнению мыслителей каждый правитель страны или глава государства в своих действиях должен опираться на справедливости и разума, прилагать все свои усилия во благо народа и общество, а также процветания государства.

***Ключевые слова:*** *управление, лидерства, поведение, государство, роль, деятельность, мудрость, предводительство, политика, пророческая миссия, политические деятели, царствование, инструкция*

# THE ROLE OF LEADERSHIP FROM POINT OF VIEW OF EASTERN THINKERS

***Mahmadrahimzoda Fazliddini Abdoukarim*** - *undergraduate of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str. 33, тел.: (+992 ) 900 14 80 80, e-mail: mr.fazliddin_tj@mail.ru*

The article is devoted to the analysis and interpretation of Eastern thinkers' concepts concerning the problems of leadership and managements.

Author's point of view is every managing director ought to strengthen one's actions of behavior, to try for the welfare of the people, society and prosperity of the state.

***Key words:*** *management, leadership, behavior, state, role, activity, prudence, policy, prophetic mission, political authority, reign, instruction.*

Одамон, ки худ офарандаи таъриханд, дар робитаҳои байниҳамдигарӣ ва муносибат бо ҳодисаю падидаҳои дигари ҷамъиятӣ ва табиӣ мақсади муайянро дар асоси фаъолияти худ қарор медиҳанд.

Падидаи роҳбарӣ яке аз падидаҳои муҳими ҷомеаи инсонӣ буда, тӯли таърихи башар бисёр мутафаккирони Шарқ низ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, паҳлуҳои гуногуни онро таҳқиқ ва баррасӣ кардаанд.

Абӯалӣ ибни Сино оид ба масъалаи роҳбарӣ ё худ сарварӣ дар таълифоти худ «Зафарнома» ва «Тадбири манзил» андешаҳои ҷолиб баён кардааст. Сино доир ба ҷомеа ва паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, хусусан сиёсат, нақши роҳбар дар рушду нумӯи кишвар ва устувории адлу инсоф суханҳои арзишманд гуфтааст. Ӯ ҳам ба мисли мутафаккирони Юнони Қадим, Афлотун ва Арасту ҷомеаро ба се табақа тақсим мекунад: ҳокимон, заҳматкашон ва ҷанговарон. Ба ақидаи ӯ, ҷомеа дорои тартиботи қатъӣ буда, ба он қонунгузориҳои махсус роҳ меёбанд. Абӯалӣ ибни Сино вазифаҳои давлатро дар таъмини тартибот, ҳалли масъалаҳо ва равандҳои зиддиятноки ҷомеа медид. Ба ақидаи ӯ, агар подшоҳ донишманд бошад, сиёсати ӯ низ одилона хоҳад шуд. Дар ин маврид ӯ ба воситаи сиёсати хеш ба инкишофи саноату зироат ва савдою маданият таъсири мусбат мерасонад [7, 30-31].

Абӯалӣ ибни Сино оид ба роҳбарӣ сухан ронда, зарурати пайдоиши сарвариро, пеш аз ҳама, ба мавҷудияти нобаробарӣ дар ҷомеа медонад. Ӯ дар «Тадбири манзил» менависад, ки «тафовути аҳвол ва ихтилофи ақдор (қадрҳо) сабаби бақои зиндагии одамизод мебошад». Бинобар ин, қайд менамояд, ки «хирадмандон медонанд, ки агар ҳамаи мардум подшоҳу шаҳриёр бишаванд, ҳамагӣ аз байн меравaнд. Ва агар ҳама ранҷбару коргар ва тобеу раият бишаванд, подшоҳу султоне дар байн набошад, ҷумлагӣ фонӣ ва ҳалок мешаванд. Ҳамчунон, ки агар ҳамагӣ дар тавонгарӣ ва сарват

мусовӣ ва баробар бо якдигар бишаванд, касе барои касе кор намекунад ва атову муованати дӯст аз дӯст мунқатеъ мегардад»[1, 13].

Аз ин ҷо, хулоса намудан мумкин аст, ки мавҷудияти сарварӣ ҳамчун омили муҳими мавҷудияти ҷомеаи инсонӣ маънидод гаштааст. Сино барои подшоҳ ислоҳи нафсро сиҳатии беҳтарин дониста, навиштааст: «Касоне, ки ба сиёсату тадбири умури мардум машғуланд, бояд, пеш аз ҳама, нафси худро идора ва ислоҳ кунанд. Зеро, агар нафс идора нашавад, ҳодисаҳои ҳузнангез, аз қабили ҷангу ғавғо ва ноороми ба амал меоянд» [1, 16].

Масъалаи дигаре, ки мутафаккир ба он аҳамияти ҷиддӣ додааст, ин сарваронро ҳамчун шахсони баргузида ва дорои қудрати хосаи аз ҷониби Худованд ба онҳо атошуда мепазирад. «Дар тадбири умум ва ҳусни сиёсат сазовортарин мардум ба тафаккур подшоҳону шаҳриёронанд, ки Худо ононро зимомдори умури бандагони худ намуда ва барои танзими билод доро ба тасаллут ва қудрат кардааст»[1, 14]. Бинобар ин, вазифаи муҳими подшоҳон таъдибу таъдил ва ба роҳи рост даровардани ҳақиқитарин ва кӯчактарин мардум тавассути сиёсати хуб, тадбири некӯ ва тафаккури зиёд мебошад.

Ин андешаҳо аҳамияти баланди маърифатию ахлоқӣ дошта, дар ташаккули афкори сиёсию иҷтимоии мардуми Шарқ таъсири ҷиддӣ расонидаанд.

Яке аз мутафаккирони дигари тоҷику форс Унсурулмаолии Кайковус мебошад, ки муаллифи андарзномаи беназир «Қобуснома» аст. Ӯ худ ҳамеша орзуи давлатдорӣ ва шоҳаншоҳиро дар сар дошт, бинобар ин, дар асари худ тарзи зиндагии аъёну ашрофро матраҳ сохта, тариқи идораи давлат ва сарварии ҷомеа буданро пешниҳод менамояд. Ӯ сиёсатмадору давлатдорро ба офтоб монанд мекунад: «Чашмаи хуррамии олам подшоҳи одил аст ва чашмаи вайрониву харобии олам подшоҳи золим аст». Муаллифи “Қобуснома” адлу адолатро чун пояи давлатдорӣ медонад. Шоҳу шоҳигариро ба масъалаи ахлоқ мепайвандад. Ба ақидаи ӯ, шоҳ бояд ҳамеша ақлу хирадро машваратчии худ интихоб кунад, ба эҳсосот дода нашавад, тафаккур дар қабули қарор бояд мавқеи асосӣ дошта бошад ва яке аз аркони давлатдориро дар равонии фармон ва супоришоти шоҳ мебинад. Ӯ қайд менамояд, ки подшоҳ бояд доимо бо лашкар ва халқ бошад, чунки онҳо дар давлатдорӣ аз аҳамияти муҳим бархӯрдоранд. Кайковус таъкид менамояд, ки ба корҳои давлатӣ гуморидани шахсони ботаҷрибаву рӯзгордида диққати махсус дода шавад ва шоҳ аз фаъолияти вазирону дарбориён бохабар бошад [7, 160].

Симои барҷастаи Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар афкори сиёсиву иҷтимоии асримиёнагии форсу тоҷик арзишманд буда, вай дар асарҳои худ «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Футувватномаи султонӣ» ва «Рисолаи Ҳотамия» оид ба тарзи давлату давлатдорӣ, ягонагии ҳокимияти динию дунявӣ, саҳми шахсони соҳибмансабу соҳибмақом ва ашхоси тавонгар андешаҳои арзишманд баён намудааст, ки ҳоло ҳам пурарзишанд. Подшоҳи одилро қадр намуда, чун дигар мутафаккирони асримиёнагӣ, аз назари ӯ низ, подшоҳӣ хосияти илоҳӣ

дошта, подшоҳро сояи Худо дар рӯйи замин мепиндорад. Ҳусайн Воизи Кошифӣ адолатнокиро чун воситаи нигоҳ доштани баробарию табодули байни аҳли ҷомеа доништа, чунин мегӯяд:

Додгарӣ шарти ҷаҳондорӣ аст,
Давлати боқӣ зи камозорӣ аст.
Мамлакат аз адл шавад пойдор,
Кори ту аз адли ту гардад қарор.
Ҳар ки дар ин хона шабе дод кард,
Хонаи фардои худ обод кард.

Яъне «адл воситаи нигоҳ доштани тавозун миёни халқ аст».

Кошифӣ бар он ақидааст, ки адлу инсофи роҳбари давлат, усули солимии давлатдорӣ, халқпарастии воқеии роҳбар, пояи давлатро устувор ва ҳаёти ҷамъиятро хуш месозад [9, 207].

Дар қатори дигар мутафаккирони маъруфи Шарқ таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷойи махсусро ишғол менамояд. Вай ҳамчун олими дини ислом бештар ба мақому манзалати сарваони динию давлатӣ диққат дода, байни аҳли нубуввату ҳокимони сиёсӣ ва нақши эшон дар ҳалли масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ фарқ мегузорад. Вай танҳо барои пайғамбарон ишғоли ду мансаб - нубуввват ва салтанатро роиҷ мебинад. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷамъиятро бе сарвар тасаввур намекунад ва нақши ӯро дар ҳаёти ҷамъиятӣ хеле боло мегузорад.

Ҳамадонӣ ҳокимияти хилофат, подшоҳӣ ва салтанатеро, ки ба ислом пайравӣ мекунад, эътироф менамояд. Дар байни мансабҳои нубувват ва ҳокимӣ фарқ мегузорад. Ҳокимӣ аз рӯйи манфиатҳои қонун ва ҷомеа бармеояд. Мансаби нубувватро Худо ба ашхоси хос медиҳад. Ба монанди паёмбарон, аммо мансаби салтанат ва ҳокимият ба хоҳиши ҳоким вобаста аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳокимонро ба чор гурӯҳ тақсим менамояд: [3, 151]

а) ҳокимони соҳиби ақлу заковати худодод;

б) ҳокимони бефаросату иблисони замон;

в) ҳокимоне, ки майли донишомӯзӣ доранд, аммо мардум онҳоро аз ин амал дур медоранд;

г) ҳокимоне, ки раиятро ба роҳи дуруст ҳидоят мекунанд, аммо худ золиманд.

Ҳамадонӣ мусулмононро ба итоати бечунучарои ҳокими мусулмон даъват намекунад, ғайр аз ин, бар ҳоким шартҳо мегузорад.

Салтанат ва подшоҳиро ба 10 шарт вобаста медонад:

1. Эҳмоли ҳоҷати мусалмонон раво набошад;
2. Дар ҳар сурат ҳоҷатбарор бошад;
3. Дар хӯрдан ва пӯшидан пайравӣ ба хулафои рошидин кунад ва нафсро ба таомҳои хуш хӯрдан ва ҷомаҳои ботакаллуф одат накунонад;

4. Дар ҳукм сухан ба мадоро гӯяд ва бе мӯҷиб дуруштӣ накунад, аз шунидани ҳуҷҷати бисёр малул нагардад ва аз сухан гуфтан бо мискинон ва заифон нанг надорад;

5. Ба ҷиҳати ризои халқ дар ҳукм сустӣ ва мудоҳамат накунад ва барои хушнудии ҳар кас мухолифати ҳақ ва шаръ раво надорад ва бидонад, ки хосияти ҳукумат он аст, ки пайваста ҳама ҳалқ аз ҳоким хушнуд набошанд, зеро ду хасм ба ҳақ хушнуд натавон кард ва ҳосили ризои ҷамъи халқ аз ҳокими одил мумкин нест ва чун ҳукми ҳоким беғараз, одилона ва моил бувад, ки ризои Ҳақ дар он бошад Ҳақ халқро аз ӯ розӣ мегардонад;

6. Аз хатари ҳукумат ва вилоят ғофил набошад ва яқин донад, ки мансаби аморат ва ҳукумат олатест, ки бад-он олат саодат ва некномии охират метавон касб кард ва ҳам шақоват ва гирифтори бадномии абадӣ бад-он ҳосил мешавад;

7. Ба зиёрати аҳли фазл ва уламои рошидин моил бувад, агарчӣ ин қавм дар ин рӯзгор камёфт ва азизанд. Аз суҳбати ҷоҳилони даҷҷолсират ва фосиқони солеҳсурат, ки дар замон худро ба халқ менамояд ва ҳар хасиси золимро ба тамаъ сано мегӯянд, эътироз кунад, ки ин тоифа вайронкунандагони ҷомеаву динанд;

8. Бо сабаби таҷаббур ва такаббур халқро аз худ дур нагардонад, балки бо адл, эҳсон ва шафқат бар заифон ва зердастон худро маҳбуби мардум гардонад;

9. Аз ҷустуҷӯи хиёнати наввоб ва зулми аммор ғофил набошад ва дар сиёсати подшоҳӣ сустӣ нанамояд ва арбоби давлатро ба насиҳат ва сиёсат муҳаззаб гардонад;

10. Подшоҳ бофаросат бошад.

Таълимоти ӯ аз дигар мутафаккирони исломӣ фарқ менамояд ва ин таълимотро метавон ҳамчун дастурамале баҳри фаъолияти идоракунии роҳбарон эътироф намуд. Зеро масъалаи баррасишаванда бо нозукии хос ва дониши амиқи масъала иброз гашта, новобаста бо гузашти зиёди вақт то ҳол аҳаммияти худро аз даст надодааст [3, 223-226].

Ба ақидаи Форобӣ, устувории давлат ва беҳбудиву пешрафти иқтисодию сиёсии кишвар аз бисёр ҷиҳат ба сарвар-пешво вобаста аст. Сарвар ва ё пешво аз назари вай бояд дорои чунин хислати фитрӣ бошад: узвҳои такомулёфта, фаросат, хотираи хуб, зеҳни тез ва дурандеш будан, фикри худро аниқ гуфта тавонистан, аз хӯроку нӯшокии зиёд парҳез карда тавонистан, ҳақиқат ва тарафдорони онро дӯст доштан, дурӯғ ва дурӯғгӯйҳоро нкӯҳиш кардан, касби пурифтихор ва ҳурмати худро нигоҳ доштан, пул ва дигар василаҳои ҳаёти дунявиро парастиш накарданд душмани беадолатӣ ва зулму истибдод ва мустабид будан [8, 28-30].

Фалсафаи Форобӣ хосияти куллӣ дорад ва оғози тафаккури фалсафӣ дар тамаддуни ислом аст. Ӯ дар бораи бунёди ҷомеаи ормонӣ – мадинаи фозила сухан ронда андешаҳои сиёсиашро баррасӣ намудааст. Дар саромади мадинаи фозила ҳоким—имом қарор дорад. Ӯ муносибатҳои байниҳамдагарии табақаҳои гуногуни аҳолиро танзим ва инкишофи

мавзуни ҷомеаро таъмин менамояд. Ҳоким, ки худ донишманд ва хирадманд аст, аҳли ҷомеаро метавонад аз паси худ барад.

Форобӣ дувоздаҳ сифати зайлро ҷудо менамояд, ки бояд сарвари мадинаи фозила онро соҳиб бошад:

1. Соҳиби аъзои комил бошад, то тавонад корҳои дилхоҳашро ба осонӣ анҷом бидиҳад;
2. Табиатан фаҳми тавоно дошта бошад;
3. Дорои ҳофизаи қавӣ бошад, то ки чизҳоеро, ки дида, шунида, тасаввур намудааст, фаромӯш нанамояд;
4. Зеҳни закӣ ва тезбин дошта бошад, то аз рӯйи нишонаи камтарин кунҳи воқеотро дарк намояд;
5. Соҳиби каломи фасеҳ бошад ва фикрашро сароҳатан баён карда тавонад;
6. Ба таълим ва маърифат таваҷҷӯҳ ва муҳаббати қавӣ дошта бошад;
7. Дар хӯрдан, ошомидан ва занон ҳарис набошад;
8. Ростӣ (ҳақ) ва аҳли онро дӯст дорад, ба дурӯғ ва дурӯғгуён нафрат дошта бошад;
9. Нафси фохир дошта бошад ва шарафи худро ҳифз намояд, нафси худро табиатан аз ҳама корҳои зишт эҳтиёт кунад ва ба аъмоли олӣ табиатан моил бошад;
10. Динор, дирҳам ва дигар васоили ҳаёти дунявиро азиз надонад;
11. Табиатан адолат ва одилонро дӯст дорад, беадолатӣ, истибдод ва ситамгоронро нафрин кунад;
12. Дар ҳалли масъалаҳо қотеъ, далер ва ҷасур бошад, тарсу ваҳм ва буздилиро надонад.

Ҳамзамон Форобӣ дарк мекард, ки ҳамаи ин дувоздаҳ хислатро дар як шоҳ ёфтан номумкин аст. Бинобар ин, пешниҳод менамояд, ки сарвари дуюм бояд ҳадди ақал шаш сифати зеринро дошта бошад:

- хирадманд ва ҳаким бошад;
- олим бошад, қавонин, қавоид ва одотеро, ки пешвоёни пешин барои мадина муқаррар кардаанд дар ёд дошта ва тибқи он амал кунад;
- дар мавридҳое, ки пешвоёни собиқ қонуне таъин накардаанд, ихтирокор бошад;
- соҳиби заковат ва ҳадс бошад, то ки ҳам вазъи мавҷуди ашё ва ҳам ҳаводиси ояндаро, ки пешвоёни аввал натавонистаанд пай бубаранд, дарк намояд;
- ҳадафи ӯ дар ин маврид бояд тақвияти рафоҳияти мадина бошад ва бо сухани худ мардумро ба иҷрои қавонини пешвоёни аввал ва қавонине, ки худ ихтироъ кардааст, водор карда тавонад;
- соҳиби қувваи ҷисмонӣ бошад, ки барои иҷрои корҳои ҷангӣ зарур аст, дар айни ҳол бояд санъати ҳарбиро хуб бидонад.

Яъне, ба ақидаи Форобӣ ин ду шахс метавонанд ҳокими мадина бошанд. Вале дар сурате, ки агар дар роҳбарияти мадина ҳикмат ҷой надошта бошад, мадинаи фозила бе подшоҳ хоҳад монд. Дар ин сурат мадинаро

хавфи ҳалокат таҳдид хоҳад кард. Ва агар надиме ёфт нашавад, ки мушовири ҳокими мадина бошад, мадина дар андак муддат ногузир ба ҳалокат хоҳад расид.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки воқеан ҳам нақши роҳбар – сарвар дар рушду нумӯи ҷомеа бениҳоят муҳим буда, сарвари қудратманду хирадманд ва адолатпешаю дурандеш кафили рушди босуботи ҷомеа мегардад.

Форобӣ ҳамчунон дар бораи он менависад, ки ҷомеа танҳо он вақт метавонад ба хушбахтӣ даст ёбад, ки агар ба таври ихтиёрӣ ҳокими хирадмандро интихоб намоянд. Гарчанде, ки интихоби низоми ҳокимият ҳуқуқи истисноии инсоният мебошад, ба ин нигоҳ накарда, интихобро ҳеҷ гоҳ ба таври иҷборӣ ба ҷомеа талқин кардан дуруст нест. Ба ақидаи Форобӣ «Роҳбари арзанда ин шахсест, ки танҳо ба шарофати дониш, хирадмандӣ ва тарзи хидмат ба халқ соҳиби дилҳои одамон шуда, онҳоро умедвор месозад. Ӯ бояд ба андозае мардумро ба ваҷд биёрад, ки он барои расидан ба хушбахтӣ ба таври ихтиёрӣ ва аз дилу ҷон роҳбарии ӯро қабул намоянд, чунки ин тобеият ба асоси хирад ва бартарият аст» [5, 503].

Низомулмулк дар асари машҳури худ «Сиёсатнома» ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни роҳбарӣ диққат дода, ин ниҳоди иҷтимоиро ҳамаҷониба баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, ӯ тавонистааст ҳам ба ҷанбаи субъективию шахсӣ ва ҳам ба ҷанбаи сохторию вазифавии сарварӣ диққати ҳамаҷониба диҳад.

Мутафаккир қайд менамояд, ки: «Эзиди субҳонаҳу ва таоло дар ҳар асрею рӯзгоре якеро аз миёни халқ баргузинад ва ӯро ба ҳунарҳои подшоҳона ва сиратҳои сутуда ороста гардонад ва масолеҳи ҷаҳону оромии бандагонро бад-ӯ бозбандад ва дари фасоду ошӯбу фитнаро бар ӯ баста гардонад ва ҳайбату ҳашамати ӯ андар дилҳо ва чашми халоиқ бигустаронад, то мардумон дар сояи адли ӯ рӯзгор мегузаронанд ва эмин ҳамебошанд ва бақои давлати ӯ ҳамехоҳанд» [2, 13]. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки роҳбарон – подшоҳон дар ҳақиқат ҳам шахсиятҳои дорои хислатҳои хос буда ва мавҷудияти онҳо дар ҷомеа баҳри таъмини низому тартиб зарур мебошад. Воқеан ҳам, адолат то ба имрӯз яке аз пояҳои пойдории дилҳоҳ ҷомеа ва давлат ба шумор меравад. Бинобар ин, Низомулмулк чунин мешуморад, ки роҳбарон бояд дорои хислатҳои адолатпешагӣ, додрасӣ, ҳаё, ҳусни хулқ, авф, тавозуъ, саховат, сидқ, сабр, шукр, раҳмат, ақл, хирадмандӣ, ҳушёрӣ, раиятпарварӣ, худотарсӣ ва донишмандӣ бошанд. Ба ақидаи мутафаккир, «дониши сарварон бояд ҳамчу шамъ бошад, ки бисёр рӯшноӣ диҳад ва мардумон бад-он рӯшноӣ роҳ ёбанд ва аз торикӣ берун оянд»[2, 15].

Ҷанбаи дигари муҳиме, ки дар ин асар таҷассум ёфтааст, ин ҷанбаи муносибати мутақобилаи роҳбару зердастон мебошад. Яъне мавҷудияти робитаи доимӣ байни подшоҳ ва раият омили муҳиме мебошад, ки метавонад пояи давлатдориро мустаҳкам, адлу инсофро ҳукмфармо, зулму истибдодро пешгирӣ ва мулкро обод гардонад. Бинобар ин, қабули раият,

шунидани арзу доди онҳо ва огаҳии доимӣ доштан аз фаъолияти вазирону надимони худ бояд яке аз вазифаҳои асосии подшоҳ бошад.

Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ ба масъалаи давлат диққат дода, аз мавқеи динӣ бунёди давлатро маънидод мекунад. Эзид таолоро офарандаи давлат дониста, подшоҳро намояндаи Худо дар замин медонад ва халқро асоси давлат дониста, пойдории мулкро аз зиндагии беҳи мардум медонад. Ӯ чунин мегӯяд: «Чун дуои халқ ба некӯӣ пайваста гардад, он мулк пойдор бувад» [2, 15].

Дар баробари ин, Низоммулмулк дар идора кардани давлат фаъолияти шахсӣ ва истиқлолияти фикрӣ доштани шоҳро муҳим мешуморад, чунки дар дарбор вазирону амалдороне ҳастанд, ки ба талаву тороҷ кардани халқ, фисқу фуҷур овора буда, зулму ситамро пешаи худ қарор додаанд. Бинобар ин, Низомулмулк муътақид аст, ки дар чунин маврид фаъолияти шахсии шоҳ ва тадбирҳои оқилонаи ӯ метавонад, ки мардумро аз гирифторӣ наҷот диҳад. Паҳлуи дигари давлатдориро ӯ дар шунидани арзи мардум ва аз рӯйи адолат ҳукм баровардани подшоҳ медонад. Дар ин маврид чунин мефармояд: «Чора набошад подшоҳро аз он ки дар ҳафтае ду рӯз ба мазолим биншинаду дод аз бедодгарон биситонаду инсоф бидиҳад ва сухани раият бишунавад. Бевосита дар чанд қисса, ки муҳимтар бувад, бояд ки арза кунад ва дар ҳар як мисоле диҳад» [2, 7].

Абӯҳомид Муҳаммад Ғазолӣ дар китоби худ «Насиҳат-ул-мулук» сиёсатро яке аз қисматҳои илми фалсафа медонад. Таълимоти Ғазолӣ, ки дар асарҳояш «Мустазфо», «Иқтисод», «Музтазҳарӣ», «Насиҳат-ул-мулук» баён ёфта, ӯ ба хулоса омадааст, ки ҷомеа мисли тамоми ҷаҳон зодаи хиради илоҳӣ буда, мақому тартиби он аз ҷониби Худо қаблан таъмин шудаанд, бе он ки одамон барои таъмини рӯзғор ва пайдо намудани васоили зиндагӣ ба ҳам ҳамкорӣ накунанд, ҷомеа вуҷуд дошта наметавонад. Дин ва сиёсат ба ҳам пайванд буда, танзимгари асосии зиндагии ҷамъиятанд. Вай бар он ақидааст, ки рифоҳу шукуфоии давлат ба шоҳ, ки сояи Худо дар рӯйи замин аст ва инчунин ба вазир, соҳибмансабон, ашхоси соҳибқаламу соҳибшамшер вобастааст. Дар таълимоти Ғазолӣ ҷанбаи инсонгароӣ хеле барҷаста буда, адолатро таблиғ ва зулму шарро интиқод месозад. Ӯ дар заминаи таълимоти динӣ кӯшидааст, ки ҳокимони замонашро ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ даъват созад.

Ғазолӣ бузургтарин хислати подшоҳонро дар одилӣ мебинад. Адл пояи устувории давлат буд, меъёри он танҳо ғамхорӣ нисбат ба халқ мебошад. Муҳаммад Ғазолӣ масъалаҳои давлатдориро тобиши ахлоқӣ дода, сиёсатро воситаи такомули давлатдорӣ, адлу инсоф ва ҳимояи халқ медонад. Дар сиёсатфаҳмӣ ӯ дар мавқеи дини ислом қарор дошта, Худоро сабабгори ҳамаи ҳодисаҳо медонад ва подшоҳро дар рӯйи замин сояи Худо медонад.

Ғазолӣ асли эътиқодро, ки асоси имон аст, тарзе баён намудааст, ки аҳамияти калони илмӣ бархӯрдор аст.

«Бидон, эй малик, ки ту офаридаӣ ва туро офаридгорест, ки офаридгори ҳамаи олам аст ва ҳар чи дар олам ҳаст ва якест, ки ӯро ҳамроз нест ва ягона

аст, ки ӯро ҳамто нест ва ҳамеша буд, ки ҳастии ӯро аввал нест ва ҳамеша бошад, ки будани ӯро охир нест ва ҳастии вай бар худ аст, ки вайро ба ҳеҷ сабаб ниёз нест ва ҳеҷ чиз аз ӯ бениёз нест, балки будии вай ба худ аст ва будии ҳама чизҳо бар вай аст» [4, 5].

Ба ақидаи Ғазолӣ, роҳбар бояд аз ҳамаи амалҳое, ки дар мулкаш ба амал меояд, огоҳ бошад ва назорат намояд. Бояд дорои чунин сиёсате бошад, ки мардум аз он ҳазар кунанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили афкори мутафаккирони форсу тоҷик нишон медиҳад, ки масъалаҳои роҳбару роҳбарӣ, давлату давлатдорӣ, идоракунӣ, сарварию салтанат яке аз масъалаҳои асосии ҷомеаи инсонӣ буда, бори дигар собит месозанд, ки ақидаҳои иҷтимоии онҳо ифодакунандаи ормонҳои онҳост. Аз ин ҷост, ки хислатҳои роҳбариро муаррифӣ намуда, онҳо кӯшиш менамоянд, то дар ҳамин рӯҳия роҳбаронро тарбия намоянд. Зеро яқин дарк мекарданд, ки адли шоҳ қодир аст боиси суботи ҷомеа, осудагии мардум, пешрафти кишвар ва тантанаи саодат гардад. Ва онҳоро метавон ҳамчун дастурамале баҳри фаъолияти роҳбарон дар замони муосир ҳам эътироф намуд. Зеро дар онҳо масъалаи баррасишаванда бо нозукии хос ва дониши амиқи масъала иброз гашта, новобаста ба гузашти зиёди вақт то ҳол аҳаммияти худро аз даст надодааст.

**Адабиёт:**

1. Давлатов М.Н. Ақидаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ оид ба пайдоиши ҷомеа, ҳокимият ва давлат/М.Н. Давлатов//Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2017, №1. - С. 104 -114.

2. Ибни Сино. Тадбири манзил. Осори мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1983. ҷ.2. – 560 с

3. Низомулмулк. Сиёсатнома. (Ба чоп тайёркунанда А.Девонақулов). Душанбе: Ирфон, 1989, 200 с.

4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. «Захиратулмулук». (таҳияи Асоев Ҳ. Турдиев Қ.) Душанбе: Ирфон. 2008, 372 с.

5. Муҳаммад Ғазолӣ. Насиҳат-ул-мулук. Душанбе: Ирфон, 1993. 144 с.

6. Политическая история ислама доктора Хасана Ибрагима. Перев. Абулкасима Паенда. 4-е изд., Часть 1.- 620 с.

7. Саид Мухаммад Хотами. Традиция и мысль во власти авторитаризма.- М.,2001; 420 с.

8. Унсурмаолии Кайковус. Қобуснома. Душанбе: Суннатулло, 2007. 190 с.

9. Хидирова М.У. Сарварӣ дар низоми идоракунии сиёсӣ. Душанбе,2011. 64 с.

10. Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Ахлоқи Муҳсинӣ, Футувватномаи султонӣ. Рисолаи Ҳотамия, Душанбе: Ирфон, 1991, 320 с.

11. Муҳаммадҷонов, О.О., Ғаниев, З. Оини давлатдорӣ дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ/О.О. Муҳаммадҷонов, З. Ғаниев//Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2015, №3. - С.149-156.

# О ПЕРСПЕКТИВЕ СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА И КЫРГЫЗСТАНА ПО ПОДГОТОВКЕ КАДРОВ В ОБЛАСТИ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ

***Комилбеков Амид Ёрбекович*** *– к.п.н., доцент, заведующий кафедрой международных отношений и политических процессов Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан,734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992) 935 575 855, e-mail: amid.komilbek@mail.ru*

В статье отмечается что, таджики и кыргызы, проживая бок о бок в течение столетий, всегда имели добрососедские отношения, поддерживая друг друга все время во всех трудностях, и с уверенностью можно сказать, что соседные народы всегда настроены на дружбу, братство и взаимовыгодное сотрудничество в различных сферах науки, образования, а также других областях социальной и экономической жизни. В последние годы в рамках трехстороннего сотрудничества между Институтами государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, Академии управления при Президенте Кыргызской Республики и немецкого Фонда Ханса Зайделя проводятся встречи и происходит обмен опытом между стипендиатами, магистрами из числа госслужащих Таджикистана и Кыргызстана.

***Ключевые слова:*** *сотрудничество, дипломатия, Таджикистан, Кыргызстан, экономика, образование, государственное управление, государственная служба, магистр*

# ДУРНАМОИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚИРИЗИСТОН ОИД БА ТАЙЁРКУНИИ КАДРҲО ДАР СОҲАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

***Комилбеков Амид Ёрбекович*** *– н.и.с., дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш . Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992) 935 575 855, e-mail: amid.komilbek@mail.ru*

Дар мақола муаллиф хотирнишон месозад, ки тоҷикон ва қирғизҳо тайи асрҳо муносибатҳои неки ҳамсоягӣ дошта, дар ҳама давру замонҳо якдигарро дастгирӣ мекарданд ва бо итминон метавон гуфт, ки дар миёни ду халқи ҳамсоя ҳамеша фазои дӯстию бародарӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои гуногуни илму таҳсилот, инчунин дар дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ идома дорад. Солҳои охир дар доираи ҳамкориҳои сеҷонибаи миёни Донишкадаи идоракунии давлатии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон ва Фонди олмонии Ҳанс Зейдел мунтазам мулоқот ва мубодилаи таҷриба миёни магистрҳо ва намояндагони хизматчиёни давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистон баргузор мегарданд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *ҳамкорӣ, дипломатия, Тоҷикистон, Қирғизистон, иқтисодиёт, таҳсилот, идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ, магистр*

## ON THE PROSPECT OF COOPERATION OF TAJIKISTAN AND KYRGYZSTAN FOR PERSONNEL TRAINING IN THE FIELD OF PUBLIC ADMINISTRATION

***Komilbekov Amid Yorbekovich*** - *Ph.D in Political Sciences, Associate Professor, Head of the Department of International Relations and Political Processes of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 935 575 855, e-mail: amid.komilbek@mail.ru*

The article notes that the Tajiks and Kyrgyz, living side by side for centuries, have always had good neighborly relations, supporting each other all the time in all difficulties, and we can confidently say that our people are always ready for friendship, fraternity and mutually beneficial cooperation in various areas of science, education, and other areas of social and economic life. In recent years, within the framework of trilateral cooperation between the Institutes of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, the Academy of Public Administration under the President of the Kyrgyz Republic and the German Hans Seidel Foundation, meetings are held and there is an exchange of experience between fellows and magistrates from the civil servants of Tajikistan and Kyrgyzstan.

***Keywords:*** *cooperation, diplomacy, Tajikistan, Kyrgyzstan, economics, education, public administration, state service, undergraduate*

В концепции внешней политики Республики Таджикистан по вопросам взаимоотношений со странами Центральноазиатского региона отмечается следующее: «В системе межгосударственных отношений Республики Таджикистан соседние государства региона занимают приоритетные позиции. Таджикистан является сторонником дальнейшего расширения позитивного, многовекового и созидательного опыта дружественного сосуществования народов Центральной Азии… Республика Таджикистан в своей политике в отношении этого соседнего государства всегда будет придерживаться принципа взаимоуважения, созидательного взаимодействия и доброжелательности… Республика Таджикистан

рассматривает взаимодействие и разветвленную региональную интеграцию как важнейший механизм решения экономических, социальных, экологических вопросов и обеспечения мира и стабильности в Центральной Азии.» [1,5]

В этом году с установлениями дипломатические отношения между Таджикистаном и Кыргызстаном испольнилось 25 лет. В начале февраля текущего года состоялось официальный визит Президента Республики Кыргызстан Сооронбай Жээнбеков в Таджикистан.

В ходе встрече на высшем уровне, которая состоялась первая февраля в Душанбе, президенты обсудили весь комплекс таджикско-кыргызского двустороннего сотрудничества и перспективы его дальнейшего развития. Стороны подписали целый пакет документов о сотрудничестве, а именно 9 соглашений.

Дипломатические отношения между Таджикистаном и Кыргызстаном установлены 14 января 1993 года. Со дня установления дипломатических отношений между двумя государствами складывался конструктивный и позитивный политический диалог, который и впредь регулирует добрососедские отношения между этими странами. [5]

Основные принципы и направления двустороннего взаимодействия отражены в Договоре об основах межгосударственных отношений между Республикой Таджикистан и Кыргызской Республикой от 12 июля 1996 года и Договоре между Республикой Таджикистан и Кыргызской Республикой о добрососедских и партнерских отношениях от 26 мая 2004 года.

Приоритеты политических контактов двух стран просматриваются в контексте таких общих задач, как укрепление безопасности и стабильности в регионе, содействие дальнейшему развитию интеграционных процессов. За прошедший период имели место многочисленные двусторонние контакты глав двух государств, в ходе которых обсуждались вопросы дальнейшего углубления и развития двусторонних связей и координации позиций двух государств по актуальным вопросам международного и регионального характера.

В 2013 году состоялся официальный визит Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в Кыргызскую Республику – в год 20-летия установления дипломатических отношений между двумя странами, результаты которого открыли новые горизонты всестороннего межгосударственного сотрудничества двух стран, поднятию их отношений на качественно новый уровень – партнерства. В ходе официального визита состоялось первое заседание Высшего межгосударственного координационного совета Республики Таджикистан и Кыргызской Республики, в рамках которого были обсуждены актуальные вопросы таджикско-кыргызского сотрудничества, определены приоритетные направления дальнейшего укрепления взаимовыгодных отношений и вопросы добрососедства. Подписанный в ходе визита пакет из 10

межгосударственных и межправительственных документов значительно расширил договорно-правовую базу двустороннего многопланового сотрудничества между Республики Таджикистан и Кыргызской Республики.

Важным событием стала встреча двух глав государств в рамках саммита ШОС, 12 сентября 2014 года, в городе Душанбе. Данная встреча расценивается как новое веяние в развитии и укреплении двусторонних отношений и определении дальнейших стратегических планов участвующих сторон.

Позитивный импульс межправительственным отношениям придал официальный визит Премьер-министра Республики Таджикистан в Кыргызскую Республику 14-15 ноября 2014 года, в ходе которого обсуждались самые актуальные вопросы двустороннего и многостороннего таджикско-кыргызского сотрудничества.

Дополнительный стимул дальнейшему развитию двусторонних отношений придал ответный официальный визит Премьер-министра Кыргызской Республики в Республику Таджикистан 8-9 июля 2015 года. В ходе визита была выражена заинтересованность в наращивании и укреплении взаимовыгодного сотрудничества, и расширении партнёрских, равноправных взаимоотношений, основанных на традиционных основах добрососедства и дружбы.

С точки зрения дальнейшего укрепления двустороннего сотрудничества между Республикой Таджикистан и Кыргызской Республикой, а также обсуждения позиций двух государств по актуальным проблемам международного и регионального характера, представляющим взаимный интерес, определенное значение имели визиты в Республику Таджикистан министра иностранных дел Кыргызской Республики в марте, августе 2013 года, в сентябре 2014 года, в феврале 2015 года и официальный визит министра иностранных дел Республики Таджикистан С. Аслова в Бишкек, в июле 2014 года.

Таджикистан и Кыргызстан являются убеждёнными сторонниками регионального сотрудничества и укрепления интеграционных процессов. В этом плане придается важное значение сотрудничеству в рамках ООН, ОБСЕ, СНГ, ОДКБ, ШОС, финансовых институтов и других международных и региональных организаций, в которых участвуют оба государства. В этих структурах есть возможность координации позиций и отстаивания общих интересов. [2]

В целом, политические контакты между Республикой Таджикистан и Кыргызской Республикой успешно развиваются как на двусторонней, так и на многосторонней основе.

Договорно-правовая база таджикско-кыргызских отношений состоит из 88 документов, подписанных в период с 1993 по 2014 гг. На сегодня между двумя странами документально оформлены договоренности о сотрудничестве в области экономики, образования, науки,

информационных технологий, культуры, спорта, о взаимодействии правоохранительных органов и специальных структур.

В торгово-экономической области относительно успешно развиваются отношения Таджикистана с Кыргызстаном в сфере автомобильного транспорта, горнорудной промышленности, гидроэнергетики, взаимных поставок товаров народного потребления.

В качестве приоритетных направлений долгосрочного сотрудничества можно выделить такие сферы, как гидроэнергетика, рациональное и эффективное использование водных ресурсов, совместная разведка и добыча полезных ископаемых, совершенствование транспортной инфраструктуры, осуществление совместной транспортной политики, создание совместных предприятий в промышленности, развитие кооперированных поставок и расширение товарной номенклатуры экспортных и импортных операций.

Согласно официальным статистическим сведениям Республики Таджикистан за 2014 год торговый оборот между Республикой Таджикистан и Кыргызской Республикой составил всего 37.1 млн. долл. США, из них экспорт 6,9 млн. долл., а импорт 30,1 млн.долл. США.

За шесть месяцев 2015 года товарооборот увеличился на 25% и составил 15 млн. долл. США, из них экспорт 2 млн. долл., а импорт 12,8 млн. долл. США. Торговый оборот Таджикистана и Кыргызстана не отвечает потенциальным возможностям двух стран. [4]

Таджикистан и Кыргызстан, выступая за дальнейшее углубление и расширение двустороннего сотрудничества, учредили Высший межгосударственный координационный совет Республики Таджикистан и Кыргызской Республики, первое заседание которого прошло 27-28 мая 2013 года в Бишкеке и Совет министров иностранных дел (первое заседание состоялось 6 августа 2009 года в городе Душанбе).

Образование данных формирований свидетельствует о стремлении двух сторон к эффективному решению приоритетных вопросов и выводу двусторонних отношений на качественно новый уровень.

12 июля 1997 года была учреждена Межправительственная комиссия по комплексному рассмотрению двусторонних вопросов. С 1997 по 2014 гг. прошло тринадцать заседаний данной комиссии, последнее из которых состоялось 27-28 августа 2014 года в городе Бишкек. В ходе заседания стороны обсудили широкий спектр актуальных вопросов двустороннего сотрудничества.

Двусторонние отношения между Республикой Таджикистан и Кыргызской Республикой развиваются также в культурно-гуманитарной, военно-технической и других областях, и, в целом, имеют позитивную динамику.

Весьма продуктивно проходит и гуманитарное сотрудничество. Культурный диалог между народами стал доброй традицией. Огромная роль в ознакомлении с культурой обоих государств принадлежит

театральным коллективам Таджикистана и Кыргызстана. Регулярно проводимые фестивали, в которых принимают участие творческие коллективы двух стран, способствуют сближению народов и укреплению культурных связей.

Так, с 8 по 13 июля 2015 года, в Кыргызстане прошли Дни культуры Республики Таджикистан. Мероприятия, проведенные в рамках Дней культуры Таджикистана в Кыргызстане, познакомили зрителей Кыргызстана с яркой и многообразной палитрой искусства таджикского народа, его самобытными обычаями и традициями, современными достижениями Таджикистана в области культуры.

Многочисленные мероприятия, прошедшие в рамках Дней культуры Таджикистана в Бишкеке, а также в Иссык-Кульской области, отразили нацеленность дружественных стран на дальнейшее развитие культурно-гуманитарного диалога, придания ему разнопланового и еще более содержательного наполнения.

В целом, таджикско-кыргызским отношениям присуще взаимное стремление к налаживанию взаимовыгодных связей в различных направлениях сотрудничества.

В качестве примера можно рассмотреть содержание некоторых документов и тексты межправительственных соглашений, где основное внимание уделяется вопросам добрососедства и взаимовыгодных отношений. Здесь можно привести некоторые пункты из Соглашения о сотрудничестве в области культуры, образования и науки между Правительством Кыргызской Республики и Правительством Республики Таджикистан, которое подписано от 12 июля 1996 года. В статье 3 данного документа отмечается следующее: «Стороны поощряют контакты на государственном, региональном и местном уровнях между культурными и образовательными учреждениями обеих Сторон, а также обмен специалистами». [3]

В данном документе отдельным пунктом указано о тесное сотрудничество участвующих в этом соглашении стран, т.е. Таджикистан и Кыргызстан в области образования и науки в следующем содержании: «Стороны поддерживают сотрудничество и обмен в области образования и науки, создают подходящие условия для контактов между академиями наук, высшими и средними учебными заведениями и другими образовательными и научными учреждениями на основе прямых соглашений о сотрудничестве» (статья 4). [3]

Следует особо отметить, что таджики и киргизы, проживая бок о бок в течении столетий всегда имели добрососедские отношения, поддерживая друг друга во все времена и во всех трудностях, и с уверенностью можно сказать, что наши народы всегда настроены на дружбу, братства и взаимовыгодные сотрудничества в различных сферах науки, образования, а также других областях социальной и экономической жизни.

Как показывает опыт подготовки магистрантов при поддержке Фонда Ханнса Зайделя в Таджикистане и Кыргызстане накоплен богатый опыт обмена магистрантов и организации стажировок, а также проведение совместных работ в данной области.

В этом плане можно еще открыть новые вехи взаимовыгодного сотрудничества, в том числе ведение общих научных направлений в области государственного управления и государственной службы, проведение научных мероприятий регулярного характера и создание новой сети сотрудничества ученых, исследователей и преподавателей соответствующих вузов и сотрудников в области госуправления и госслужбы.

**Литература**

1. Концепции внешней политики Республики Таджикистан. Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 27 января 2015 года, № 332.
2. Отношения Таджикистана с Кыргызстаном. http://mfa.tj.
3. Соглашение о сотрудничестве в области культуры, образования и науки между Правительством Киргизской Республики и Правительством Республики Таджикистан от 12 июля 1996 года
4. Таджикистан-Кыргызстан: с чего все начиналось. http://www.news.tj.
5. Таджикско-кыргызские отношения http://www.tajikemb.kg

## ОМИЛҲОИ АСОСИИ ҶАЛБИ ҶАВОНОН БА ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

***Шарифов Шариф Раҳмонович*** - *н.и.ф., мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел .: (+992) 927 573 228; e-mail: sssharif@mail.ru*

Дар мақола масъалаи ҷалби ҷавонон ба идоракунии давлатӣ дар давраи соҳибистиқлолии кишвар, ки дар асоси сиёсати давлатӣ татбиқ мегардад, мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Муаллиф, махсусан нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар амри фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби ҷавонон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии кишвар хотирнишон менамояд.

***Калидвожаҳо:*** *Президент, конститутсия, консепсия, комитет, омил, ҷавонон, сиёсат, идоракунии давлатӣ, истиқлолият, маркази ҷавонон*

## ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ ПРИВЛЕЧЕНИЕ МОЛОДЁЖИ К ГОСУДАРСТВЕННОМУ УПРАВЛЕНИЮ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТОН

***Шарипов Шариф Рахмонович*** - *кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой языков Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992) 927 573 228; e-mail: sssharif@mail.ru*

В данной статье делается попытка рассмотреть вопрос привлечения молодёжи к государственному управлению в период независимости страны на основе государственной политики. Автор особенно подчеркивает роль Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в создании благоприятных условий для развития молодёжи и привлечения молодёжи во всех сферах общественной жизни страны, в том числе, в государственное управление, что дает желаемые результаты.

***Ключевые слова:*** *Президент, конституция, концепция, комитет, фактор, молодёжь, политика, государственное управление, независимость, молодёжный центр*

# MAJOR FACTORS OF ATTRACTING YOUTH TO PUBLIC ADMINISTRATION DURING THE INDEPENDENCE PERIOD OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Sharipov Sharif Rahmonovich*** *– PhD in Philology, Head of the Department of Languages of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 927 573 228; e-mail: sssharif@mail.ru*

This article attempts to address the issue of attracting young people to public administration in the period of independence of the country on the basis of public policy. The author especially emphasizes the role of the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in creating favorable conditions for the development of youth and attracting young people in all spheres of public life of the country, including public administration, which brings the desired results.

***Keywords:*** *President, constitution, concept, committee, factor, youth, politics, government, independence, youth center*

Дар гузашта ҷалби зиёди неруи ҷавонон ба хизмати давлатӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон бесобиқа набуд. Ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ ва қисми такягоҳии ҷомеа дар ҳама давру замонҳо ва марoҳили гуногуни таърихӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ, бавежа идоракунии давлатӣ нақши созанда доштаанд. Тибқи иттилои тазкираи «Майхона» таълифи Абдунабии Фахруззамонии Қазвинӣ Мирзоғозии Тархон, ки дар соли 1021 ҳ.қ. дар синни 25 солагӣ вафтид, дар 22-23 солагӣ ҳокими вилояти Қандаҳор буд [7,290-294]. Дар асоси маълумоти муаррихони номвар Н.К.Синха ва А.Ч.Банерджи Нуриддин Муҳаммад Ҷаҳонгиршоҳ, ки соли 1022 ҳ.қ./1614 м.ба ҷониби Аҷмир наҳзат намуд, хеле ҷавон буд [6, 380]. Тибқи иттилои «Мунтахаб-ут-таворих», ки дар бораи Ғазнавиён, Ғуриён, Халҷиён, Уғлақиён, Лудиён, Гургониён, Суриён ва Гургониёни давраи дувум иттилоъ додааст, як зумра зимомдорони ҳамон вақтро ҷавонон ташкил менамудаанд [3, 242-243].

Тибқи иттилои «Маосири Раҳимӣ» (1025 ҳ.қ) таълифи Абдулбоқии Наҳовандӣ низ Абдураҳими Хонихонон дар ҷавонӣ ба сари тахт нишастааст [5, 24-28].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, меъмори ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам, вақте ки роҳбари давлат интихоб гардид, ҷавон буд. Бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, ба тӯли таърих назар андӯзем, метавон садҳо чеҳраҳои намоёни давлатдориро пайдо намуд, ки дар ҷавонӣ ба кори давлатӣ ва идораи давлатӣ майл кардаанд. Дар замони муосир ба ҷавонон ҳамчун неруи боэътимод зимоми идоракунии соҳаҳои алоҳидаи дода шудаст. Гарчанде

ки дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба тарбияи ҷавонон диққати зиёд зоҳир мегашт, доираи роҳёбии онҳо ба идоракунии давлат то андозае маҳдуд буд ва барои ноил шудан ба мансабҳои болоии роҳбарӣ онҳоро зарур буд, ки баъди гузаштани "мактаби комсомол" якчанд зинаҳои гуногуни идоракунии давлатиро гузаранд.

Аммо дар замони Истиқлолияти давлатӣ бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақш ва мавқеи ҷавонон дар идоракунии давлатӣ дорои хусусиятҳои ба Тоҷикистон ва халқи бузурги тоҷик хос табдил ёфт.

Метавон ин вежагиҳоро ба бахшҳои зерин гурӯҳбандӣ намуд:

1. Заминаҳои ҳуқуқии ба идоракунии давлат роҳ ёфтани ҷавонон дар Конститутсияи кишвар бо сароҳат дарҷ гардид, ки минбаъд ин меъёрҳои ҳуқуқӣ дар дигар сарчашмаҳо ва санадҳои меъёриии ҳуқуқии дигар инкишоф ёфтанд. Масалан, тибқи Конститутсия ҷавонон метавонанд аз синни 18-солагӣ интихоб шаванд ва интихоб кунад. Аз синни 25-солагӣ ба мақоми олии қонунгузории кишвари ҳуқуқи интихоб шуданро доранд, ки яке аз омилҳои калидии идоракунии давлатӣ маҳсуб мешавад.

2. Президенти кишвар дар тӯли давлатдории тоҷикон ягона сарварест, ки се таълифоти худро ба масъалаи ҷавонон – гурӯҳи иҷтимоии сершумори аҳолӣ бахшидааст[1, 8-24].

3. Бори аввал асосҳои Консепсияи ягонаи инкишофи ҷавонон, аз ҷумла роҳҳои ба идоракунии давлатӣ ҷалб намудани ҷавонон дар асарҳои Сарвари давлат таҳти унвони "Ҷавонон-ояндаи миллат", "Ҷавонон-созандагони Тоҷикистони оянда" ва "Ман боқии умрамро ба ҷавонон мебахшам" ба вуҷуд омад, ки монеаҳои сунъии инкишофи ҷавонон ва роҳҳои ҷалби онҳоро ба хизмати давлатӣ аз байн бардошт.

Баъд аз суханони Пешвои миллат ("Ман боқии умрамро ба ҷавонон мебахшам") дар кишвар як такони ҷиддӣ ва тағйироти куллӣ дар масъалаи ҷалби ҷавонон ба хизмати давлатӣ ва роҳбарӣ ба вуҷуд омад, ки метавон онро марҳилаи сифатан нави рушди ҷавонони тоҷик номид. Маҳз пас аз ҳамин гуфтор Соли ҷавонон эълон гардид.

4. Имрӯз Тоҷикистони маҳбуби мо маҳз тавассути сиёсати оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар байни давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар масъалаи ҷалби ҷавонон ба идоракунии давлатӣ мавқеи намоён дорад.

5. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 23.04.2014 бори дигар ба масъалаи дастгирии ҷавонон ва ҷалби онҳо ба идоракунии давлатӣ як боби Паёми худро бахшид, ки он аз як тараф, идомаи мантиқии сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин самт ифода намояд, аз ҷониби дигар, ба марҳилаи сифатан нав ворид гардидани мақоми ҷавонони Тоҷикистон дар

идоракунии давлатӣ ба шумор меравад. Дар ҳамин Паём соли 2015 Соли ҷавонон эълон карда шуд ва бо шукуҳу шаҳомати хос ва натиҷаҳои назаррас ин иқдоми муҳими сиёсӣ сипарӣ гардид.

6. Ба ҷуз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” то имрӯз дар даврони истиқлолияти кишвар бештар аз даҳ барномаи давлатӣ дар бораи рушди ҷавонон ба тасвиб расида вориди амал гардидааст.

7. Аз 1-уми январи соли 2014 дар кишвари маҳбуби мо аввалин бор дар таърихи давлатдории тоҷикон Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки муҳассилини он дар оянда роҳбарони самтҳои гуногуни идоракунии давлатии кишвар хоҳанд гардид. Ҳатто дар давраи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ин гуна муассисаи олии махсус дар кишвари мо вуҷуд надошт. Мактабҳои ҳизбие, ки дар шаҳрҳои Тошканд ва Маскав вуҷуд дошт, ки албатта низом ва сохтори онҳо пурра фарқ менамуд.

8. Ба ғайр аз Кумитаи ҷавонон ва варзиш дар кишвар боз Иттифоқи ҷавонон таъсис ёфт, ки дар он низ гурӯҳи ҷавонони созанда ва соҳибташаббус фаъолият мекунандд.

9. Дар тамоми ташкилоту муассисаҳо, ҳаракатҳо ва созмонҳои ҷавонон таъсис ёфтанд, ки онҳо имрӯз ба минбари озоди муаррифии ҷавонони кишвар мубаддал гардидаанд.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳои илмӣ Тоҷикистон аз лиҳози сиёсати демографӣ дар саросари олам ҳамчун давлати ҷавон маҳсуб шуда, ҳисоби миёнаи синну соли аҳолӣ ба 24 сол рост меояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст, ки 70 дар сади аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Гарчанде, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” синну соли ҷавонӣ ба гурӯҳи иҷтмиоии 14-30 сола мутобиқ дониста шудааст, имрӯз шаҳрвандони 35-40 солаи мо низ худро ҷавон мешуморанд [2]. Ин нукта аз як ҷиҳат вижагии суннатии ҷавонони моро бозгӯ намояд, аз ҷониби дигар, ифодакунандаи эътимоди қавии онҳо барои сазовор шудан ба мансабҳои идоракунии давлатист. Имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 400 созмону ташкилотҳои ҷавонон, минҷумла 70 марказҳои ҷавонон, аз ҷумла маркази экологии ҷавонон, маркази ҳуқуқшиносони ҷавон 16 созмону ташкилотҳои ҷавонон фаъолият менамоянд, ки роҳбарони ҳамаи онҳо ва зерсохторҳояшон ҷавонон буда, дар идоракунии давлатӣ саҳм гирифта истодаанд [8, 58].

Хулоса, омӯзиш ва таҳлили масъалаи нақши Пешвои миллат дар рушду инкишофи ҷавонон, дар баробари ин, пайравии ҷавонон аз сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, нақш ва ҷойгоҳи ҷавонон дар рушди ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, бавижа идоракунии давлатӣ барои саҳеҳ ва равшантар намудани масъалаи мазкур, инъикоси рисолати воқеии ҷавонон дар идоракунии давлатӣ, устувор

намудани шуури идоракунии ҷавонон, аз байн бурдани монеаҳои сунъии роҳи инкишофи ҷавонон ва ба як низоми комилан мустақил табдил додани ҷавонгароӣ дар хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ заминаҳои устуворрбо ба вуҷуд меорад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди ҷомеаи ормонӣ ва расидан ба ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути идоракунии давлатӣ аз чониби ҷавонон рушди шуурнокии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷавонон, нумуи мафкура ва ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон дар асоси меъёрҳои шинохти муосир ва ҷаҳонӣ мутобиқи матлаб аст.

**Адабиёт:**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Ҷавонон-ояндаи миллат. Душанбе: Эр-граф, 1998. – 250 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”, аз 15 июли соли 2004, №52., бо тағйиру иловаҳо аз 28.06.2011 №716, 27.11.2014 №1161), http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=8261.
3. Абдулқодир Бадоунӣ. Мунтахаб-ут-таворих. Ҷилди 1-Теҳрон, Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ.- 400 с.
4. Абдулқодир Бадоунӣ. Мунтахаб-ут-таворих. Ҷилди 2- Теҳрон, Анҷумани осор ва мафохири фарҳангӣ.- 452 с.
5. Абдулбоқии Наҳовандӣ. Маосири Раҳимӣ. Бахши сеюм. Зиндагиномаҳо. – Теҳрон: Муассисаи чоп ва интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1381. – 1044 с.
6. Синха Н.К., Банерджи А.Ч. История Индии. Пер. с английского Степанова Л.В. – Москва: Иностранная литература,1954.- 440 с.
7. Абдуннабии Фахруззамонии Қазвинӣ.Тазкираи Майхона.-Теҳрон: Иқбол, 1370. -1214 с.
8. Ҳасанов Ш.Қ., Н.С.Бӯриев. Сиёсати давлати ҷавонон. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 212 с.

# МАСЪАЛАҲОИ ТАРБИЯ ДАР ЭҶОДИЁТИ КЛАССИКОНИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

***Аҳмадзода Зулфия Кабир*** *– н.и.п., муовини ректор оид ба корҳои тарбиявии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.:(+992) 985 459 980*

Муаллиф дар мақолаи худ оид ба тарбияи ҷавонон аз осори шоирони классикони тоҷик порчаҳои панду ахлоқии таъсирбахш овардааст. Дар ин ашъори пандомез масъалаҳои донишу ҳунаромӯзӣ, рафтан ба роҳи рост аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи ҷавонон ва насли наврас матраҳ гардида, ватандӯстӣ, ба ҷо овардани эҳтироми калонсолон ва тарбияи хуб гирифтан барои ҷавонон қарз дониста мешавад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *инсондӯстӣ, бародарӣ, адолат, хирад, рафтори нек, муҳаббат, ҳақиқат, ростӣ, покдилӣ, поквиҷдонӣ, сабру таҳаммул, накукорӣ, гуфтори нек, ҷавонмардӣ, бахшоиш, хубӣ ва бадӣ.*

# ВОПРОСЫ ВОСПИТАНИЯ В ТВОРЧЕСТВЕ КЛАССИКОВ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

***Ахмадзода Зулфия Кабир*** *– к.п.н., проректор по воспитательной части Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992) 985 459 980*

Автор в статье рассматривает вопросы воспитания молодого поколения с точки зрения выдающихся классиков таджикской литературы. В назидательных стихотворных фрагментах, которые приводится автором из творчества классических таджикских поэтов воспевается вежливость, гуманность, честность и справедливость. Изучать науку, идти по правильному пути и быть преданным Родине - эти самые важные назидания, адресуется молодому поколению в поэзии классиков таджикской литературы.

***Ключевые слова:*** *гуманизм, братство, справедливость, разум, правильное поведение, любовь, честность, верность, терпимость, добродетель, доброе слово, мужество, прощание, доброжелательность, добро и зло*

# ISSUES OF EDUCATION IN THE WORKS OF THE CLASSICS OF TAJIK LITERATURE

***Ahmadzoda Zulfiya Kabir*** *- PhD in Pedagogy, Vice-Rector for the educational part of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 985 459 980*

The author in the article considers the issues of education of the young generation from the point of view of outstanding classics of Tajik literature. In edifying verse fragments, which is cited by the author from the works of classical Tajik poets, politeness, humanity, honesty and justice are glorified. Studying science, going the right way and being faithful to the Motherland - these are the most important edifications, addressed to the younger generation in the poetry of the classics of Tajik literature.

***Keywords:*** *humanism, brotherhood, justice, reason, correct behavior, love, honesty, loyalty, tolerance, virtue, kind word, courage, farewell, goodwill, good and evil*

***Ҳофизо, илму адаб варз, ки дар маҷлиси шоҳ,***
***Ҳар киро нест адаб, лоиқи суҳбат набувад.***

Мафҳуми истилоҳи «тарбия» раванди таьсирбахши бонизом ва ҳадафнок буда, барои аз лиҳози маънавӣ ва ҷисмонӣ ташаккул ёфтани шахсият, бо мақсади омода намудан ба фаъолияти иҷтимоӣ ва истеҳсолию фарҳангӣ нигаронида шудааст.

Тибқи «Консепсияи миллии тарбия» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи маънавию ахлоқӣ яке аз шаклҳои асосии тарбия маҳсуб меёбад ва ба ҳам зич алоқаманд буда, ҳамдигарро пурра мекунанд.

Тавре ки маълум аст, бузургтарин шоҳкории адабиёти ҷаҳон, ифтихори тоҷикон ва тамоми форсизабонон «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ аз ситоиши хирад оғоз мегардад. Чуноне ки Асосгузории сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз намудааст: «Тамоми осори гузаштагони моро аз «Авесто» сар карда, то Рӯдакию Фирдавсӣ, Мавлавию Хайём, Носири Хисрав ва Хоҷа Камол, Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Сино, Сайидою Аҳмади Дониш ва садҳо дигар, маҷмӯаи одобу ахлоқ номидан мумкин аст». Ниёгони мо аз давронҳои қадим ба таълиму тарбия аҳамияти ҷиддӣ медоданд. Хираду дониш ва одобу ахлоқ дар назди онҳо пурарзиштарин сифатҳои инсонӣ ба шумор мерафт. Ба ақидаи эшон ҳар як инсон бояд донишандӯзӣ намояд ва адаброро фаро гирад, то соҳиби сифатҳову кирдори нек гардад ва тавонад барои ҷомеа узви муфиде бошад.

Бузургони адаб тавонистаанд бо таъсир сухани воло, тавассути омол ва афкори инсонпарварона, волотарин ғояҳои адабӣ, динӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, маънавӣ, дастуру рисолатҳои пандӣ, беҳтарин ақидаҳо, муҳимтарин андешаҳо, умдатарин масоили падидаҳои ҷавонмардӣ, хислатҳои неку сифатҳои оливу ҳамидаи инсонӣ, шинохти ҳастӣ, дарёфти ҳақиқат, пешрафти ҳаёту зиндагӣ ҳамагонро ба сӯйи такмили худшиносию худогоҳӣ, расидан ба рафтори нек, кирдори нек, пиндори нек равона ва аз ҳар гуна пастию нокомиҳо дурӣ ҷустанро ёд додаанд.

Бо ҳадаф дасте надорад пир бе зӯри камон,
Ҳиммати пирон ҷавононро ба манзил мебарад.

Соиб

Дар осори педагогии Абӯалӣ ибни Сино тарбия мавқеи калонро ишғол мекунад. Ба ақидаи ӯ, тарбия на модарзодӣ, балки маҳсули муҳити

иҷтимоӣ буда, дар рафти муомилоти байни одамон ташаккул меёбад ва бо ҳамин ӯ тағйирнопазирии ахлоқро рад мекунад.

Касе, ки мехоҳад дар ахлоқи худ ислоҳ бинад, бояд аз ахлоқ ва рафтори мардум огоҳ шуда, онро ба ахлоқ ва рафтори худ муқоиса намояд. Дар тарбияи ахлоқӣ ӯ ҳолати руҳии одамро омили асосӣ ҳисобидааст. Ба ақидаи Сино, тарбияи ахлоқӣ ба тарбияи нафс алоқаи зич дорад. Инсоният бидуни ахлоқ вуҷуд дошта наметавонад. Ӯ таъкид мекунад, ки тарбияи муттасили инсон бояд аз синни шашсолагӣ оғоз ёбад. Сино тарафдори тарбияи коллективӣ буд, зеро агар кӯдак ҳамдарс, ҳамсуҳбат надошта бошад, ин боиси ранҷиши хотири ӯ мегардад.

Абӯалӣ ибни Сино ҷон ва зиндагиро муҳимтар аз ҳама чиз ҳисобида, роҳи ростӣ ва ростгориро дар тарбияи инсон ақлу фитрат, донишу хиради ӯ донистааст. Ба ақидаи мутафаккир зиндагӣ ва хирад ҳамчун шишаю чароғ якҷоя бошанд. Ӯ дар ин маврид талқин намудааст:

Тарк бинмо ҷумларо, бар ҷон ҳама маъво бувад,<br>
Пешрафту беҳтарӣ ҷонро ҳама бар илмҳост[1, 23].

Дар ҳақиқат, андешаҳои бикри гузаштагон, суҳбати аҳли сафо, маърифату рисолати бузургон, гуфторҳои дилангез, силсилапандҳои маъруфтарини ниёгонамон дар ҳама давру замонҳо, нобоста ба синну сол моро ҳамчун дастурамали зиндагӣ мададгору роҳнамо ҳастанд.

Ҳамон тавре қайд гардид, имрӯз, барои солим гардонидани ҷанбаҳои ахлоқии ҷомеа, болоравии тафаккуру андешаи миллӣ, ҳалли мушкилоту пешрафти ҳаёти шахс, хиради азалии ниёгон, суханону рисолатҳои бузургон аз ҳар ҷиҳат омӯзанда ва боарзиш мебошанд:

Ҷавон гар ба дониш бувад беназир,<br>
Ниёз оядаш ҳам ба гуфтори пир.[1, 24].

Муҳим он аст, ки ҷавонон вақтро беҳуда нагузаронида бештар дар мусоҳибати омӯзгорон, некону оқилон нишинанд, дар суҳбати хирадмандон, доноёну суханварони шоиста ширкат варзанд, то ки барои фаро гирифтани ҳусни одобу аҳлоқи ҳамидаи инсонӣ сазовор бошанд.

Аз замоне ки инсон ҳамчун мавҷуди андешаманд ва бохираду тафаккур арзи вуҷуд кардааст, тарбияи одобу ахлоқ яке аз мавзуъҳои муҳимми зиндагии ӯ будаанд. Ин амри табиист, зеро таълиму тарбия дар руҳияи одобу ахлоқи нек муҳимтарин омили саодату камоли одамӣ ва ҷомеаи инсонист. Дар тамаддуни башарӣ афкори созандаи халқи тоҷик бисёр намоён аст, зеро ҳама бузургонаш қисматҳои муфассали осори худро ба панду насиҳат дар боби ростию дурустӣ, некуӣ ва некукорӣ, адлу инсоф, эҳсону мурувват, дӯстию рафоқат, ҳифзи обрӯй ва мавқеи инсонӣ бахшидаанд.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ насиҳат ба фарзандро чунин ҳусни оғоз бахшидааст:

Нахуст аз касби дониш баҳравар шав,<br>
Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав[1, 28].

Шоир ҳунарро беҳтарин мояи ҳар мард шуморида, онро аз ҳама сарват ва ганҷи дунё боло донистааст.

Қимати мард на аз симу зар аст,<br>
Қимати мард ба илму ҳунар аст.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар зиндагӣ нафъ расонидан ба халқро, аз ҷумлаи беҳтарин сифати инсон мешуморад ва дар ин мавриди фармудааст:

Эй ки пурсӣ, ки беҳтарин кас кист?
Гӯям аз қавли беҳтарин касон:
Беҳтарин кас касе бувад, ки зи халқ,
Беш бошад ба халқ нафърасон[1, 25].

Тарбияи маънавии ҷавонон баъд аз оила ба уҳдаи муассисаи таълимӣ гузошта шуда, тадриҷан мураккаб мегардад. Дар ин марҳила дар шароити имрӯза волидайнро мебояд дар ҳамкории зич бо мактаб фарзандро тарбия намоянд. Саъдии бузургвор фармудааст:

Чу хоҳӣ, ки номат бимонад ба ҷой,
Писарро хирадмандӣ омӯзу рой.
Ки гар ақлу раъят набошад басе,
Бимирию аз ту намонад касе [1, 31].

Дар дунё танҳо чизе, ки зинда бипояд ва вайрон нашавад, кори нек, номи нек, гуфтори нек мебошад, ки ҳеҷ кас онро рабуда наметавонад. Аз ин рӯ, зиндагии хушу хуррам барои инсон дар сурате фароҳам хоҳад шуд, ки ӯ инсонпарвару соҳибмаърифат, ватанхоҳу меҳнатдӯст, ҷомеадӯстдору ва наъфрасони халқу миллати хеш бошад, то номаш бо корҳои шоистааш, симои некаш, хислати хубаш, хайру саховаташ, рафтору одоби писандидааш абадӣ ба некӣ ҷовид монад:

Касе, к-ӯ шуд ба номи нек машҳур,
Пас аз маргаш бузургон зинда донанд[1,31].

Дар ҳама ҳолат, ба ҳама кас, хоҳ нек бошаду хоҳ бад эҳсону карам, мурувват кардан лозим аст. Зеро, ки Худованд аз камоли карам ва марҳаматаш ба инсон нури хирад, тавфиқ, имони пок, рафтори нек ато фармудааст, ки савобро эҳсос намояд ва аз азоби маънавӣ дур бошад. Дар ин мавриди Саъдии бузургвор мефармояд:

Ба халқ эҳсон намудан мӯҷиби охир накӯ бошад,
Ҳино аз дастгарди мардум охир сурхрӯ бошад[1,32].

Аз ин рӯ, хайру саховат, сидқу вафо, нигаҳдории аҳду паймон, сабру таҳаммул, дастгирӣ намудани бечорагону ниёзмандон аз вазифаи аввалиндараҷаи ҳар фарди комилу соҳибхирад аст.

Писареро падар насиҳат кард,
К-« Эй, ҷавонмард, ёд гир ин панд.
Ҳар ки бо аҳди худ вафо накунад,
Нашавад дӯстрӯю донишманд ».

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз ҷумлаи мутафаккирони бузурги Шарқ буда, дар инкишофи илму адаб, фалсафаю ҳикмати асрҳои XIV-XV Машриқзамин саҳми босазо гузоштааст. Яке аз асарҳои ӯ «Захират-ул-мулук» муҳимтарин ва маъруфтарин асари ин орифи бузург мебошад. Ин асар аз 10 боб иборат буда, ҳар боб ба мавзӯъҳои алоҳида бахшида шудааст. Ӯ нақши падару модар ва устодро дар тарбияи фарзанд муҳим дониста, таъкид мекунад, ки онҳо бояд аз аҳли хайр ва салоҳ бошанд, то ин ки таъсири неки худро ба ӯ гузоранд.

«Эй азиз, бидон, ки фарзанд амонати ҳақ аст назди модар ва падар ва мутолибаи ҳуқуқи ин амонат дар маҷмаи қиёмат хоҳад буд ва вуҷуди ин

амонат ҷомеи нақоис ва камолотро қобил аст ва ҷавҳари ҳақиқат ӯро ба ҳар чи моил диҳанд, бад-он моил гардад. Агар модар, падар ва устод ва муаллими ӯ аз аҳли хайр ва салоҳ бошанд, осори салоҳи эшон дар вай росих гардад ва издиёти илм ва тақво соҷиаи ӯ шавад ва некбахти ду ҷаҳон шавад ва ҳам падару модар ва ҳам устоду муаллими ӯ дар савоби ӯ шарик шаванд. Ва агар модар, падар ва устоду мураббии ӯ фосиқ ва ғофил ва ҷоҳил бошанд, осори зулмати фисқ ва зулм ва фитна ва уҷб ва кибр табъи ӯ шавад ва бадбахти ду ҷаҳон гардад» [2, 51].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таъкид мекунад, ки ба тарбияи фарзанд аз хурдӣ бояд машғул шуд. Ӯ луқмаи ҳалолро дар тарбияи фарзанд муҳим мешуморад.

Хулоса дар тамоми осори пурмуҳтавои мутафаккирони классики форсу тоҷик ақидаҳои меҳнатдӯстӣ, саховатмандӣ, инсонгароӣ, раиятпарварӣ, накӯкорӣ, мардонагӣ озодандешӣ ва амсоли ин мавқеи муҳим доштааст. Мутафаккирон- устодони рӯзгори гузашта ва имрӯз барои ба даст овардани сифатҳои волои инсонӣ, пеш аз ҳама, дониш андӯхтану тарбияи дуруст доштанро дар мадди аввал мегузоштанд, ки дар айни замон аз таҷрибаи рӯзгори онҳо муосирин истифода мебаранд. Осори безаволи ин пирони хирадро қадр карда, дар рӯзгори имрӯза истифода бояд бурд.

Имрӯз, мавқеъ, нақши панду насиҳат ва андарзу ҳикматҳо дар баланд бардоштани савияи тарбияи маънавии инсон ва камолоту фардияти ҷавонону хонандагон ҳамчун ашхоси ҷамъиятӣ ниҳоят бузургу назаррас мебошад.

Дар шароити имрӯза дар соатҳои тарбиявӣ ё худ дар муносибат ба ҷавонон истифода бурдан аз порчаҳои назмии мутафаккирони гузашта ба манфиати кор хохад буд. Зеро ҳаёту эҷодиёти онҳо барои насли имрӯза ва фардо намунаи ибрат буда, наврасону ҷавононро дар руҳияи эҳтиром ва риояи арзишҳои миллию умумибашарӣ тарбия менамояд.

**Адабиёт:**


1. Ахмедова З.К. Тарбияи фазилати инсонӣ. Душанбе. 2017, 224 с.
2. Бозорова С.Ш. Тарбияи комил-хазинаи бузурги ҷамъият. Душанбе: АООТ «Матбуот»: 2011, 157 с.
3. Раҳмонов М. Қасида ва нақши он дар тарбияи наврасону ҷавонон. Душанбе: ҶДММ «Паёми ошно», 2002, 33 с.
4. Сайидзода З. Густариши ахлоқи миллӣ-посух ба пайомадҳои ҷаҳонишавӣ. Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2015, 220 с.

# ҲАМКОРИИ ОИЛА ВА МАКТАБ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ НАВРАСОН

***Мирзоева Шоира Гулшукуфовна*** *– муаллимаи калони кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33, тел: (+992) 934550355.*

Муаллиф дар мақола доир ба вижагиҳои таълиму тарбия дар давраи наврасӣ, равшанӣ андохта, бо такя ба сарчашмаҳои сершумор, аз ҷумла таҳқиқоти назариявии олимони хориҷӣ оид ба сабабҳои пайдоиши ба истилоҳ, бӯҳрони наврасӣ ва роҳҳои бартараф намудани он маълумот овардааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *давраи гузариш, қаҳрамонии сохта, дисморфомания, дисморфофобия, психология, бӯҳрони синнусолӣ, олами ботинӣ, озурдахотирӣ, ташаккули шахсият, балоғати ҷинсӣ, хасташавӣ, ихтилоли равонӣ*

# ВЗАИМОДЕЙСТВИЕ СЕМЬИ И ШКОЛЫ В ПОВЫШЕНИИ УРОВНЯ ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ ПОДРОСТКОВ

***Мирзоева Шоира Гулшукуфовна*** *– старший преподаватель кафедры общественно-гуманитарных наук Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992) 934550355.*

Автор в статье рассматривает вопрос особенностей обучения и воспитания подростков и опираясь на многочисленных источников, в том числе теоретических трудов зарубежных исследователей, приводит сведения о причинах так называемого подросткового кризиса и пути его преодоления.

***Ключевые слова***: *переходный возраст, псевдогерой, дисморфомания, дисморфофобия, психология, возрастковый кризис, внутренный мир, обиженность, формирование личности, половая зрелость, усталость, психическое расстройство*

# INTERACTION OF FAMILY AND SCHOOL IN IMPROVEMENT OF LEVELS OF TEACHING AND EDUCATION OF ADOLESCENTS

***Mirzoeva Shoira Gulshukufovna*** - *Senior Lecturer of the Department of Social and Humanitarian Sciences of the Institute of Public Administration under the*

*President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str.,33, phone: (+992) 934550355.*

The author of the article examines the issue of a particular education and upbringing of adolescents and based on numerous sources, including theoretical works of foreign researchers, provides information about the causes of the so-called adolescent crisis and ways to overcome it.

***Keywords***: *awkward age, pseudohero, dysmorfomania, dysmorphophobia, psychology, age crisis, inner world, resentment, personality formation, puberty, fatigue, mental disorder*

Аз нигоҳи психологияи синнусолӣ ба синну соли наврасӣ аз 12 то 15-солагӣ мансуб мебошад. Ин зинаи синнусолӣ дар адабиёти психологӣ «давраи гузариш» ё «давраи пойдоргардии ҳаёти инсонӣ» ба қалам дода мешавад. Гарчанде дар ин синну сол организми наврасон аз ҷиҳати зоҳирӣ ба калонсолон хеле монанд шавад ҳам, бо вуҷуди ин, дар байни онҳо тафовути куллӣ мавҷуд аст.

Дар синни наврасӣ хусусиятҳои психологии ҳавобаландӣ ва «қаҳрамонии сохта» бештар зоҳир мегардад, зеро наврас дар олами ботинии худ зиндагӣ мекунад. Бинобар ин, ба ӯ ёрии калонсолон зарур аст. Онҳо бояд олами ботинии ӯро дуруст идрок намуда, ҳиссиёту майлашро эҳтиром намоянд. Агар волидайн, омӯзгорон, калонсолон вазъияти ӯро ба ҳисоб нагиранд, албатта, дар байни онҳо сар задани низоъ баид нест ва хусусан агар дигарон талаботи худро ба наврас бо зӯрӣ таҳмил намоянд, муносибати онҳо сахт коста хоҳад гардид. Ҳамин ки дар байни калонсолону наврасон мухолифат ба миён омад, таъсири тарбия суст мешавад.

Одами калонсол бо наврас на ҳамчун бо кӯдак, балки ҳамчун бо наврас муомила кунад, зеро наврас худро ҳамчун калонсол мепиндорад. Наврас, маъмулан, аз хоҳиш ва ҳуқуқҳои мустақилияти худ даст намекашад. Одатан низои калонсолон бо наврасон то дами тағйир ёфтани муносибатҳои тарафайн идома меёбад. Наврас бояд боварӣ ҳосил кунад, ки волидайн ва калонсолон нисбат ба ӯ нодуруст муомила карданашонро иқрор шудаанд, дар акси ҳол, ӯ гумон мекунад, ки онон ӯро фаҳмида наметавонанд ё фаҳмидан намехоҳанд, бинобар ин хеле дилозурда мегардад. Агар ин ҳолат дуру дароз идома ёбад, он гоҳ падару модарон обрӯю эътибори худро дар назди ӯ аз даст медиҳанд [1,49].

Таъсири тарбия ҳамон вақт натиҷабахш мегардад, ки тарбиятгар андеша, таассурот ва ҳиссиёти наврасро ба инобат гирад ва бар он саъю кӯшиш намояд, ки наврас худ дар болои худ кор кунад, сифатҳои шахсияташро такмил диҳад. Бо розигии калонсолон, агар вазифаҳои гузоштаи онҳо дуруст ва иҷрошаванда бошанд, амал мекунад.

Вазифаҳои таълимӣ корҳои беруназсинфии наврасон аз ташаккул додани самти иҷтимоии шахсият ва мавқеи фаъоли ҳаёти онҳо иборат аст. Дар ин марҳала наврасон ба касбу тахассусҳои одамон ва ташаккул додани соҳаи муайяни дониши илмӣ, майли бадеию эстетикӣ рағбат пайдо мекунад. Барои қонеъ гардондани чунин рағбат ва ошкор кардани қобилияту истеъдоди онҳо ҳоло дар мактаб тавассути таълими тафриқавии муфассал шароит ва имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст. Ин, албатта, ба касби камоли онҳо мадад мерасонад. Муҳим он аст, ки ба ин ё он шуғл ва ихтисос майл пайдо кардани онҳо бояд ба намудҳои гуногуни фаъолиятҳои меҳнатӣ, ҷисмонӣ, эстетикӣ ва ғайра тақвият дода шавад. Маҳз фаъолияти писандида майлу рағбат, талаботи зиндагӣ ва саъю кӯшиши шахсӣ дар ӯ ихтилофотро барҳам медиҳад. Дар чунин ҳолат дар наврасон ҳисси ватандӯстӣ, муҳаббат ба диёр, далерӣ ва қатъият барин сифатҳои шахсият устувор мегардад.

Психологи рус Лев Семенович Виготский қайд кардааст, ки давраи гузариш ду равандро дар бар мегирад. Тарафи ҳақиқиро пухта расидани равандҳои биологии организм ташкил мекунанд бо истисноИ балоғатрасии ҷинсӣ. Тарафи иҷтимоиро бошад, равандҳои таълим, тарбия ва сотсиализатсия бо маънои пураи он ташкил медиҳад. Сотсиализатсияи аввалини кӯдак маҳз дар оила оғоз мегардад. Вокуниши аввалини кӯдак ба рафтори нодурусти волидайн ҷанбаи муносибати байниҳамдигарии волидайн бо фарзандон дар муҳити оилавӣ – инҳо омилҳое мебошанд, ки метавонанд фарорасии синни наврасиро пешакӣ муқаррар кунанд, инчунин ба муносибати онхо бо атрофиён таъсир расонанд.

Тарбияи наврасон бештар ба муҳити оилавӣ вобастагӣ дорад, зеро муносибатҳои оилавӣ ба ташаккули шахсияти онҳо бештар таъсиргузор мебошад. Оила дар шуури кӯдак донистани қадри атрофиёнро тарбия ва талқин мекунад. Бинобар ин, оила дар шаклгирии сифатҳои инсондӯстонаи наврас сарчашмаи бузург шуда метавонад [2,56].

Баъзе падару модарон ба тарбияи фарзандон аҳамият надода онхоро ба ҳоли худашон мегузоранд. Дуруст ё нодуруст будани рафтори онхоро ба назар намегиранд. Гурӯҳи дигари волидайн бошанд, нисбат ба наврасон беш аз андоза сахтгирӣ карда, ба онҳо барои рафтори нодурусташон ҷазо медиҳанд. Таҳқиқот нишон доданд, ки бачаҳое, ки аз тарафи волидайн тез-тез ҷазо мегиранд, нисбат ба атрофиён як қатор хислатҳои манфии психологӣ аз қабили бадхашмӣ, тундмизоҷӣ ва монанди инро зоҳир мекунанд ва тақрибан 30 фоизи онҳо дар оянда нисбат ба кӯдакони худ ҳамин хел тавр мекунанд.

Инчунин ташаккулёбии психологии номутаносиби кӯдак дар ҳамон оилаҳое бештар дида мешавад, ки падар дар оила нақши камтаринро иҷро мекунад. Ин, албатта, маънои онро надорад, ки ҳамаи кӯдакони бепадар бавоярасида дар оянда душвортарбия ва ҷинояткор мешаванд, аммо хатари омили мазкур дар чунин ҳолатҳо бештар мебошад.

Сабаби асосии мушкилӣ дар тарбияи муҳассилини мактаб ин муносибати нодуруст дар оила, мутобиқшавӣ ба муҳит, кӯшиши бо ҳар роҳ мустаҳкам кардани мавқеи худ дар гурӯҳҳои хурд мебошад. Дар аксари мавридҳо маҷмӯи ин сабабҳо амал мекунад.

Психологи намоёни собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Л.С. Виготский зинаҳои синнусолии наврасонро омӯхта ба чунин хулоса омадааст, ки дар инкишофи шахсияти наврасон омили иҷтимоӣ, алоқаи наврасон ба олами атроф аҳамияти калон дорад. Ӯ қайд карда буд, ки тағйироти муҳими биологӣ, ҷинсӣ ва психологие, ки ба давраи гузариш хос аст, ба муҳити атроф иртиботи наздик дорад [4,117].

***Сабабҳои асосии психологии шарҳдиҳандаи буҳрони синни наврасӣ.***

Аз рӯйи пажӯҳишҳои К. Леонгард ва А.Е. Личко дар ин мавридду тарафи масъалаи мавриди назарро метавон ҷудо намуд: аввалан, фарорасии ихтилолоти махсуси равонии синнусолӣ, сониян, аксентуатсияи хулқу хислат, ки ба наврасон хос аст, яъне меъёрҳое, ки дар онҳо хусусиятхои алоҳидаи хулқу хислат мустаҳкам шудаанд.

Ихтилолоти равонӣ ба қонуниятҳои муқаррарии ҷараёни давраи гузариш бо якчанд гунаҳо (вариантҳо) мавҷуд аст:

- Ихтилол дар ибтидои синни наврасӣ бад-он сабаб сар мезанад, ки давраи ботинию зоҳиршавандаи он муддати тӯлонӣ, яъне якчанд сол инкишоф меёбад.
- Ҷомеа ба наврасон талаботеро пешниҳод мекунад, ки онҳо қобилияти қонеъ гардонидани онхоро надоранд ва ин боиси ихтилол мегардад. Масалан, мураккабшавии барномаи таълимӣ дар раванди таҳсилот хасташавиро ба вуҷуд меорад.
- Афзоиши ҳассосият дар ин зинаи синнусолӣ низ метавонад ба ихтилол замина шавад.
- Зинаи гузариш аксаран ба таври тезутунд сурат мегирад ва дар ин замина раванди инкишофёбӣ дар кӯдакон меафзояд.
- Раванди давраи гузариш наврасро ба рағбат оварда, ӯро таҳти таъсироти муайяни бештар номусоид қарор медиҳад.
- Давраи балоғати ҷинсӣ зоҳиршавии инкишофи патологияи ниҳониро ба ангезиш меоварад.
- Раванди балоғат метавонад сабаби тағйироти патогенӣ дар организми наврасон шавад.

Буҳронҳои давраи гузариш ихтилолоти вижаи худро дорад. Пеш аз ҳама, ин **дисморфомания** – бемаънигии норасоиҳои ҷисмӣ ва **дисморфофобия** – тарс аз тағйирёбии ҷисми худ мебошад. Ин аломатҳо, асосан, дар давраи балоғати ҷинсӣ ба вуҷуд меоянд ва бештар дар 80% ҳолатҳо ба духтарони наврас хос аст.

Равоншинос А.Е. Личко вижагиҳои давраи гузаришро омӯхта, қайд мекунад, ки нахустин бор андеша дар бораи худкушӣ дар 4% ҳолатҳо маҳз дар синни 12 – 13 - солагӣ ба вуҷуд меояд Ин таҳқиқот исбот намудаанд, ки

дар ин зинаи синнусолӣ дар аксар одамон ҳар як нокомӣ метавонад беихтиёр ангезаро дар бораи марг ба вуҷуд оварад.

Сабабҳои маъмултарини душвориҳои тарбияи оилавӣ инҳоянд: ба дараҷаи лозим воқиф набудани волидайн аз асосҳои тарбияи оилавӣ, аз ҳад зиёд суиистифода кардани оила аз тарафи яке аз волидайн ё боварӣ накардан ба имконияту қувваи фарзандон. Инчунин, омӯзгорон вазифадоранд, ки душвориҳо, камбудиҳои тарбияи оилавиро ошкор намуда, барои ислоҳи онҳо сари вақт чораҳо андешанд.

**Адабиёт:**

1. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. Душанбе: «Ҳумо», 2007.- 220 с.
2. Маҳмудов Ш.К., Абдурашитов Н. Психологияи омӯзгорӣ. Душанбе: Ирфон, 2011, -194 с.
3. Мустафоқулов Т., Назрулоева М. Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. Кулоб, 1993, -360 с.
4. Раҳимов Х., Мухторова Г. Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ. Душанбе: Ирфон, 200, 114 с.
5. Л.С. Виготский ва масъалаҳои таълиму тарбия. Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ-назариявӣ. ДДОТ ба номи С. Айнӣ. - Душанбе. 2009.- 96 с.
6. Выготский Л.С. Об особенностях кризисных периодов развитии. Вопросы психологии. 1972. №2. С .114-123.

## ЧАКАН - ГАНҶИ ПАРНИШОН ДАР ЭҲЁИ ФАРҲАНГИ НИЁГОН

***Маҳмадов Иброҳим*** *– муаллими калони кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел: (+992) 935 929 878*

Дар мақолаи мазкур чакан ҳамчун либоси маросими шодию сурур, рамзи зебоӣ, тараннуми табиати диёр, эҳёгари таърихи ниёгон дар фарҳанги миллии муосир, яке аз рамзҳо ва симои миллат, ки мавриди таваҷҷуҳи меҳмонону сайёҳони хориҷӣ мебошад, муаррифгари ҳунарҳои мардумӣ дар фарҳанги пурғановати миллати тоҷик дониста шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *эҳё, табиат, офтоб, сайёҳ, Наврӯз, Кӯлоб, Хатлон, Ориён, Ҷамшед, таърих, фалак, ҳунар, фарҳанг.*

## ЧАКАН - ИЗЪЯЩНОЕ СОКРОВИЩЕ В ВОЗРОЖДЕНИИ КУЛЬТУРЫ ПРЕДКОВ

***Махмадов Иброхим*** *– старший преподаватель кафедры общественно-гуманитарных наук Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел: (+992) 935 929 878*

В статье чакан представляется в качестве церемониальной и свадебной одежды черти которой олицетворяют красоту природу родного края и возрождающего древних мотивов предков в современной культуры, как символ вечности связанной с солнцем. Этот вид красочной рукодельной вышивки является замечательным образцом народного творчества таджиков и достойный сувенир для туристов и гостей Таджикистана.

***Ключевые слова:*** *возрождение, природа, солнце, турист, Навруз, Куляб, Хатлон, Ариян, Джамшед, фалак, искусство, культура*

## CHAKAN - A NUMEROUS TREASURE IN THE REVIVAL OF CULTURE OF ANCESTORS

***Mahmadov Ibrohim*** *- Senior Lecturer of Department of Social Sciences and Humanities, Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str. 33, phone: (+992) 935 929 878*

The article presents Chakan as the ceremonial and wedding clothes of the devils which personify the beauty of the nature of the native land and reviving

the ancient ancestral motifs in modern culture, as a symbol of eternity associated with the sun. This type of colorful hand-made embroidery is a wonderful example of Tajik folk art and a worthy souvenir for tourists and guests of Tajikistan.

***Keywords**: revival, nature, sun, tourist, Navruz, Kulyab, Khatlon, Aryan, Jamshed, falak, art, culture*

Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки чакан ва чакандӯзӣ таърихи қадима дорад. Он чун либоси маросими шодиву сурур дониста мешавад. Сарчашмаҳо ва маъхазҳои таърихие, ки роҷеъ ба пайдоиши чакан ва чакандӯзӣ аз қаъри асрҳо то ба замони мо омада расидаанд, аз он далолат мекунанд, ки нахустин шахсе, ки либоси чаканро ба бар кардааст, дар сарзамини ориёиҳо сукунат дошт: ҳунармандон дар ҳар давру замон кӯшиш мекарданд, ки зебоӣ ва рангорангии табиати замину офтоби маҳалли зисти худро ба риштаи тасвир кашанд[1,60,81].

Чакан ганҷи парнишон ва гаронбаҳои таърихи миллати тоҷик аст, ки аз қаъри қарнҳо аз дили Ориён бархоста, ҳанӯз пеш аз дини зардуштӣ маълуму маъруф буд. Чакан рамзи дасти инсонҳоест, ки бо руҷӯи дил, бо ҳусни тасвири қаламкаш, бо назокат ва нафосати ришта ва сӯзанкашии асили гулдухтарон-ҳунармандони нозукадо рӯйи матоъ нақш мебандад. Рамзи чакан, аслан бо ёддошти таърих аз замони Ҷамшеди каёнӣ, рӯзи ба бурҷи Ҳамал (хонаи худ) расидани Офтоб ва ҳангоми ба тахт нишастани ӯ эҳё ёфтааст. Тавре, ки даркитоби «Бурҳони Қотеъ» омадааст: «Ҷамшед сайри олам мекард, чун ба Озарбойҷон расид, ки Офтоб ба нуқтаи авҷи Ҳамал омада буд, фармуд, ки тахти мурассаеро дар ҷойи баланде гузоранд. Ва ӯ тоҷи мурассаъ бар сар ниҳода, ба ин тахт нишаст. Чун Офтоб тулуъ кард ва партави Офтоб бар он тоҷу тахт афтод, шуое дар ғояти равшанӣ падид омад». Ин равшаниро рамзи рӯз гуфтаанд, ки гуё бар шаб ғолиб омад. Бар ин ҳисоб он рӯзро нав ханданд ва мардум онро ид карданд. Аз он рӯз эътиборан иде ба ном пайдо шуд, ки Наврӯзаш хонданд [6,31-35]. Аз ин лиҳоз беҳуда нест, ки чакандӯзон дар болои чодар расми офтобро чакандӯзӣ карданд.

Ман чаканпӯш, аз табори Ориён,
Зеб бошад, дар сарам тоҷи Каён.

Ҳақанд, чаканшиносоне, ки дар рамзи ҳар як чакан китоби зиндагии одамонро хондаанд. Назар ба тасовири нигораҳо ва нишондоди муаррихон чакан аз давраҳои Пешдодиён, Ҳахоманишиён, Саффориёну Ғазнавиён, дар давраи давлатдории Сомониён бо ҳусни ба худ арзанда, чеҳраи беҳтарин намунаи асари ҳунари тоҷикон буд. Вожаи «чакан» дар фарҳангномаҳои муътабар аз қабили «Бурҳони Қотеъ», «Ғиёс-ул-луғот», «Фарҳанги Рашидӣ», «Кашф», «Мадор», «Бурҳон» ба шакли «чакан» ҳам,

«чикин» шарҳу тафсир шуда, онро навъе аз кашидадӯзӣ, заркашдӯзӣ ва бақядӯзӣ дар ҷомаю қабои рӯпӯшӣ маънидод кардаанд ва номи ин ҳунарро «чакиндӯзӣ» низ ном бурдаанд. Дар «Ғиёс-ул- луғот» ин вожаро ба шакли «чикин» овардаанд, ки «навъе аз кашида, ки абрешими алвон ба ҷома ва ғайра нақш кунанд», тафсир шудааст [7,244-245].

Чакан дар матоъ бо нақшу нигори гуногун тавре оро додамешавад, ки баробари дидани он шахс мафтун мегардад. Аз сабаби он, ки дар рӯйи матоъ ҳар ҷо дар шакли доғ нақшу нигораҳо дӯхта мешаванд, сокинони ҷануби Тоҷикистон калимаи “чакан” - ро ба маънои “доғ” ҳам ном мебаранд. Ақидаи дигаре ҳаст, ки дар гузашта болои чӯб, зарфҳо бо асбобҳои нуктез нақши гулро кандакорӣ мекарданд ва гӯё номи чакан аз ҳамин ибтидо ёфтааст [6,17-29]. Сарчашмаҳои бостоншиносӣ ва маъхазҳои таърихӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки чакандӯзӣ, гулдӯзӣ ҳунари бисёр қадима буда, таърихи чандҳазорсоларо доро мебошад.

Чакандӯзӣ беш аз 2500 сол аст, ки дар сарзамини Хатлон ба вуҷуди худ идома медиҳад, ҳарчанд ин сарзамин аз тохтутози урдуи Искандари Мақдунӣ, ғоратгарони арабу туркони аҷнабӣ хасорати ҳалокатовар дида буд. Дар қатори беҳтарин осори ҳунарии ин сарзаминнамунаҳои чакандӯзии аҷдодони тоҷикон низ туъмаи оташ гардида, чакандӯзон нобуд карда мешуданд. Аммо соҳибони чакан меросхӯрони фарҳанги оламгир чаканро аз ҳама балоҳои осмонию заминӣ ҳифз намуда, то замони мо оварда расониданд.

Мансуб донистани ин либос ба замони пешдодиёни таърихи тоҷикон дар асарҳои муаррихони юнонӣ ва чинӣ ба назар расида, бозёфтҳои бостоншиносӣ аз Хатлонзамин, суратҳои рӯйидевор ва ғорҳои Даштиҷум, инчунин адабиёти тъарихӣ ва бадеию шифоҳӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки тоҷикон аз қадим либосҳои гуногуни чакандӯзӣ мепӯшиданд ва ин осор дар асрҳои VII- VIII ба авҷи такомул расида будааст [5,576].

Миёни занони тоҷик пироҳанҳои пешкушода ва буғак хеле маълуму машҳур буданд. Куртаҳои дорои гиребони пешкушодаро асосан ҷавонзанон истифода мебурданд, он дорои камарча ва тугма буд. Куртаҳои дорои гиребони буғакдорро духтарону наврасон мепӯшиданд. Куртаҳои занона ва духтарона танҳо бо дӯхти гиребон аз ҳам фарқ доштанд. Гиребони пероҳани духтарон уфуқӣ буридашуда бо мағзӣ ва зеҳгулӯ гулдӯзӣ оро дода мешуд.

Ҷонона ба нимрӯзӣ, шиштай чӣ медӯзӣ?
Як нақша ғалат кардай, меканию медӯзӣ?

Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ ва бозёфтҳои бостоншиносӣ дар миёни халқҳои Осиёи Марказӣ то асри XX беш аз 700 намуди гулдӯзӣ омада расидааст, ки баъзе намунаҳои онро аноргул, аштак, барги бед, гули бодом, тоҷи хурӯс, ислимӣ, каҷак, лола, маҷнунбед, райҳон, себарга, булбул, паргорӣ, наботӣ, думи товус, моҳу ситора, косагӯл, синаи боз,

лоламадохил, сар ба сина, моҳи нима, офтоб, қурс ва ғайра ташкил медиҳанд.

Бо ҷорӣ гардидани дини ислом дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ тасвири инсонҳоро дар чакандӯзӣ аз байн бурд. Аз ин лиҳоз, ба ҷойи тасвири одам дар рӯйи гулдӯзиҳоманзараҳои табиати зинда, гулу гулбуттаҳо, сабзазор, парандаҳо пайдо гардидаанд. [3. РСМ 1.04.2006]

Мардум аз ин ҳунари миллӣ истифода намуда, бештар пироҳан, хилъат, камзӯлчаҳо, васкатҳои занона, рӯймоли миёнбанд, дастрӯймол, тоқӣ, болпӯши таҳсарӣ ё болишт, пардаи дару тиреза, чойхалта, сарпӯши чойник, дастбандаки гаҳвора, рафида, ҷиҳозҳои арусӣ ва рӯйҷо, ҷойнамоз, медӯхтанд.

Тасвироти чакан бо рангҳо ороиш дода шуда, зебоӣ ва рангорангии он ба табиати макони зисти ҳунарманди он вобастагӣ дошт. Зеро инсон вақте, ки расм мекашад, дунёи ботинии худро дар он тасвир мекунад. Ҷаҳонбинӣ, ишқу муҳаббат, дилбастагӣ ба чизе, олами набототу ҳайвонот, ҷирмҳои осмонӣ, ё ашёи рӯзгор ангезаҳое мебошанд, ки бо нозукӣ, дақиқӣ, амиқӣ, саҳеҳият, борикбинӣ аз тарафи ҳунарманд болои матоъ тавассути кашидадӯзӣ таҷассуми худро меёбанд. Онҳо дар мутобиқат ва ба ҳам пайвастани рангҳо ниҳоят ҷолиби диққатанд.

Нақшҳои гуногун дар матоъ, зебоӣ, рангорангӣ, омезиши рангҳои сурху сафед ва сабзи табиат, офтоби оламоро дар байн нақшдӯзи шудааст, ки аз таровати анвори ҳаётбахши он дар гирдогирди бахядӯзӣ сабза дамидааст ва гулҳо шукуфтаанд. Кашидадӯзӣ кардани қурси моҳтоб ё моҳи ҳилол, бурҷҳои осмонӣ маҳсули нозукхаёлии худи чакандӯз буда, бо ситоракашиҳои хаёлии худаш, ҷо додани офтоби шӯълапош, бо гули моҳтобие, ки хайма аз ҳарири нур дорад, дилҳоро мафтуни чаканпӯш мегардонад ва аз тараннуми Наврӯз дарак медиҳанд.

Наврӯз, ки омад ҳама зебою чаканпӯш,
Аз омаданаш кӯчаву саҳро ҳама гулпӯш.

Аввалин гулдӯзиҳое, ки духтарони хатлонӣ кашф кардаанд, ин гулҳо ва нақшҳо дар гиребони курта буда, ороиши худро вобаста ба ҳусни майли хеш ба ҷо меоваранд. Асли ин ҳунар аз ҳисси табиии зебоипарастии халқи тоҷик ва муҳаббат ба гул маншаъ мегирад. Зеро гул гиёҳи зебову дилрабоест, ки ҳамаро мафтун карда, бо рамзҳои зиёде омезиш дорад ва ҳамчун рамзи зебоиву нафосат, меҳру муҳаббат, ишқу умед ва таровату назокат эътироф гардидааст. Гулдӯзӣ ё чакандӯзӣ аз қадимтарин навъҳои ҳунари ороишии халқи соҳибтамаддуни тоҷик буда, шуғли маҳаллӣ ба ҳисоб меравад, ки иҷроиши он бо чангак, сӯзан ва симчаҳои махсус дар рӯйи матоъ бо ресмонҳои пахтагӣ, пашмӣ, абрешимӣ ва наххҳои зару нуқрагӣ ба ҷо оварда мешавад. Махсусан, кашидадӯзиҳои сари остин, подоман, сари шаддаҳои чолбанд, риштаҳои пеши гиребонро бо рангҳои сурху сабз, сафед, зард, бунафшу гулобӣ, осмонӣ, бунафшранг, ҷигарӣ,

арғувонии баланд нақш мекарданд. Ин шоҳкорҳоро наққоши бузурги халқи тоҷик сардафтари наққошони Шарқ Камолиддини Беҳзод дар миниётураҳои худ то ба замони мо овардааст [8, 484].

Ба андешаи мо гулдӯзиҳои чакан дар баробари дигар ҳунарҳои халқӣ бо ҳунари фалаксароён низ тавъам буда, ҳангоми фарорасии баҳори оламафрӯз пеши назар табиати зебои нотакрор, чаҳ-чаҳи булбул, қаҳ-қаҳи кабкони дарӣ, чир-чири гунҷишкакони болои дарахт, овози форами зарғову залиҷи саҳро ва шилдир-шилдири оби ҷӯйҳои софу ширини кӯҳсор, накҳати гулҳои баҳорӣ, садои дили ошиқони содиқ, дарди дили мардуми кӯҳистони тоҷик ҷилвагар мегардад.

Гумон мекунед, ки дили духтарони ошиқ аз фалак илҳом мегирад. Онҳо рози дили хешро дар гулдӯзии тоқиҳои кӯлобӣ, рӯймолча, руймоли миён ва дигар санъатҳои нафиса ошкор сохта, самимият ва маҳбубияти худро ба дилдодаашон нишон медиҳанд ва зерилаб зам-зама мекунанд.

Ин ранги чакан дар тани ман мезебад,
Ман ҳам чаканам, ба ман чакан мезебад.

Чакан, воқеъ рамзи тараннуми Наврӯз буда, тавъам бо фалак ва фалак бо Наврӯз мебошад. Мард ба оғуши кӯҳу даман рафта, рози дили худро ба Худованд ба воситаи фалакхонӣ иброз медорад. Арзи дили худро ба Офаридагор ифшо менамояд. Ғаму кулфат ва алами дили худро берун месозад.

Аммо духтарону занон розу ниёзи хешро ҳангоми рӯйи матоъ чакандӯзӣ кардан бо жак (зери лаб замзама кардан) ба Яздони пок иброз медоранд. Духтарон дар нақши чакан рози дили худ, орзую ормони айёми кӯдакию наврасӣ ва айёми қадрасии худро тасвир мекунад. Ба ёди ин моҳи пурфайз, шукуфтани гулҳои дарахтон, дамидани сабза, суруди обшорон, ғамзаи кабкҳову, ҷастухези ғизолон ба матоъ сӯзан мезаданд. Мо фикр мекунем, ки чакан лабрези шарму назокати шарқиёна буда, дидани он касро мафтун месозад, моро водор месозад, ки бар пояи асолати хештаншиносӣ дар ин ҷабҳа бирасем ва тозакориҳо ҳунари миллиро манзури омма намоем.

Ҳанӯз ҳазор сол қабл аз ин олимони ситорашинос муайян намуда буданд, ки сайёраи Зӯҳра, ки зебоиро парастиш менамоянд ва ба тавлиди зеборухон мусоидат намуда ба офариниши мавҷудоти санъати нафис (дастовардҳои ҳунармандии дастони моҳир) замина мегузорад. Он боз як бор хотиррасон менамояд, ки мардуми тоҷик бештар дар зери таъсири сайёраи Зӯҳра буда, аз нерӯи ин бахшандаи зебоӣ баҳрамандандӣ.[3. РСМ 1.04.2006]

Таъкид бар он аст, ки чакан саросар рамз буда, имрӯзҳо бисёр ҳунармандон, раққосагони чаканпӯш ҳунарнамоӣ мекунанд. Арӯсон бо куртаи чакан ороста мешаванд. Боиси хушҳолӣ ва фараҳи саросарист, ки имрӯзҳо ба туфайли сиёсати хирадмандона ва фарҳангдӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шуда, дар ҳама ҷашнҳои таърихӣ-фарҳангӣ, ҷамъомадҳои давлатию ҷамъиятӣ гулдухтарону бонувони минтақаҳои Хатлон, Рашту Бадахшон ва умуман бонувони тоҷик тоқӣ, камзулу куртаҳои чаканро ба бар намуда, таассурбахшандаи меҳмонону сайёҳони ҷаҳонӣ ва муаррифгари фарҳанги пурғановати миллати тоҷик мебошанд.

Чаканпӯшӣ, ки бошад суннати мо,
Чакан зам менамояд зиннати мо.
Агар мо қадри аҷдодон надонем,
Каси дигар надонад қиммати мо.

Бо ин дарки маънӣ ишора бар он аст, ки ҳар як миллат зинаҳои ба чашм нонамоён, вале аз назари чашми ботин намоёни рушди худро дорад, ки он зинаҳои маънавӣ ва ҳунарии миллат мебошад. Инҳо саҳифаҳои таърихие мебошанд, ки миллатро ба дунёи мутамаддин ошно месозанд ва бе ин саҳифаҳои бозгӯкунанда тамаддунҳо якдигарро намешиносанд. Чакан низ аз таровиши шаъну фарри офтобии ин қулла сарчашма гирифта, эҳёгари фарҳанги оламшумул ва тараннуму асолати аслии симои миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳон аст.

**Адабиёт:**


1. Ю.Яъқубов. Таърихи қадими халқи тоҷик, Алмаато: 2000, 248 с.
2. Айниддин Гадозода. Таронаи чакан, таронаи ману туст, эй ҳамватан. Темурмалик, 2006, 25 с.
3. Зафар Мирзоев. Чакан рамзи ифтихори ниёгон аст. Рӯзномаи «Садои мардум», 2006, 1 апрел.
4. Шарифов Д. Назаре ба таъриху тамаддуни мардуми Кӯлоб, Душанбе, 2006, 130 с.
5. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Душанбе: Ирфон, 1998,700 с.
6. Д. Шарифов, И. Маҳмадов. Аз таърихи ҳунарҳои мардуми Хатлонзамин. Душанбе, 2007,100 с.
7. Энсиклопедияи Кӯлоб, 2006, 636 с.
8. Рӯзномаи «Навиди Балҷувон», соли 2006, 18 март.
9. Шиносномаи ноҳияи Шӯрообод, 2006, 56 с.
10. Шиносномаи ноҳияи Муъминобод, 2006, 66 с.
11. Ҳ. Ҳамроева. Гулдӯзони гулдаст, «Омӯзгор», соли 2018, 13 сентябр.

# НАҚШИ САЙЁҲИИ ДОХИЛӢ ДАР ҲАМБАСТАГИИ МИЛЛӢ

***Шукурзода Абдулҳаким*** – *докторанти (PhD) соли аввали кафедраи робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 734005, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, тел.: (+992 ) 2 21 47 96, e-mail: h.shakuri@mail.ru*

***Воҳидов Насридин Ҳизбуллоевич*** - *ассистенти кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел:(+992)555 555 147.*

Ҳамоҳангие, ки миёни аҷзои ташкилдиҳандаи низоми иҷтимоӣ вуҷуд дорад, ҳамбастагии миллӣ номида мешавад. Онҳо аз унсурҳои асосии ҳувияти миллии як миллат ба монанди таърих, фарҳанг, тамаддун, забон, дин, ҷуғрофияи муштарак тасвият шудаанд. Дар ин мақола маъно ва мафҳуми ҳамбастагии миллӣ баён гардида, дар охир хулоса мешавад, ки сайёҳии дохилӣ илова бар манфиатҳои иқтисодию сиёсӣ, барои шинохти фарҳангҳо ва иртиботи миллатҳо ба ҳамдигар ва дар натиҷа ба ҳамбастагии миллӣ таъсири назаррас дорад.

***Вожаҳои калидӣ***: *сайёҳии дохилӣ, ҳамбастагии миллӣ, ҳувияти миллӣ, тамаддун, фарҳанг, иқтисод, сиёсат*

# РОЛЬ ВНУТРЕННЕГО ТУРИЗМА В НАЦИОНАЛЬНОМ ЕДИНСТВЕ

***Шукурзода Абдулхаким* -** *докторант (PhD) первого курса кафедры международных отношений Таджикского национального университета, г. Душанбе, проспект Рудаки 17, тел.: (+992 37) 2 21 47 96, e-mail: h.shakuri@mail.ru*

***Вохидов Насридин Хизбуллоевич* -** *ассистент кафедры международных отношений и политических процессов Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел: (+992) 55 55 55 147*

Существует взаимосвязь между компонентами социальной системы, которая называется национальным единством. В статье сформулированы компоненты национальной идентичности, таких, как единая нация, общая история, культура, цивилизация, язык, религия и география. Авторы в этой статье разъясняя концепцию национального единства, в заключении сделали вывод, что внутренний туризм оказывает большое влияние на национальное единство, а также на экономику и политику.

***Ключевые слова***: *внутренний туризм, национальное единство, национальная идентичность, цивилизация, культура, экономика, политика.*

# THE ROLE OF INTERNAL TOURISM IN NATIONAL UNITY

***Shukurzoda Abdulhakim*** - *PhD student of the first year at the Department of International Relations of the Tajik National University, Dushanbe, 17 Rudaki Avenue, phone: (+992 37) 2 21 47 96, e-mail: h.shakuri@mail.ru*

***Vohidov Nasridin Hizbulloevich*** - *Assistant of the Department of International Relations and Political Processes of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+992) 55 55 55 147*

There is a relationship between the components of a social system called national unity. The article formulates a component of national identity, such as a single nation, a common history, culture, civilization, language, religion and geography. The author in this article, explaining the concept of national unity, concluded that internal tourism has a great influence on national unity, as well as on economics and politics.

***Key words:*** *internal tourism, national unity, national identity, civilization, culture, economy, politics.*

Инсон мавҷуди иҷтимоӣ аст ва рафтори инсон дар ҷомеа маъно пайдо мекунад. Рафтори инсон ҳамон вақт таъсирбахш аст, ки вай дар паҳлуи дигар инсонҳо қарор бигирад ва миёни онон робитаи ҳамбаста ва пайваста вуҷуд дошта бошад. Ба ҳамин равиш дар давоми солҳо ва асрҳо иртиботи гурӯҳҳои инсонӣ ба ҳамдигар, масъалаҳое чун нажоди ягона, миллати ягона, дини ягона ва фарҳанги ягона доштан, ба вуҷуд меояд. Ҳарчанд дар дунёи пурталотуми имрӯз, кишвареро наметавон пайдо намуд, ки аз як қавму миллати воҳид ва дину забони ягона иборат бошад, аммо ба ҳар ҳол ононе, ки дар доираи як миллат ё як чаҳорчӯбаи ҷуғрофиёии муайян зиндагӣ мекунанд, аз ҳаммонандиҳое бархӯрдор ҳастанд. Ин масъала нисбӣ буда, як кишвар метавонад аз кишвари дигар фарқ дошта бошад. Бинобар ин, маҳз дар ҳамин давра, масъалаи ҳамбастагии миллӣ беҳтар маънодор мешавад ва аҳамияти бештаре пайдо мекунад. Ин мафҳум, аз як тараф, ба монандиҳо ва аз тарафи дигар, ба гуногунии фарҳангҳои даруни як ҷомеаи калон ба номи миллат, таъкид мекунад.

Афроди як миллат то чи ҳадде аз ҳамдигар дур шаванд ва бо ҳамдигар иртибот нагиранд, ба ҳамон андоза заиф ва пароканда шуда, заминаи нобудии худро фароҳам мекунанд. Ҳар он чи ки заминаҳои ҳамбастагии миллиро дар кишвар заиф мекунад, аз набудани адолати иҷтимоӣ гирифта то маҳалгароӣ ва унсурҳои дигар таҳдиде барои миллат ҳисоб мешавад. Набудании иртибот ва ба дурустӣ нашинохтани ҳамдигар аз ҷумлаи омилҳои асосии заифкунандаи ҳамбастагии миллӣ ба шумор мераванд.

Масъалаи рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон дар паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2017 чунин матраҳ гардид: "Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад"[6]. Масъалаи ҳамбастагии миллӣ бошад, бештар ба таври "ваҳдати миллӣ" мавриди баҳсу баррасиҳо қарор гирифта, асосан таҳти ҳамин мафҳум мақола ва таълифоте мавҷуданд. Соли 2017 дар ВКХ ҶТ таҳти номи "Мавқеи сулҳу ваҳдат дар ҳамбастагии миллӣ" конференсия баргузор гардид. Аммо дар бораи таъсири сайёҳии дохилӣ ба ҳамбастагии миллӣ ҳанӯз таҳқиқоти махсус ва густардае роҳандозӣ нашуда аст, бинобар ин гумон меравад, ки ин мақола барои ошноӣ ба ин мавзуъ ва тақвият бахшидани ҳамбастагии миллӣ кумак хоҳад намуд [5].

Мафҳуми ҳамбастагӣ дар таърихи андешаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва инсонӣ ба таври муфассал баррасӣ шудааст. Дар ҷомеаҳои гузашта, пайвандҳои мухталифе монанди қабила, дину мазҳаб, ҳукуматҳо ва дигар омилҳо буданд, ки ҳар кадом сабаби ҳамбастагии ҷомеа мешуд [1, 23].

Яке аз ҳадафҳои стратегии давлат, ки он бароmадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ба шумор меравад, имрӯзҳо баъд аз сохтан ва ба истифода додани беш аз 2000 км роҳҳо ва нақбҳои нақлиётӣ то андозае амалӣ гардидааст. Сохтани ин роҳҳо илова бар манфиатҳои иқтисодӣ, ки бештар барои кишвари транзитӣ шудан дар назар гирифта шуда буданд, албатта, айни замон барои ба ҳам пайвастани минтақаҳои кишвар бо ҳамдигар, аз шарқ то ғарб ва аз шимол то ҷануб ва боз ҳам муттаҳид намудани миллат, фурсати беназир фароҳам кардааст [8].

Дар гузашта барои иртибот доштани мардуми минтақаҳои гуногуни кишвар бо ҳамдигар мушкилоти зиёде аз қабили масъалаи роҳҳо, имконоти сафар, амният ва ғайра дар миён будааст. Аммо ҳоло ин проблемаҳо аз байн бардошта шуда, имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон, як кишвари ободу осуда, босубот ва бо имконоти роҳҳо мебошад. Ба баёни дигар, он чи вазифаи ҳукумат буда, иҷро шудааст, аммо ин ки оё мардуми мо вазифаи худро дар ҳама заминаҳо иҷро мекунад, ин масъалаи дигар аст.

Вақте дар бораи ҳамбастагӣ сухан меравад, мақсад як ҳамоҳангӣ миёни ҳама ҷузъҳои ташкилдиҳандаи низоми иҷтимоӣ аст. Аз ҷумла фарҳанг, таърих, забон, дин, мазҳаб, расму оин ва анъанаҳои миллӣ ва ғайра, ки тамоми инҳо дар якҷоягӣ як низоми комили иҷтимоиро ташкил мекунанд. Иртиботи ин унсурҳо бо ҳамдигар давом ва бақои низом ва системаро кафолат медиҳад. Ин масъала аз он ҷиҳат аҳамият пайдо мекунад, ки агар омилҳои мазкур бо ҳамдигар иртиботи мусбат ва ҳамгун дошта бошанд ва дар айни тафовутҳои мавҷуда, худро шомили як низоми калонтаре ба номи миллат ё шаҳрванд донанд, сабаби ҳамгироии дарунӣ мешавад. Ҳамгироии

даруни бошад, сабаби амният ва суботи кишвар гардида, аз низоъҳои маҳаллӣ ва маҳалгароиҳои бемаънӣ ва аз ҷудоиталабӣ пешгирӣ мекунад.

Дар марҳилаи аввал ба мо дар мактаб ва китобҳои таърих меомӯзонанд, ки мо як миллат ҳастем ва дорои фарҳангу таърихи ягонаем. Аммо дар амал мебинем, ки мо аз ҳамдигар баъзе фарқиятҳо дорем. Бинобар ин, хоста ё нахоста, мардум худро мутафовит аз ҳамдигар ё ҳатто шояд иддае худро беҳтар аз мардуми минтақаи дигар медонад. Ё шояд мо ба ҷойи гуфтани лаҳҷа аз калимаи забон истифода мекунем. Дар асл ин лаҳҷаҳои ҳамон забони ягонаи тоҷикӣ мебошанд, ки мардуми минтақаҳои гуногун дар зндагии рӯзмарра бо он гуфтугӯ мекунанд. Ё ки дар бораи дигар масъалаҳои урфу одат ва анъанаҳои хоси маҳалҳои гуногун, ки аз ҳамдигар фарқиятҳое доранд. Аммо дар натиҷаи гардиш ва саёҳат, диду боздидҳо сокинони минтақаҳои гуногуни кишвар бо ҳам бештар ошно гардида, тадриҷан бо руҳияту ҳувияти ягона чун як миллати муттаҳиду якпорча ташаккул меёбанд. [4, 40]

Ҳувияти миллӣ дар кишвар миёни тамоми аҳолӣ, ҳамбастагӣ эҷод мекунад. Барои тақвияти ҳувияти миллӣ, бояд иродаи бо ҳам зистан миёни афроди мутафовити кишвар (аз ҳар лиҳоз) тақвият карда шавад. [9, 108] Вафодорӣ ба миллат натиҷаи ҳамбастагии миллӣ аст. Ва дар ҳисси ҳамбастагии миллӣ, эҳсоси муштараке, миёни сарзамин ва мардумони он ба вуҷуд меояд. Пас заминаи ҳамбастагии миллиро шинохти фарҳангҳои гуногуни сокинони он фароҳам мекунад. Ин гуна шинохт барои қисме аз мардум агар дар натиҷаи омӯзиш тавассути китоб ва иттилоърасонӣ сурат бигирад, дар миёни қисми дигаре аз мардум дар натиҷаи гардиш, саёҳат, сафар, аз наздик ошношавӣ ба вуҷуд меояд, ки он таъсири бештар ва беҳтар дорад. [2, 112]

Бо ҳамдигар иртиботи наздик доштани афроди як миллат натиҷаҳои мусбат дорад. Дар арсаи фарҳангӣ, пеш аз ҳама, дар натиҷаи рафту омадҳо мо бо ҳамдигар ошноии бештар пайдо мекунем. Чун ҳарчанд мо як миллатем, аммо ҳар минтақа боз бо урфу одатҳо ва анъанаҳои фарҳангии хоси худро дорад, ки ба онҳо фарҳанги маҳал мегӯем. Ин худ нишонаи пурғановатии фарҳанги тоҷикон буда, гулдастае назаррабо аз гулҳои бо рангу накҳати гуногунро мемонад. Илова бар ин, дониши мо дар бораи сокинони кишварамон, расму оинҳои минтақаҳои мухталиф, минтақаҳои ҷуғрофӣ ва марказҳои истироҳатию табобатӣ зиёд мешавад. Аз арсаҳои мухталифи фарҳангӣ гирифта, то мусиқӣ, ки иртиботи амиқ миёни мардумони як маҳдудаи ҷуғрофӣ (сарзамин) дорад аз аҳамият холӣ нест. [10, 14] Илова бар ин, аз назари фарҳангӣ ва одоби иҷтимоӣ, таъсири мутақобила сурат гирифта, муҳимтар аз ҳама дарк мегардад, ки ин гуна тафовутҳо як амри табиӣ буда, дар айни ҳол метавонем, як миллати ягона ва шаҳрванди боифтихори ин кишвар бошем.

Гузашта аз инҳо, нахуст дар миёни мардумони кишвар фарҳанги меҳмондорӣ боло рафта, шароит ва имконоти меҳмондорӣ боз ҳам бештар

омӯхта мешавад ва кумбудиҳои дар ин соҳа вуҷуддошта ислоҳ гардида, шароит ва замина барои қабули меҳмонҳои хориҷӣ, тадриҷан фароҳам мегардад. Сатҳу дараҷаи хизматрасонӣ дар ин соҳа мукаммалтар мегардад. Фақат бо эълони меҳмоннавоз будани тоҷикон, мушкилоти хизматрасонӣ ба сайёҳон дар ин замина ҳал нахоҳад шуд. Масъалаи хизматрасонӣ (махсусан барои сайёҳони хориҷӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар) дар сатҳи бояду шояд ба роҳ монда нашудааст ва он беҳбудӣ мехоҳад. Аммо агар рафту омадҳо зиёд шавад, батадриҷ ин мушкилот ҳам бартараф хоҳанд шуд. Пешниҳодкунандаи хизматрасонӣ, барои пешрафти кори худ маҷбур мешавад, ки сатҳи хизматрасонии худро баланд бардорад.

Дар арсаи иқтисодӣ бошад, пеш аз ҳама, барои гардишу саёҳат кардан чи дар дохили кишвар ва чи дар хориҷи он даромади кофӣ доштан лозим аст. Бинобар ин, дар ин маврид манзур аз он идда шахсон аст, ки вазъияти молии беҳтаре доранд. Албатта, ба ҷойи сафар ба кишварҳои дуру наздики хориҷӣ нахуст аз ҷойҳои диданӣ, истироҳатгоҳу табобатгоҳҳо ва мавзеъҳои таърихии кишвари худро боздид намудан аз ҷиҳати иқтисодӣ низ беҳтар аст. Аввал ин ки ин гуна сайёҳӣ арзонтар ва бо маблағи камтар тамом мешавад, сонӣян, ба минтақаи дигар рафта, бо ҳамватанони худ, бо мардуми ошно боз ҳам бештар шинос хеле гуворо хоҳад буд ва ниҳоят маблағи ба ин мақсад андухтаро дар кишвари худ ва барои ҳамватанони худ харҷ кардан кори оқилона мебошад. Дар масири сафар дар нақлиёт, дар чойхонаҳо, дар меҳмонхонаҳо ва осорхонаҳо ё ҷойҳои истироҳатию табобатӣ маблағи харҷгардида ба ҷайби ҳамватанони худ меравад. Ҳангоми ба унвони ҳадя осори ҳунарии ҳунармандони маҳаллиро харидан низ, боз ҳамин масъала пеш меояд, яъне ҳам дастгирии мардуми маҳаллӣ мешавад, ки онҳо даромаде ба даст меоранд ва он маблағ ба рушди минбаъдаи ҳунарҳои мардуми масраф мешавад, чун амри табиӣ аст, ки агар ҳунармандон муштарӣ надошта бошанд, ба кори онҳо пешрафт нахоҳад кард.

Дар арсаи сиёсат бошад, ҳар он чи ки дар боло дар бораи ҳамбастагӣ гуфта шуд, аз аҳамияти он, зарурати он ва муҳим будани он барои давлат ва миллат, заминаҳое доранд. Сайёҳӣ яке аз он заминаҳост. Дар натиҷаи рафту омад ва иртибот аст, ки шаҳрвандони кишвар якдигарро беҳтар мешиносанд ва бад-ин васила ҳамбастагии миллӣ фароҳам мегардад. Ҳамчунин роҳи ҳамгироии сиёсӣ дар дохили кишварро ҳамвор мекунад. Дар ин росто, амнияти кишвар ҳам аз суботи бештар бархӯрдор мешавад. Ва ҳам дар натиҷаи ҳамкорӣ, мардуми кишвар ба ҳамдигар кумак карда, ба як низоми муайяни ҳамкорӣ мерасанд, ки ин низ худ натиҷаи мусбат ва барои рушду суботи кишвар нақши муҳим дорад. Зеро ҳар гуна система, низом ва қоидаи умумӣ, дар натиҷаи ҳамкорӣ ба вуҷуд меояд. [7, 42]

Дар охир, ба унвони натиҷагирӣ, ҳамчун пешниҳод барои мардум ва ҳукумат тавсияҳои зерин пешниҳод мешаванд. Хеле хуб мешуд, агар ҳукумат дар ин замина кӯшиш кунад, ки танҳо нақши назоратӣ ва

машваратӣ дошта бошад ва бештар ин соҳаи сайёҳиро ба бахши хусусӣ вогузор кунад, дар натиҷа ин соҳа беҳтар рушд хоҳад намуд. Албатта, дар заминаи корҳои идорӣ ва қонунгузории соҳаи сайёҳӣ нақш ва мусоидати ҳукумат мавриди таваҷҷуҳ аст. Ин барои худи ҳукумат ҳам хуб аст, зеро масрафҳо ва ташвишҳо камтар мешавад. Ҳукумат, дар ин маврид бояд нақши "ҳукумати ҳадди ақаллӣ"-ро дошта бошад..

Ҳамчунин ҳукумат тавассути барномаҳои телевизионӣ ва ё дигар воситаҳои ахбори омма, ба мардум фарҳанги сайёҳӣ, масъалаҳои қабули тафовутҳо, эҳтиром ба фарҳанги маҳаллӣ, хизматрасонӣ ва меҳмонпазирӣ ва меҳмоншавиро таблиғу тавзеҳ намояд. Барномаҳое таҳия карда шаванд, ки дар онҳо фарҳангҳои мардуми маҳаллии ҳар минтақа ба таври пурра фаҳмонда шавад ва вижагиҳои фарҳангӣ, ҷуғрофӣ ва истироҳатии минтақа муаррифӣ карда шавад, ки он албатта, барои ҷалби сайёҳон ва меҳмонон мусоидат хоҳад кард.

Иҷрои баъзе барномаҳо дар соҳаи маориф ва таҳсилот низ, аҳамияти калон дорад. Дар донишгоҳҳо ва ё дигар ниҳодҳои таълимию фарҳангӣ аз рӯйи як китоби таърихи халқи тоҷик, озмун эълон карда шавад ва ғолибони озмунро барои сайру саёҳат ба минтақаҳои таърихӣ баранд. Бо ин кор ҳам сатҳи огоҳӣ ва дониши ҷавонон баланд мешавад ва ҳам минтақаҳои кишвари худро тамошо мекунанд. Худи ин кор, заминаи сайёҳии дохилиро дар оянда тақвият намуда, дар маҷмуъ заминаи ҳамбастагии миллиро фароҳам мекунанд.

Имтиёз ва имкон додан ба донишҷӯёни як минтақа барои идомаи таҳсил дар донишгоҳҳои минтақаҳои дигар як иқдоми муҳими таҳкими ҳамбастагии миллат ба шумор меравад. Масалан, имкон дода шавад, ки як донишҷӯи Донишгоҳи миллӣ, як соли таҳсилии худро дар Донишгоҳи Хоруғ - албатта аз рӯйи ихтисоси худ гузаронад. Ё аз Донишгоҳи Хуҷанд дар донишгоҳҳои Бохтар ё Данғара. Ин таҷриба дар кишварҳои дигар дида шудааст.

Истифодаи ҳар чи бештар аз таблиғот ва реклама, гарчанде ки фақат бо реклама ҳеҷ коре ҳаллу фасл намешавад. Бо сохтани истиқоматгоҳҳои арзон дар минтақаҳои истироҳатии дурдаст, бо фароҳам кардани шароити буду бош ва ғайра бояд шароитро фароҳам намуд.

Мардум низ дар навбати худ, пеш аз сафар ба як минтақаи ношиноси кишвар аввал дар бораи вижагиҳои он минтақа омӯзанд, ҳарчанд ки сокинони кишвар аз ҳамдигар фарқи зиёд надоранд, аммо ба ҳар ҳол иттилои пешакӣ доштан хеле хуб аст. Дар ғайри ин сурат, шояд чизҳое бошад, ки боиси шигифтӣ гардад. Масалан, пеш аз сафар бояд як хуҷандӣ донад, ки дар ҷануби кишвар ба касе "ту" гуфтан ин нишонаи беҳурматӣ нест. Эҳтимоли пеш омадани ин гуна масъалаҳо дар ҳамаи минтақаҳо дур нест.

Дар сурати имкон, махсусан ҷавонон, ба ҳар ҷое, ки сафар мекунанд, акс, видео ва навиштаҷоте дар бораи он маҳал пахш кунанд. То ин ки ҳам

дохилиҳо ва ҳам хориҷиҳо дар мавриди он минтақа бештар бохабар бошанд. Албатта, танқид кардан осон аст, беҳтар аст, ки камбудиҳо ба аҳли ҳамон маҳал оромона тавзеҳ дода шаванд. Набояд фаромӯш намуд, ки инсонҳо аз ҳамдигар фарқ доранд, мардуми як маҳал аз маҳали дигар ва як минтақа аз минтақаи дигар фарқ мекунанд. Тафовуту фарқиятҳоро бояд оддӣ ва табиӣ қабул кунем.

Масъалаи таблиғот ва иттилоърасонӣ аз аҳамияти бахусус бархӯрдор аст. Махсусан, ҷавонон, ки дар ҳама шабакаҳои иҷтимоӣ фаол ҳастанд, аз ин шабакаҳо ба таври хеле хуб мешавад истифода кард. Аз ҳар минтақае, ки диду боздид сурат мегирад, дар бораи он ҷо мешавад сафарномаҳои кутоҳ навишт ва ғайра. Сайёҳони хориҷӣ дар ин заминаҳо хеле фаъол ҳастанд ва сайёҳони дохилӣ  низ барои муаррифии диёри худ бояд саҳмгузор бошанд. Табиист, ки он чи дар боло зикр гардид, сирфан вазифаи давлат нест ва ҳар шаҳрванде, ки ҳисси масъулият дорад, метавонад ин корҳоро анҷом диҳад.

**Адабиёт:**


1. Баширия Ҳусейн. Дебочае бар мафҳуми ҳамбастагии миллӣ. Маҷаллаи ҷомеашиносон  - 2008, -97 с.
2. Беҳафрӯз Фотима, Заминаҳои ғолиб дар ҷуғрофияи инсонӣ. Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1993, -248 с.
3. Дастрас дар: http://www.mfa.tj.
4. Қарахлӯ Маҳдӣ, Таҳкими ҳамбастагии миллӣ бо таъкид бар унсурҳои ҷуғрофияи фарҳангӣ. Фаслномаи пажӯҳишҳои ҷуғрофӣ, шумораи 46, 2003, -168 с.
5. Маводи Конфронси ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20 солагии ҷашни Ваҳдати миллӣ, 23 июни 2017, қобили дастрасӣ дар: http://mfa.tj/en/?l=tj&cat=8&art=2443
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2017, қобили дастрасӣ дар: http://www.president.tj/node/16771
7. Раҷабнасаб Ҳамид. Рушд ва ҳамбастагии миллӣ, рисолаи магистрӣ, Донишкадаи ҳуқуқ ва сиёсати Донишгоҳи Теҳрон, 2001, -120 с.
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 http://mfa.tj/files/20октябрь(1).pdf
9. Ҷалоипур Ҳамидризо. Иллати буҳрони Курдистон пас аз инқилоб. Интишороти Вазорати хориҷа, чопи аввал, Теҳрон, 1993,- 202 с.
10. Grec Richards, Tourism and the World of Culture and Heritage, Journal – Tourism Recreation Research Volume 25, 2000, 80 p , Published Online. Aviable at: https://www.tandfonline.com/doi/abs/10.1080/02508281. 2000.11014896

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ИДОРАКУНИИ САНОАТИ САЙЁҲӢ

***Хайриддини Аслиддин*** - *муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва илмҳои табиатшиносии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.:(+992) 937 409 000, E-mail: khairiddin.it@gmail.com*

***Ғаюров Фаридун Зоирхонович*** - *донишҷӯи соли дуюми факултети идоракунии давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992) 93 768 88 82.*

Дар мақола самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар идоракунии саноати сайёҳӣ баррасӣ мегардад. Қобили қайд аст, ки тараққиёти босуръати техникаи компютерӣ ва густариши шабакаи Интернет дар идоракунии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ нақши назаррас доранд. Муаллифон дар мақола вижагиҳои истифодаи технологияҳои иттилоотиро бо мақсади роҳандозии хизматрасониҳои муосир, дар сатҳи ҷаҳонӣ, ба сайёҳон мавриди баррасӣ қарор додаанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *сайёҳӣ, технологияҳои иттилоотӣ, шабакаи Интернет, худкорсозии фаъолият, саноати сайёҳӣ, таъминоти барномавӣ, хизматрасонии шабакавӣ*

## РОЛЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УПРАВЛЕНИИ ТУРИСТИЧЕСКОЙ ИНДУСТРИЕЙ

***Хайриддини Аслиддин*** - *старший преподаватель кафедры информационных технологий и естественных наук Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.:(+992) 937 409 000, e-mail: khairiddin.it@gmail.com.*

***Гаюров Фаридун Зоирхонович*** - *студент второго курса факультета государственного управления Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003,г. Душанбе, ул. Саида Носира 33. тел.: (+992) 93 768 88 82.*

В статье рассматривается эффективность использования информационных технологий в управлении туризмом. Следует отметить, что ускоренное развитие компьютерной техники и Интернета играет важную роль в управлении туристическими компаниями. Авторы анализирует особенности использования информационных технологий с целью внедрения и оказания современных услуг по мировым стандартам обслуживания туристов.

***Ключевые слова:*** *туризм, информационная технология, сеть Интернет, автоматизация деятельность, туристическая индустрия, программное обеспечение, сетевой сервис*

## THE IMPORTANCE OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE MANAGEMENT OF THE TOURIST INDUSTRY

***Khayriddini Asliddin*** - *Senior Lecture of Department of Information Technologies and Natural Sciences, Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33, phone: (+ 992) 937 409 000, e-mail: khairiddin.it@gmail.com.*

***Ghajurov Faridun Zoirkhonovich*** *– a second year student of the faculty of Public Administration of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str. 33. phone: (+992) 93 768 88 82.*

The article discusses the effectiveness of the use of information technologies in the management of tourism. It should be noted that the accelerated development of computer technologies and the Internet plays an important role in the management of travel companies. Authors analyze the features of the use of information technology in order to implement and provide modern services in international standards of tourist service.

***Keywords:*** *tourism, information technologies, Internet, automatization activities, tourist industry, software, network service*

Тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ ва бунёд намудани иншоотҳои санаторию истироҳатӣ дар ҷумҳурӣ ҳамзамон ба сохтани нуқтаҳое, ки ҳунарҳои мардумӣ дар он ҷо ба намоиш гузошта мешавад, ба манфиати кор аст ва ин омил метавонад аҳамияти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавӣ дошта бошад. Қобили қайд аст, ки барои як қатор мамлакатҳо ва минтақаҳо саноати сайёҳӣ манбаи асосии даромад ба ҳисоб рафта, дар эҷоди ҷойҳои нави корӣ заминагузор буда, робитаҳоро дар самтҳои иқтисодию иҷтимоӣ бо кишварҳои гуногун, густариш медиҳад. Барои рушди соҳа, дар ҷумҳурӣ истифода аз дастовардҳои навтарини муосири технологияи иттилоотӣ, таъминоти барномавӣ ҷиҳати худкорсозии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ, инчунин шабакаҳои компютерӣ низ зарур мебошанд.

Дар шароити кунунӣ зиндагии рӯзмарра ва тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонро бидуни технологияҳои иттилоотии навин ва шабакаҳои густардаи иҷтимоӣ – Интернет наметавон тасаввур намуд, зеро ҳар як соҳа ба коркарди ҳаҷми калони иттилоот ва хадамоти иттилоотӣ ниёзманд мебошад. Воситаи тавонотарин ва ҳамакораи коркарди иттилоот компютер маҳсуб гардида, тақвиятбахши нерӯи зеҳнии инсон ба ҳисоб меравад. Дар робита ба технологияи иттилоотӣ ва татбиқи техникаи

ҳисоббарор имконияти идоракунии ҳаҷми калони иттилоот ба вуҷуд меояд. Дар асл онҳо маҷмӯи илмҳои технологӣ-муҳандисӣ мебошанд, ки барои ташкили фаъолияти ҳаётии ҷомеаи муосир заруранд ва равандҳои иттилоотро дар масофаҳои калон ва дар кӯтоҳтарин муҳлат коркард ва амалӣ месозанд [6].

Афзоиши босуръати иқтидори билқувваи технологияҳои иттилоотӣ, инчунин коҳиш ёфтани хароҷот дар соҳаи истеҳсолот, сатҳи зиндагиро беҳтар гардонида, имконияти навро барои одамон фароҳам меорад. Ҳамин тавр, технологияҳои иттилоотии муосир ба тамоми самтҳои фаъолияти инсон реша давонда, бе истифодаи онҳо кору фаъолият душвор ва мураккаб мегардад.

Азбаски технологияи иттилоотӣ қодир аст, ки хароҷоти ҳадди ақалро ҳангоми коркард, интиқол ва нигоҳдории иттилоот таъмин намояд, аз ин рӯ, даромаднокии соҳаи истеҳсолот зиёд мегардад. Ғайр аз ин, технологияҳои иттилоотии муттасил пешраванда мунтазам маҳсулоти навро пешниҳод мекунанд, масалан таъминоти барномавӣ ё равандҳои ёририрасон. Бо дарназардошти ин на танҳо олоти меҳнати инсон таъмин карда мешавад, балки арзиши маҳсулоти ёрирасон коҳиш меёбад.

Ҳар як инсони муосир метавонад якчанд афзалиятҳои технологияҳои иттилоотро номбар намояд. Ғайр аз ин, ҳатто ягон соҳа ё самти фаъолиятеро номбар кардан душвор аст, ки дар он чунин навъи технология татбиқ нашуда бошад. Бояд қайд кард, ки равандҳои муҳими истеҳсолӣ, бахшҳои хизматрасонӣ ё истироҳат ва дигар самтҳои фаъолияти инсон аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ истифода ва баҳрабардорӣ менамоянд.

Сайёҳӣ соҳаи тараққикардаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Мавҷудияти компютери инфиродӣ бо бастаи барномаҳои оффисии насбшуда имкон медиҳад, ки ширкатҳои туристӣ функсияҳои зарурии марбут ба мубодилаи ҳуҷҷатии корхонаро самаранок иҷро кунанд. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки татбиқи асосии таъминоти барномавиро дар тиҷорати туристӣ истифодаи пойгоҳи додаҳо ташкил медиҳад.

Барои худкорсозии фаъолияти ширкатҳои туристӣ таъминоти барномавии таъйиноти махсус рӯйи кор омадааст. Барномаҳои худкорсозии фаъолияти ширкатҳои туристӣ PHP TRAVELS, OTRAMS, Dolphin, Traviola, Toogo, TraNxt Travel Technology, Travel Agency Tools, Travelomatix, ClientBase, Travel LED ва ғайраҳо маъмултарин ба ҳисоб мераванд. Инчунин хоҳишмандон метавонанд барои дастрасии таъминоти барномавии сайёҳӣ аз сомонаи https://www.capterra.com истифода намоянд.

Дар натиҷа, қайд намудан лозим аст, ки татбиқи компютерҳои инфиродии муосир ва таъминоти барномавии оффисӣ ба ширкатҳои сайёҳӣ имкон медиҳад, ки бисёр масъалаҳоро дар самтҳои зерин: коркарди ҳуҷҷатҳо; таъмини мубодилаи ҳуҷҷатҳо; омодасозии шартнома ва созишномаҳо; ҳисоботи натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ дар идораи

пойгоҳи додаҳои муштариён, фурӯши маҳсулот ва ғайра самаранок ҳал намоянд.

Истифодаи компютерҳои инфиродӣ дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ самаранокии баландро дар якҷоясозии ҳамаи компютерҳои шабака доро мебошад. Истифодаи шабакаҳо имконияти сохтани якчанд ҷойҳои бо ҳам алоқамандро фароҳам оварда, метавонад пойгоҳи додаҳоро байни корбарони гуногун ба тартиб дароранд. Ҳамин тавр, ташкили андухтани додаҳои бисёр дар пойгоҳи додаҳои ширкатҳо мураттабсозии онҳоро байни корбарон таъмин мекунад ва метавон мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳоро амалӣ кард. Албатта, ин амалиёт имкон фароҳам меоварад, ки ширкати бекоғаз сохта шавад.

Консепсияи ширкати бекоғаз на танҳо бо интиқоли мубодилаи электронии ҳуҷҷатҳо маҳдуд мегардад, балки ба имконияти технологияи шабакавӣ, ҳамчун олоти идоракунии ширкат баҳо дода мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки татбиқи технологияи шабакавӣ қодир аст сатҳ ва сифати хизматрасониро баланд бардошта, самаранокии фурӯшро зиёд гардонад. Дар натиҷа, ин омил метавонад қурби иттилоотро боз ҳам ба дараҷаи болотар бардорад.

Саноати сайёҳӣ дар солҳои охир пурра таҳти таъсири хеле ҳам ҷиддии технологияи компютерӣ қарор гирифтааст. Дар шароити кунунӣ ширкатҳои хурдтарини сайёҳӣ низ аз компютерҳо дар худкорсозии равандҳои фаъолияташон баҳрабардорӣ менамоянд. Ҳатто як лаҳзаи кӯтоҳ набудани дастрасӣ ба шабакаҳои саросарӣ аз ҷумла Интернет ба фалаҷшавии низоми кории ширкатҳои сайёҳӣ боис хоҳад гардид.

Саноати сайёҳӣ ба монанди дигар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар дар татбиқи технологияи компютерӣ мутобиқ ва мутеъ гардидааст. Барои роҳандозии фаъолият дар саноати сайёҳӣ низомҳои худкори мухталиф таҳия гардида, бо мурури замон онҳо мукаммал мегарданд. Ин низомҳо дар лаҳзаҳои кӯтоҳтарини вақт оид ба дастрасӣ ба воситаҳои нақлиёт, имконияти фармоиш додани ҷой дар меҳмонхона ва мавҷуд будани роҳхати сайру сайёҳатҳо иттилоот пешниҳод намуда, имконияти дохил намудани ислоҳот дар хизматрасониҳоро доро мебошанд. Ба таври худкор бақайдгирии санадҳои зарурии сайёҳӣ, харидани чиптаҳои нақлиёти мухталиф, ташкилкунии роҳбаладҳо, таъминоти иттилоотӣ ва дигар имкониятҳоро низомҳои худкори соҳавии сайёҳӣ доро мебошанд. [3,167]

Равандҳои муосири татбиқи технологияи компютерӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ аз худкорсозии фаъолиятҳои ҷузъҳои алоҳидаи кормандони ширкат то сатҳи пурраи фаъолияти ширкатро фаро мегирад ва худкорсозии системавиро ташкил медиҳад.

Хушбахтона, солҳои ахир ширкатҳои сайёҳии кишвар фаъолияти кории худро дар асоси барномаҳои муосири худкори компютерӣ роҳандозӣ намуда, нисбат ба солҳои пешин ба натиҷаҳои зерин комёб гардиданд:

❖ Тоҷикистон узви комилҳуқуқи бозори ҷаҳонии технологияи иттилоотӣ гардидааст. Бинобар ин ҳам, ширкатҳои сайёҳӣ дар лоиҳаҳои

дилхоҳ тамоми дастовардҳои муосири коркарди иттилоотиро бо арзиши муайян дастрас ва аз он баҳрабардорӣ менамоянд;

❖ Амалан, барои истифодаи таъминоти техникӣ дар кишвари мо маҳдудият вуҷуд надорад. Имкониятҳои ҳисоббарорӣ дар захиракунӣ ва мубодилаи иттилоот, таҳияи муҳити ҳамоҳангсозии дӯстона ба қадре зиёданд, ки сатҳ ва сифати коркарди технологӣ танҳо аз касбияти истеҳсолкунанда вобаста аст;

❖ Бозори воситаҳои техникӣ, афзорҳои техникии аз ҳад зиёд ва мухталифро дар бар мегирад. Бинобар ин, шароити интихоби таҷҳизот бо имкониятҳои баланди амалкард, хосиятҳои мухталиф аз қабили сифат, нархи мувофиқ ва ғайра ҳамеша мавҷуд аст;

❖ Тавсеаи бозори технологии иттилоотӣ мусоидат намуд, ки арзиши маҷмӯи технологияи иттилоотӣ арзон шуда, имкониятҳои вазифавии онҳо, нисбатан зиёд гарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз самтҳои зерини вусъатёфтаи технологияи иттилоотии саноати сайёҳӣ ба вуҷуд омадаанд:

❖ худкорсозии фаъолияти ширкат дар алоҳидагӣ;

❖ татбиқи барномаҳои амалии худкор дар ташкил, пешбарии фаъолият ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ;

❖ баҳрабардорӣ аз низоми идоракунии пойгоҳи додаҳо;

❖ татбиқи низомҳои телекоммуникатсионии фармоиши ҷой дар меҳмонхонаҳо, сайёҳат ва воситаҳои нақлиёти мухталиф;

❖ баҳрабардорӣ аз низомҳои чандрасонаии маркетингӣ;

❖ истифода\ аз шабакаи саросарии Интернет[4,166]

Тараққиёти босуръати техникаи компютерӣ дар ҳоли ҳозир шабакаи Интернетро воситаи пуриқтидори мубодилаи иттилооти системаҳои иттилоотии сарорсарӣ гардонида, дар ташкили сайёҳӣ якчанд самтҳои амалиро ба вуҷуд меорад.

Самти якуми истифодаи имкониятҳои шабакаи Интернет манбаи иттилоотиро барои гузаронидани таҳқиқот ва таҳлилҳои гуногун бо мақсади ташкили фаъолияти сайёҳӣ, яъне ҳангоми гузаронидани таҳқиқот ва таҳлили вазъият ва самти рушди туристӣ, ҷустуҷӯи шарикон, дастрас намудани иттилоот дар бораи кишварҳо, фарҳанги онҳо, манзараҳои тамошобоб, таърих, мавзеъҳои сайёҳии ҷалбкунандаи сайёҳон дастрас намудани иттилоот дар бораи вазъи иқлим, обу ҳаво, ҷадвали хатсайрҳои ширкатҳои ҳавоӣ, роҳи оҳан ва ғайраро фаро мегирад.

Самти дуюми истифодаи шабакаи Интернет, аз сохтани сомонаҳои махсус ва пешниҳод намудани шаклҳои гуногуни хизматрасонӣ ба сайёҳон иборат мебошад. Тараққиёти серверҳои интернетӣ ва саҳми онҳо барои пешниҳоди хизматрасониҳои касбӣ дар фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ҳамчун мисоли тиҷорати электронӣ идрок мешаванд. Лекин бояд қайд кард, ки ташкили web-сомонаҳои шахсӣ дар шабакаи Интернет алҳол яке аз ҷузъиёти муҳим дар мавҷудияти стратегияи маркетингии ширкатҳои сайёҳӣ мебошад. Ғайр аз ин web-сафҳаҳо дар ташкили фаъолияти сайёҳӣ

ҷузъиёти муҳим ба ҳисоб рафта, метавонанд диққати сайёҳонро ба худ ҷалб намоянд ва хизматрасониҳоро мувофиқи талаботи бозор роҳандозӣ намоянд.

Низомҳои худкори технологияи иттилоотӣ ва шабакавии дар реҷаи вақти воқеӣ амалкунанда, фаъолияти пурмаҳсул ва самараноки ширкатҳои сайёҳиро вусъат бахшида, барои қабули дурусти қарорҳои идоракунӣ мусоидат менамоянд ва онҳоро дар бозор рақобатпазир мегардонанд.

**Адабиёт:**

1.Диловаров Р.Д., Ёров Ҷ.Н., Сайфуллоев Н.Н. Асосҳои туризм. Душанбе, 2014, -314 с.

2.Комилов Ф.С. Информатика ва технологияҳои иттилоотӣ. Душанбе: Маориф, 2016, -366 с.

3.Шарапов Д.С., Қодиров А.Н., Гадоев А.Ф. Технологияи иттилоотӣ дар туризм. Душанбе, 2014, -256 с.

4.Шарапов Д.С., Қодиров А.Н., Гадоев А.Ф. Технологияи иттилоотии шабакавӣ, Душанбе, 2014, -256 с.

5.https://www.capterra.com/travel-agency-software.

6.ЗленкоД.Г. Использование информационных технологий в туризме, Научный вестник ЮИМ №4-2014, С.6

## РУШДИ ЗАБОНШИНОСИИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Раҳимов Фарҳод*** *– аспиранти кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №16, тел.: (+992907905925; e-mail: Farhod_Rahimov@mail.ru*

Дар мақола сухан дар бораи забоншиносии компютерӣ ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад, ки имруз яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин масъалаи стандарткунонии ҳуруфи хоси забони тоҷикӣ дар шабакаи Интернет ва ҷойгир намудани онҳо дар системаҳои амалиётӣ, бавижа системаи амалиётии Windows низ масъалаи муҳим мебошад. Пайдоиш ва рушди забоншиносии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли як қатор масъалаҳои ҷойдошта дар самти забоншиносӣ мусоидат менамояд.

***Калидвожаҳо:*** *забоншиносӣ, ҳуруф, Интернет, шабака, пайкара, компютер, технология, иттилоот*

## РАЗВИТИЕ КОМПЮТЕРНОЙ ЛИНГВИСТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Рахимов Фарход*** *– аспирант кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета, г. Душанбе, Буни хисорак, студентческий городок, учебный корпус №16, тел.:(+992) 907905925; e-mail: Farhod_Rahimov@mail.ru*

В статье рассматриваются вопросы компьютерной лингвистики и ее развития в Республике Таджикистан, которая является одним из важнейших направлений современного языкознания. Наряду с этим рассмотрены вопросы стандартизации и спецификации таджикского языка в Интернете, а также размещение этих возможностей в операционных системах, в том числе в операционную систему Windows. Появление и разяитие компьютерной лингвистики в Республике Таджикистан способствовали успешному решению ряда вопросов в области лингвистики.

***Ключевые слова:*** *лингвистика, шрифт, Интернет, сеть, корпус, компьютер, технология, информация*

## DEVELOPMENT OF COMPUTER LINGUISTICS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Rahimov Farhod*** - *graduate student of the Department of the History of Language and Typology of the Tajik National University, Dushanbe, Buni hisorak,*

*campus, educational building No. 16, phone: (+992) 907905925; e-mail: Farhod Rahimov@mail.ru*

The article deals with issues of computational linguistics and its development in the Republic of Tajikistan, which is one of the most important areas of modern linguistics. In addition, the issues of standardization and specification of the Tajik language on the Internet, as well as the placement of these features in operating systems, including the Windows operating system, were considered. The development and emergence of computer linguistics in the Republic of Tajikistan contributed to the emergence of a number of issues in the field of linguistics.

***Keywords:*** *linguistics, font, Internet, network, corpus, computer, technology, information.*

Забоншиносии компютерӣ ҳамчун илми муосир муддати начандон тӯлониро аз сар гузаронидааст. Ин илм дар нимаи дувуми асри XX дар баробари пайдоиш ва тараққӣ намудани технологияҳои муосир, яъне компютер арзи вуҷуд намуда, зина ба зина инкишоф меёбад. Забоншиносии компютерӣ як бахши забоншиносии амалӣ ё худ татбиқӣ буда, бо мақсади истифодаи воситаҳои компютерӣ, барномаҳо, технологияҳои иттилоотӣ, истифодаи тарҳрезии компютерии забоншиносӣ ба роҳ монда шудааст.

Бояд гуфт, ки технологияи муосир аз рӯзҳои аввали пайдоиш ва инкишофи худ дар ҷомеаи инсонӣ таҳаввулот ва тағйироти куллиро ба миён овард. Технологияҳои муосир дар тӯли инкишофи худ, батадриҷ тамоми самти фаъолияти инсониро фаро гирифта, дар ин самт кори инсонро даҳчанд осон гардонид. Масалан, дастрасии китобхонаи электронӣ, сомонаҳо, пайкараҳо ва дигар имконоте, ки технологияи иттилоотӣ ҳам барои донишҷӯён ва ҳам барои шахсоне, ки хоҳиши истифода аз ин махзани электрониро доранд, имконоти беҳтаринро дар асри XXI фароҳам овардааст ва барои дастрас намудани захираҳои илмию методӣ, инчунин ташаккули ҷаҳонбинии онҳо кумаки худро пайваста мерасонад.

Солҳои ахир дар як давраи начандон тӯлонӣ татбиқи усулҳои нави технологияи иттилоотӣ дар риштаҳои гуногуни таҳқиқот, махсусан дар соҳаи забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ ба вазоҳат мушоҳида мешавад. Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, рушду пешравии ҳар як риштаи илм дар радифи омӯзиши мафҳумҳои илмӣ, инкишофи сохтори дохилии он, унсурҳо ва меъёрҳои он, инчунин ба дараҷаи истифодаи восита ва методҳои илмӣ низ вобастагии зиёд дорад. Дар айни замон, дар улуми муосири ҷаҳонӣ истифодаи методҳои риёзӣ, хосатан, методҳои оморӣ ва воситаҳои техникаи пешрафтаи компютерию коммуникатсионӣ дар риштаҳои адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ ба ҳукми анъана даромадааст.

Технологияи муосири компютерӣ ва низомҳои коммуникатсионӣ дар маҳфуз доштан ва фавран дастрас намудани мероси ғании адабиёти тоҷику форс ва захираҳои интернетӣ ба забони тоҷикӣ имкониятҳои бағоят васеъ

фароҳам меоварад ва бо ин гуна техника мавриди истифода қарор додани методҳои риёзӣ ва оморӣ барои таҳқиқ дар риштаҳои улуми филологӣ метавонад натиҷаҳои назаррасро дар тасниф ва танзими дақиқи маводи гуногун ба бор оварад.

Имруз башарият вобастаи таҳаввулоти азиме аст, ки онро инқилоби иттилоотӣ низ мегӯянд. Ин инқилоб қодир аст, ки ҳаёти инсон, фаъолият, зист, тарзи андеша ва ҳатто муносибат ба худашро куллан тағйир диҳад. Тафовути он аз инқилобҳои технологии қаблӣ, ки ба моддиёт ва энергия такя мекарданд, дар он аст, ки ба тағйир додани мафҳумҳои бунёдии мо аз қабили вақт, фазо, масофа ва дониш асаргузор шудааст. Ин инқилоб, қабл аз ҳама, равандҳои иттилоотиро дар мадди аввал мегузорад. Ташкилдиҳандаи муҳимтарини ин равандҳо ҳама гуна технологияҳои иттилоотӣ, ба вижа иртибот аз роҳи дур «telecommunication» мебошад. Технологияҳои иттилоотии замонавӣ ба пешрафти воситаҳои компютерӣ ва воситаҳои мухобирот такя мекунанд.

Айни ҳол унсурҳои иттилоот дар фаъолияти ҳамарӯзаи одамон густариш ёфта, теъдоди он афзудааст. Аз ин рӯ, вожаи «иттилоот» (information) дар даврони муосир маънии сеҳромезеро ба худ гирифтааст. Ин истилоҳ бо даҳҳо шаклу таркиб ва иборот ба фарҳангу забонҳои ҷаҳон ворид гаштааст. Табиати инқилоби иттилоотӣ ҳанӯз ҳам, пурра баррасӣ нашудааст, аммо маънои он беш аз пеш ошкор мегардад. Ин аст, ки пешравии технологияҳои иттилоотӣ ба пешравии ҷомеа боис гардида, мафҳуми ҷомеаи иттилоотиро эҷод кардааст. Ҷомеаи иттилоотӣ гуфта ҷомеаеро мегӯянд, ки ҳар як фардро зарур аст, ки аз фарҳанги ҷомеаи иттилоотӣ огоҳ бошад ва бевосита корбарӣ аз технологияи муосирро хуб донад ва тавонад.

Рушди забоншиносии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи маориф дар кишварамон иртибот дорад. Забоншиносии компютерӣ ва ё забоншиносии иттилоотӣ дар системаи маориф дертар ворид гардида, дар соли 1992 дар мактабҳои олии Федератсияи Россия ҳамчун фанни таълимӣ ҷорӣ карда мешавад [1]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забоншиносии компютерӣ ҳамчун самти алоҳидаи таълимӣ дертар ба миён омада, дар соли 2008 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар донишгоҳҳои олии кишвар мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор гирифтааст.

Инчунин рушди забоншиносии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба якчанд мушкилиҳое, ки доир ба системаи хат ва нозукиҳои забони тоҷикӣ дар шабакаи Интернет ҷой доштанд, вобаста буд. Алифбои тоҷикӣ аз соли 1998 дар асоси қоидаҳои нави имло аз 35 ҳарф иборат аст. Аз ин миқдор дар клавиатураи кунунии сирилик ҳарфҳои хоси забони тоҷикӣ Ҳҳ, Ҷҷ, Ғғ, Ққ, Ӯӯ, Ӣӣ бо назардошти истифодаи самаранок ва мувофиқ ҷойгир нашудаанд. Бинобар ин, бо усулҳои гуногун ин ҳарфҳо дар клавиатура ҷойгир шаванд ҳам, вале ҳангоми ба ҳуруфи дигар гузаштан, ҷойи ин аломатҳоро аломатҳои дигари гуногун мегиранд. Пуштибонӣ накардани алифбои

тоҷикӣ дар системаҳои корбурди муосир, махсусан MS Windows, ба он оварда расонид, ки миқдори зиёди худкории ҳуруфи тоҷикӣ пайдо гаштааст.

Ҳангоми истифодаи маводи илмӣ ва ҳуҷҷатҳое, ки бо забони тоҷикӣ ҳуруфчинӣ шудаанд ба сабаби истифодаи ҳуруфи гуногун ҳангоми мутолиаи онҳо шахс ба мушкилӣ дучор мешавад. Масалан, агар ба муассиса ё корхонаҳое, ки низоми ҳуруфи тоҷикии *Times NewRoman Tj* - ро истифода мебаранд, ҳуҷҷатҳои лозимиро бо *A-Tojik* ҳуруфчинӣ карда, пешниҳод кунем, дар натиҷа матни додашуда шакли худро тағйир дода, ба ҷойи ҳарфҳои Ҳҳ, Ҷҷ, Ғғ, Ққ, Ӯӯ, Ӣӣ нишонаи чоркунҷа ва ё ҳарфу аломатҳои дигар алифбоҳо падид меоянд. Дар ин ҳолат кормандони корхона ё муасиса ҳангоми кор бо ҳуҷҷатҳо ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва вақти пурқиммати худро ба ҷустуҷӯи ҳуруфи лозима сарф менамоянд. Аммо ногуфта намонад, ки вақтҳои охир ин мушкилот бартараф шуда истодааст, чунки бисёриҳо ҳуруфҳои маъмулро ба монанди *Palatino Linotype, Times New Roman Tj ва Arial Tj*-ро истифода мебаранд. Ҳангоми фиристодани ҳуҷҷатҳо ҳамроҳи он ирсол намудани системаи ҳуруфи лозимиро набояд фаромӯш кард.

Имрӯз дар шабакаи Интернет зиёда аз 70 намуди шрифти худсохт мавҷуд аст, ки онҳо наметавонанд ба таври комил хусусиятҳои забони тоҷикиро ифода созанд. Захираҳои интернетӣ ба забони тоҷикӣ, асосан бо ҳуруфи Palatino linotype таҳия гардида, дар дохили Тоҷикистон аксари муассисаву корхонаҳо дар муносибатҳои корӣ ҳуруфи *Times New RomanTj*-ро истифода мебаранд.

Ҳарфҳои хоси забони тоҷикӣ бо роҳҳои гуногун дар клавиатура ҷойгир карда мешаванд. Яке аз роҳҳои маъмули он бо истифодаи тугмаҳои Ctrl, Shift, Alt дар тугмаи ҳарфҳои ҳамшакли онҳо ҷойгир кардани ҳарфҳои тоҷикӣ мебошад[1,9].

Ба ғайр аз ин дар ин самт як қатор корҳои омӯзишии дигар дар риштаи забоншиносӣ ҷараён доранд, ки бо амалӣ гаштани ин иқдом боз якчанд мушкилҳои дигар ҳалли худро хоҳанд ёфт. Масалан, дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон татбиқи баъзе хусусиятҳои забони тоҷикиро дар технологияҳои иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд:

♦ таҳлили морфологии калимаҳои тоҷикӣ;

♦ бунёди морфологии калимаҳои тоҷикӣ;

♦ ба ҳиҷоҳо ҷудо намудани калимаҳо;

♦тарҷумаи дохилизабонии калимаҳои мураккаби тоҷикӣ;

♦ бамеъёрдарории баъзе калимаҳои мураккаб, ки тарҷумаи онҳо ба забонҳои дигар ғайриимкон аст;

♦ ба воситаи компютер овоз додан ва талаффузи калимаҳои тоҷикӣ;

♦ ба воситаи технологияҳои иттилоотӣ ёфтани ҳиҷоҳои заданоки калимаҳои тоҷикӣ;

♦ баъзе пешниҳодҳо барои такмили имлои забони тоҷикӣ ва мутобиқсозии махсусиятҳои забони тоҷикӣ бо имконоти технологияи иттилоотӣ;

♦ тавлиди компютерии луғатҳои басомадии калима ва воҳидҳои сарфию наҳвии забони тоҷикӣ;

♦ таҳияи барномаи махсус оид ба вазни шеъри тоҷикӣ.

Татбиқи вижагиҳои забони тоҷикӣ дар технологияҳои иттилоотӣ, пеш аз ҳама ҳаллу фасли масъалаҳои зеринро тақозо менамояд:

- мутобиқ намудани вижагиҳои сарфиву наҳвии забони тоҷикӣ бо имконоти технологияи иттилоотии муосир;

- бо методҳои тарҳрезӣ нишон додани номувофиқатии имлои ҷории забони тоҷикӣ бо технологияи иттилоотӣ;

- номувофиқатии таркиби овозӣ бо алифбои ҷорӣ;

- вайроншавии шакли баъзе ҳарфҳо дар технологияҳои иттилоотӣ.

[ниг.: 1,3,5].

Масъалаи дигаре, ки забоншиносии компютерӣ дар бар мегирад, ин бунёд намудани пайкараи (корпуси) миллии забони тоҷикӣ мебошад. Пеш аз ҳама бояд зикр намуд, ки пайкара ин системаи иттилоотӣ буда, ба ҷамъоварии матнҳои электронӣ дар забонҳои гуногун асос ёфтааст. Дар хусуси он, ки пайкара чӣ лозим аст ва ё пайкараи миллӣ чӣ гуна такмил меёбад, чунин посух гуфтан зарур аст, ки пайкараи миллӣ, пеш аз ҳама, барои таъмини матнҳои гуногун дар таҳқиқоти илмии самтҳои гуногуни забоншиносӣ ва илмҳои дигар ҳамчунин, барои ворид сохтани тағйироти бемайлони равандҳои забонӣ, ки дар давраҳои на он қадар тӯлонӣ ба вуҷуд омадаанд, лозим аст.

Вазифаи дигари пайкара ин пешниҳоди маълумоте аст, ки он ба қисматҳои гуногуни забон вобаста мебошад. Пайкараи миллӣ матнҳои гуногунро аз давраҳои рушду такомули забон дар шакли тайёр пешниҳод менамояд. Дар пайкара матнҳо дар шакли нусхаи асл оварда мешаванд.

Тафовути пайкараи миллӣ аз китобхонаи электронӣ дар он аст, ки агар китобхонаи электронӣ маҷмӯи матнҳои «шавқовар» ё «манфиатнок»-ро дар назар дошта бошад, пайкараи миллӣ тамоми матнҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо чун мавод барои омӯзиши забон истифода мешаванд.

Пайкараи миллии забони тоҷикӣ дар зинаи ибтидоӣ қарор дошта, танҳо кӯшишҳои баанҷомнарасида дар ин самт ҳанӯз дастоварди ҷиддӣ муаррифӣ шуда наметавонанд.

Бо ташаббуси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамкории Мактаби технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, дар сомонаи www.termcom.tj бори аввал пайкараи миллии забони тоҷикӣ тарҳрезӣ ва бунёд гардид. Эҷоди пайкараи забони тоҷикӣ бар пояи на камтар аз 10 миллион вожаи матнҳои тоҷикӣ ба нақша гирифта шудааст [1,28].

Аз рӯйи сохтори пайкараҳои миллии забонҳои муқтадир дар он, пеш аз ҳама, матнҳое ҷойгир мешаванд, ки намоёнгари вижагиҳои забони фаъоли муосир бошанд. Бояд гуфт, ки ба пайкараи миллӣ матнҳое дохил мешаванд, ки қариб ҳама паҳлӯҳо ва доираи фаъолияти забони муосирро дар бар мегиранд. Бавижа намунаи матнҳои осори маъруфтарин ва маҳбубтарин адибони классикии тоҷик Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Ҳофиз, Румӣ ва монанди инҳо фаро гирифта мешавад. Насру назми жанрҳои гуногуни адабиёти муосир матни ба эфир паҳншудаи барномаҳои радио ва телевизиони тоҷик, матни рӯзномаҳо ва ахбор матни маҷаллаҳо, матнҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, матнҳои таҳсилӣ, матнҳои расмӣ-идорӣ ва ҳуқуқӣ, матнҳои луғоту фарҳангҳои маъруфи тоҷикӣ ва дузабона матнҳои маишӣ, номанигорӣ, муоширот ва амсоли ин ворид карда мешаванд. Забоншиносии пайкаравӣ як бахши забоншиносии компютерӣ буда, барои сохтан ва тартиб додани пайкараи миллии забони тоҷикӣ ва пайкараҳои адибони тоҷику форс саҳми беандоза калон дорад.

Барои ноил гардидан ба чунин як дастоварди бузург солҳои тӯлонӣ ва мутахасисони ботаҷрибае лозиманд, то ки тавонанд пайкараи миллии забони тоҷикиро созмон диҳанд ва онро мавриди истифодаи умум қарор диҳанд.

Ҳамин тавр, забоншиносии компютерӣ аз ҷумлаи риштаҳои илм дар ҷаҳони муосир аст, ки бо суръати қиёснопазир рушд намуда, густариш меёбад. Бинобар ин, барои муҳаққиқони соҳа зарур аст, ки дар ин ҷода мунтазам дар омӯзишу пажӯҳиш ва коркарди роҳу усулҳои нави таҳқиқи доимӣ талош варзанд.

**Адабиёт:**

1.Усмонов З.Ҷ., Одинаев Н.С., Исмоилов М.А., Умаров М.А., Олимова П.Н., Ҷаъфарова Д.Ф. Забоншиносии иттилоотӣ. Душанбе: Ирфон, 2010, – 163 с.

2.Трофимова Г. Н. Языковой вкус Интернет-эпохи в Росии: функционирование русского языка в Интернете: концептуально-сущностные доминанты. М.: Изд-во Рунд, 2008 – 300 с.

3. Уланова М.А. Особенности языка в Интернете. М.: Изд-во Аспект Пресс, 2014 – 240 с.

4. Информационные технологии в лингвистике: Учеб. пособие для студ. лингв, фак-тов высш. учеб. заведений / А.В.Зубов, И.И.Зубова — М.: Издательский центр «Академия», 2004. - 208 с.

5. Herring, S. C. (2004). Computer-mediated discourse analysis: An approach to researching online behavior. In: S. A. Barab, R. Kling, and J. H. Gray (Eds.), Designing for Virtual Communities in the Service of Learning, New York: Cambridge University Press: 2004. (pp. 338-376).

6. Culture of the Internet / Ed. by S. Kiesler. -Mahwah, New Jersey: Lawrence Erlbaum Associates, 1997.- 480 p.

# ПЕШВАНДҲОИ СИФАТСОЗ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

***Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна*** *– унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734005, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, тел.:(+992) 98 752 28 68*

Дар ин мақола пешвандҳои сифатсоз дар ғазалиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва роҳҳои ифодаёбии онҳо мавриди таҳлили забонӣ қарор гирифтаанд ва муаллиф дар ин бобат доир ба пешвандҳои сифатсоз ва нақши онҳо дар калимасозӣ маълумот овардааст. Маводи мақола барои забоншиносони ҷавон, унвонҷӯён ва донишҷӯён муфид аст.

***Калидвожаҳо***: *калимасозӣ, сифат, пешванд, морфология, таҳлили морфологӣ, сохтор, ванд, фаъол, камфаъол, таркиби луғавӣ*

# ПРЕФИКСЫ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ГАЗЕЛЯХ ДЖАЛОЛИДДИНА БАЛХИ

***Джихонова Гулджахон Абдурахмоновна –*** *соискатель Таджикского национального университета, 734005, г. Душанбе, проспект Рудаки 17, тел.:(+992) 98 752 28 68*

